# СУРУДҲОИ МАРДУМИИ КӮЛОБ

Душанбе
«Адиб»
2015

ББК 84 Тоҷик 7-5
С–35

Зери назари
*академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*
***Абдуҷаббор Раҳмонзода***

Мураттибон:
***Давлат Сафар*** *ва* ***Гурез Сафар***

Муҳаррир ***Хайрандеш***

**С–35** **Сурудҳои мардумии Кӯлоб**.
– Душанбе, “Адиб”, 2015, 240 саҳ.

Дар ин китоб беҳтарин намунаҳои рубоӣ, дубайтӣ ва сурудҳои халқӣ, инчунин чанде аз сурудҳои шоирони минтақаи Кӯлоб, ки дар ҳавои сурудҳои халқӣ эҷод шудаанд, пешкаши хонандаи хушзавқ мегардад.

Китоб ба ифтихори ҷашнвораи 700-солагии шоир ва орифи бузург Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва ҳамчун шаҳри фарҳангӣ унвон гирифтани Кӯлобшаҳри бостонӣ дар ҳудуди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил интишор гардидааст.

ISBN 978-99947-2-395-9

© Нашриёти “Адиб”, 2015

# СУРУДУ ОФАРИДАҲОИ МАРДУМӢ ГАНҶИНАИ БЕБАҲОИ ХАЛҚАНД

Мардуми Хатлон аз қадим бо шеъру мусиқӣ алоқамандии хосса дошта, дар баробари дигар сокинони Тоҷикистони азиз худро ҳифозатгар ва идомабахши санъати волои пешиниён медонанд. Онҳо дар тӯли таърих бо як меҳру муҳаббат орзуву омоли худро дар шеъру мусиқӣ баён карда, рубоиву дубайтӣ, таронаву ғазал, қиссаву афсона, ривояту достон, сурудҳои ғиноиву мавсимӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва шеъргунаҳои зиёдеро эҷод кардаанд, ки ҳар кадом аз давраи қадим то ба имрӯз сина ба сина, даҳон ба даҳон то ба замони мо расида, бори дигар аз мардуми сухандон ва сухансанҷ будани хатлониён дарак медиҳанд.

Боиси таассуф аст, ки дар тӯли таърих то даврони Истиқлолият Хатлон борҳо зери ҳамлаи арабу муғул, туркони қарахониву салҷуқӣ, темуриёну манғитиён қарор гирифта, на танҳо макону манзил, кушкҳову қалъаҳо ва мамнуъгоҳу боғҳои сарсабзу хуррамашон аз байн рафтаанд, балки сарчашмаҳои зиёди таърихӣ, ёдгориҳои фарҳангию маънавӣ, осори бойи шифоҳиву хаттии онҳо низ талафоти бузург дидаанд. Мувофиқи сарчашмаҳо Хатлон то замони араб мисли шаҳрҳои Балху Бухоро, Самарқанду Панҷакент, Зобулу Кобул ободу зебо ва яке аз марказҳои фарҳангӣ ба шумор мерафтааст. Вале бо фаро расидани ҳуҷуми арабҳо қисме аз марказҳои аҳолинишини Хатлон аз байн рафта, деҳаву кушкҳо, шаҳру шаҳристонҳои зебо несту валангор шудаанд. Аз ҷумла, барои гирифтани қалъаи Хулбук, ки маркази Хатлон ба ҳисоб мерафт, арабҳо талафоти зиёди ҷониву хисороти маънавӣ додаанд. Забти қалъа барои арабҳо осон муяссар нашудааст, чунки родмардон ва аҳолии бонангу номус ва

қавиироде хатлонӣ то қувваи охирин ва лаҳазоти вопасини набарду мубориза истодагарӣ карда, ҳазорҳо нафарашон ҷони худро қурбони роҳи адолат ва озодӣ намудаанд.

Арабҳо ду маротиба ба ин қалъа бо қувваи ниҳоят зиёд ҳуҷум карда, танҳо бори дуюм ба онҳо муяссар мешавад, ки ин рамзи матонатро забт намоянд. Муҳаммад Ибни Ҷарири Табарӣ дар китоби «Таъриху-р-расули ва-л-мулук» доир ба ин ҳодисаҳои даҳшатбор маълумот дода, онро ба соли 119 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба соли 737 мелодӣ медонад. Мувофиқи ахбори ин таърихдони бузург волӣ ва сарлашкари Хуросон Асад ибни Абдулло ба Хатлон ҳуҷум карда, дафъаи аввал ба хатлониён ғолиб омада наметавонад ва лашкари Асад мағлуб мегардад ва ӯ ба Балх ақибнишинӣ менамояд. Мувофиқи нақли Табарӣ худи Асад мегӯяд, ки «Дирӯз хоқон ба мо муқобил шуд ва бар мо зафар ёфт….»[1]

Баъди ин шикаст Асад дуюмбора ба Балх ақибнишинӣ намуда, қувваи нав ҷамъ менамояд ва боз ба сӯи Хатлон мешитобад ва барои забт кардани ин дижи сангин ва шикасти мардуми бошуҷоаташ талош мекунад. Баъди набардҳои зиёд, талафоти вазнин ва ҳуҷумҳои пай дар пай Асад ғолиб мешавад ва қалъаро гирифта, онро бо тамоми сарбозони далераш ба хок баробар мекунад. Ҳамин дарду андуҳ ва ҷароҳати сахтро халқ таҳаммул накарда, дар сурудҳояшон, ки аз фидокорию ҷоннисории мардуми далери хатлонӣ ёд мешавад, тасвир карда, бо мазоқу истеҳзо Асаду сарбозони ӯро ҳаҷв мекунанд. Аввалин намунаи шеъри шифоҳие, ки дар таърихи адабиёти

[1] Муҳаммад Ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-расули ва-л-мулук. Бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ. Иборат аз 16 ҷилд дар 8 китоб. Китоби 5.- Душанбе: Сарредаксияи энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014.- Саҳ.3700.

шифоҳӣ ва хаттӣ сабт гардидааст, маҳсули тахайюли мардуми Хатлон мебошад. Сарояндаи халқӣ бо як дарду алам, бо як ситеза ва шуҷоату матонат ин шеърро суруда, иродаи қавӣ, ҷасорати баланди мардуми Хатлонро ситоиш карда, шикасти Асадро мазоҳу истеҳзо намудааст. Ин ҳодисаро Табарӣ қайд карда, аз ҷумла мегӯяд: «Асад ба сӯи Балх рафт ва дар марғзори он урду зад, то зимистон биёмад. Он гоҳ касон дар хонаҳо пароканда шуданд ва ӯ вориди шаҳр шуд». Дар бораи ин ғазо хитобан ба вай шеъре гуфтанд ба порсӣ:

*Аз Хутталон омадия,*
*Ба рӯ табоҳ омадия,*
*Обор боз омадия*
*Хушки низор омадия.*[1]

Ин суруди шифоҳӣ бори дигар шуҷоат ва корнамоиҳои мардуми Хатлон ва родмардию диловарии онҳоро ба муқобили аҷнабиёни араб тасдиқ карда, исботи сухандону сухансанҷ будани халқи тоҷик аз ҷумла мардуми Хатлон мебошад. Дар ин шеър хело самимӣ ва бо эҳсосоти амиқ ғурури сокинони Хатлон, далерии онҳо ва рӯҳи шикастнопазири эшон тасвир ёфтааст. Бо ишораи бисёр зебои Табарӣ, ки мегӯяд «касон» хона ба хона гардиданд, фурсате барои андешаву ҳис пайдо шуда будааст, ки ин шеър тавлид гардидааст. Дар миёни ин мардум албатта шоирон, муъбадон ва сарояндагони халқӣ низ будаанд, ки ин сурудҳои ватандӯстонаро бо эҳсосоти амиқ, сари вақт ба хотири рӯҳбаландии сарбозону мардумони ғаюри хатлонӣ таълиф кардаанд, ки он дар як муддати кӯтоҳ байни халқ паҳн шуда, то замони мо ҳамчун нишонаи беназири сухани муҳокотдор ва намунаи асили шеър ба мерос мондааст.

[1] Ҳамон ҷо, саҳ. 3704.

Ин сарояндагони халқӣ дар ҳамон давра бо забони фасеҳи тоҷикӣ шеъри ноб эҷод карда, аз худ нишонаи бузурги маънавӣ ба ёдгор гузоштаанд. Вале дар натиҷаи ғорату кушторҳо ва ҳуҷуму ҳаробиовариҳо қисми зиёди ин ганҷинаҳои бебаҳои маънавии халқ аз байн рафта, боқимондаҳояшон дар сарчашмаҳои таърихиву хаттӣ ба ёдгор мондаанд.

Пас аз арабҳо боз дар замони қарахониён Бӯритегин ва дар замони салҷуқиён Алпарслон ба Хатлон ҳуҷум карда, онро талаву тороҷ менамоянд. Мардуми Хатлон аз ин ҳамлаи аду рӯҳафтода нашуда, дар Кӯлоб боз қалъаи бошукӯҳе бунёд мекунанд ва онро рамзи ғуруру ҷавонмардӣ, матонату ҷасорат ва ҳимояти мардуми диёрашон эълон месозанд. Ин қалъа бо меҳнату заҳмати беҳтарин меъморон, ҳунармандон ва наққошон бунёд гардида, ҳамчун дижи сангину пӯлодин барои ҳимояи халқ то аввали садаи XVI хидмат намудааст. Мутаассифона, дар замони шайбониён чанд маротиба Абдуллохон ба Кӯлоб ҳуҷум карда, баъди кӯшишҳои зиёд Кӯлобро ба тобеияти худ медарорад ва мардони ин диёрро аз дами теғ гузаронида, ғанимати зиёде бо худ гирифта, қалъаро аз қаҳру ғазаби зиёд пурра ба хок ҳамвор мекунад. Яке аз шоирони барҷастаи ҳамон замон Абдураҳмони Мушфиқӣ шуҷоату корнамоии волии Кӯлобро тасвир карда, дар як қасидаи худ истодагарии сарбозони қалъаро чунин тасвир менамояд:

*Волии Кӯлобро дар қалъа гар обе намонд,*
*Қалъаи ӯ чашма-чашмаст аз нишони зарби санг.*[1]

Баъди ба даст овардани Истиқлолият ба шарофати амали неку хайрхоҳона ва дурандешонаю ватанхоҳонаи

---

[1] Зоҳир Аҳрорӣ. Мушфиқӣ.- Душанбе: Дониш, 1978.- Саҳ. 165.

фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон ин қалъа ҳамчун нишона дар шакли девори рамзӣ ба муносибати 2700 - солагии Кӯлоб бунёд гардид ва ба сифати сабақи таърих имрӯз ҳамчун ёдгории бегазанд аз он давраҳо дар назди осорхонаи шаҳри Кӯлоб қомат афрохтааст.

Манғитиён низ ба сари мардуми Хатлон азобу шиканҷаи зиёд оварданд. Чунин бедодгариро мардуми ғаюр тоб наоварда, ба муқобили онҳо ғазо эълон карданд ва фарзанди далер ва баномуси миллат Восеи шуҷоъ ин қиёми миллиро роҳбарӣ намуда, ба қатл розӣ шуду ба назди манғит сар хам накард. Халқи ба шӯру қиём омада дар атрофи Восеи қаҳрамон муттаҳид гардида, то охири қиём аз раъйи худ барнагаштанд ва барои барқарор кардани адолат баробари Восеъ то охирин лаҳзаҳои шӯриш бар зидди манғитиён ва сарбозони онҳо мубориза бурданд.

Шӯриши Восеъ ва шикасту ба қатл расонидани ӯ ва ҳаммаслаконаш мардуми кӯҳистонро ором нагузошт ва ба хотири гиромӣ доштани шахсияти вай сарояндагони халқӣ, ровиёни маъракаоро, наққолони сипоҳ аз корномаҳои ин фарзанди шуҷои халқ бо шаклу шеваи ба худ хос суруд, манзума, рубоӣ, қисса, ривоят ва ҳатто устураву афсонаҳоро эҷод карданд, ки қисми он то замони мо расидаанд. Дар садаи XX як қисме аз ин осори шифоҳӣ аз ҷониби фолклоршиносони машҳур шодравон Лутфулло Бузургзода, Раҷабалӣ Ҷалилов, Александр Болдиров, Носирҷон Маъсумӣ, Раҷаб Амонов, Асадулло Сӯфизода, Баҳром Шермуҳаммадов ва дигарон ҷамъоварӣ ва нашр карда шуданд. Тадқиқоти ин донишмандон дар сайри таърихӣ ва омӯзиши осори шифоҳии ба шахсияти Восеи қаҳрамон алоқаманд нақши муҳимро бозидаанд.

Сарояндагони халқӣ дар воқеъ васфи Восеи ғаюрро тарзе тасвир кардаанд, ки дар онҳо ғаму андуҳи мардум, эҳтирому садоқаташон ба ватани обоӣ самимона баён шудаанд. Аксари ин манзумаҳо дар шакли шеърии

думисраъгӣ, семисраъгӣ ва чаҳормисраъгӣ таълиф шуда, дар онҳо замону макон, авзои ҷомеа, вазъияту ҳолати давр ва иродаву матонати халқ ва қудрату тавоноии худи Восеъ бо забони мардуми маҳаллӣ ва лаҳҷаи кӯҳистон хело зебо суруда шудаанд. Сарояндагони ин манзумаҳо симои Восеъро ҳамчун тимсоли шуҷоату далерӣ ситоиш намуда, ҳар як ғалабаи ӯро бо забони содаву равон, таъбирҳои маҳаллӣ хело зебо васф кардаанд. Чунончи:

*Восеъ бар асп савор шид,*
*Барои ҷанг тайёр шид.*
*Ба халқо ӯ сардор шид,*
*Халқ аз думбуш қатор шид.*[1]

Дар ин таъкид ишораи шевагии «халқо» маънои ба ҳам омадани мардуми кӯҳистон ва дигар маҳалҳоро ба муқобили манғит дар назар дорад. Маълум мегардад, ки аксарият касоне, ки аз шиканҷаи манғит ба дод омада будааст, бо Восеъ ҳамроҳ шудаанд ва дар ин набард Восеъро ҳамроҳӣ кардаанд. Ғалабаи Восеъ дар ҳамин муттаҳидӣ, якдилӣ, тифоқии одамон мушоҳида мешавад. Доир ба ин масъала А. Сӯфизода менависад, ки: «Халқи ситамкаш Восеъро ҳамчун мунис ва ғамхори ҷасури худ дӯст медорад ва барои равшан сохтани образи қаҳрамон ташбеҳу тавсифҳои муносибро кор мефармояд».[2]

Дар ҳақиқат симои Восеъро муаллифони шеърҳои халқӣ якранг не, балки ниҳоят муассир бо ибораҳо ва таъбирҳои латиф тавсиф карда, ҳангоми кушодани шахсияти ӯ, корнамоиҳояш ва тасвири хислату саҷияи вай аз санъатҳои ташбеҳу тавсиф, талмеҳ ва ғайраҳо ба хубӣ истифода намудаанд ва симои ин марди ғаюрро бо

[1] Сурудҳои мардуми Кӯлоб. - Душанбе:Адиб, 2015.
[2] Асадулло Сӯфизода. Назаре ба фолклор ва адабиёт.-Душанбе: Maoриф ва фарҳанг, 2009.- Саҳ. 63.

маҳорати хос таҷассум гардондаанд.

Дар ин манзумаҳои мардумӣ баробари тасвирҳои ҷолиб, мавзеъҳои ҷуғрофии зиёд аз Сари Хосору Ховалингу Балҷувон сар карда, то Бухоро ёд мешавад. Ин макони ҷуғрофӣ ҷиҳати муайян кардани харитаи шӯриши Восеъ мусоидат менамояд. Дар ин сурудаҳои мардумӣ рӯҳи тавонои ин қаҳрамони халқ тасвир ёфта, хислатҳои мардумдӯстӣ, инсондӯстӣ ва сағирапарварӣ доштани ин ҷаҳонпаҳлавони халқ самимӣ тасвир гардидааст. Ҳамин хислати Восеъро дар табиат ва симои ӯ низ дидан мумкин аст:

*Восеъ буд сабзинарӯ,*
*Одами калони чорпаҳлӯ*
*Сарбозора зад ҳарсу,*
*Халқ Восеъра кард орзу.*

Аз ин мисраъҳо симои ин марди қавиирода хело воқеӣ равшан мешавад. Чунин одамони ғаюрро дар миёни мардуми кӯҳистон «марди чорпаҳлу» мегуфтанд ва аз таъкиди мазкур низ муайян мегардад, ки ӯ марди далер, паҳлавон ва рӯинатан будааст ва аз ҳеҷ гуна зулму шиканҷа тарс надоштааст.

Бешак, дар манзумаҳои ба васфи Восеъ бахшида, умеду ғаму ҳасрати мардум дуруст таҷассум ёфтаанд. Ин манзумаҳо бори дигар исбот мекунанд, ки мардуми Хатлон корномаи фарзандони худро аз хотираи фарҳангиашон дур накардаанд ва дар эҷодиёти шифоҳӣ ва хаттӣ онҳоро бо шаклу шеваи ба худ хос тасвир намудаанд.

Чунин тарзи муносибатро мардуми Хатлон, бахусус сокинони эҷодкори мантақаи Кӯлоб дар офаридани тарона, рубоиву дубайтиҳои халқӣ низ идомат бахшидаанд. Онҳо ба гуфтани тарона, рубоиву дубайтӣ ва дигар жанрҳои шеъри шифоҳӣ завқи махсус доранд. Ҳангоми кори саҳро, вақти рӯбучини хона, мавриди гулдӯзиву чакандӯзӣ ва дар

вақти ичрои маросимҳои мухталиф аз рубоӣ, дубайтӣ ва рубоиҳои таронамонанд хуб истифода мекунанд ва шояд аксари ин навъҳои жанри фолклорӣ дар ҳамин гуна ҳолатҳо эҷод шудаанд. Мазмуну мундариҷаи ин рубоиву дубайтиҳо гуногун буда, ҳар кадом бо сабабе эҷод шуда, ҳиссиёти шоири халқиро нисбат ба зиндагӣ, кирдорҳои инсонӣ ва ё муъҷизаҳои табиат самимона ифода менамоянд. Ин шеърҳо на танҳо аз ҷиҳати равонӣ ва содагӣ дилкашу дилчасп мебошанд, балки аз ҷиҳати обуранги бадеӣ, ифоданокӣ, мавзуннокӣ, корбарии санъатҳои маънавию лафзӣ ниҳоят бою ғанӣ мебошанд, ки хонанда баробари шуниданашон ҳаловат мебарад ва худро дар дунёи отифонаи сароянадагони халқӣ тасаввур намуда, барои худ манбаи тасаллият, хушҳолӣ, илҳом ва роҳати маънавӣ пайдо менамояд. Баъзе аз ин рубоиҳо то ҷое таъсири беандоза доранд, ки кас аз шуниданаш қувват гирифта, дар вуҷудаш ҳисси қаноатмандӣ бедор мешавад. Хусусияти дигари рубоиву дубайтиҳои мардуми Кӯлоб дар он аст, ки сароянадагони халқ ба торҳои эҳсосоти инсон нохун зада, бо сухани рамзию маҷозӣ онҳоро ба зиндагӣ ва ҳаёти хушбахтона раҳнамоӣ менамоянд.

Дар бештари рубоиҳои ин минтақа мавзӯи ишқ ҷойи муҳим дошта, тамоми ҳолат ва вазъияти рӯҳиву равонии ошиқу маъшуқ бо таъбиру ибораҳои латиф, лутфу иҳом, маҷозу киноя баён шуда, дунёи пур аз эҳсосоти онҳо бо дилбастагии хос бозтоб мешавад. Мавзӯи ишқ мавзӯи асоси жанри рубоӣ ба ҳисоб рафта, шоирони халқӣ дар инъкоси ҳолат ва ваъзияти симоҳои ғиноӣ (ошиқ, маъшуқа ва рақиб) ҳунари хос нишон дода, ҳиссиёти ботинӣ ва олами ниҳоят рангини онҳоро бо ҳама сифатҳои дилписанду ҷаҳони мураккабашон таҷассум менамоянд.Ҳамин ақидаро академики шодравон Р. Амонов низ тасдиқ карда навишта буданд: «Рубоиҳо ишқи поку самимиро ситоиш мекунанд. Онҳо гаштаю баргашта

мефаҳмонанд, ки ба қадри ин гавҳари арзанда расидан лозим аст. Ваҳшитабиат ва золимонанд онҳое, ки ишқро зери по мекунанд ва ошиқро ҷазо медиҳанд»[1].

Дар ҳақиқат шоирони халқӣ дар рубоиву дубайтиҳояшон аз табиат ташбеҳ интихоб намуда, ҷирмҳои осмониро дар пеши ҷамоли маъшуқа камназир мепиндоранд.Аз гулу гиёҳ, дарахтони мухталиф муҳокоти ҷаззоб офарида, дар симои дилдодагон ҳурону фариштагони беназирро тасвир мекунанд ва бо онҳо роз гуфта, аз дарди дилашон огоҳ мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳои дигар аз фалаки бераҳм шикоят карда, барои расидан ба дидору висоли дилдодагон «бераҳмӣ» зоҳир мекунанд. Бо истифода аз ин ҳолатҳо тарзи тасвири рубоӣ боз ҳам зебову дилкаштар мегардад. Чунончи:

*Духтар ба даруни боғ сар паст мекард,*
*Каҷ бастани рӯмолуш маро маст мекард.*
*Каҷ бастани рӯмолуш надидем серӣ*
*Оташ ба даруни дил ҳалангас мекард.*

Дар ин рубоии тасвирӣ ҳам ҳолати рӯҳии ошиқ ва ҳам зебоии маъшуқа самимӣ тасвир гардидааст. Шоири халқӣ бо зовияи диди отифонаи худ маъшуқаро тавассути нигоҳи оташбори ошиқ аз дур наззора карда, ба роҳ гаштанаш дар боғ, каҷ бастани рӯймолаш, хам кардани миёнаш завқ бурда, ҳолати ошиқро маҷозан бо таъбири «ҳалангас» задани оташ дар даруни дил хело возеҳ ва ҳаётӣ васф намудааст. Мафҳуми лаҳҷавии «ҳалангас» ба маънии аланга задан, шуълавар сӯхтан омада, далолат аз ҳиссиёти қалбии ошиқ менамояд. Шоири халқӣ ба хотири «намакин» гардидани баёни мавзуну мухайялаш аз лаҳча бо маҳорати хос истифода карда, ба вазну равонии рубоӣ халал ворид накардааст. Дар ин рубоӣ ифодаи дарду ҳасрат

[1] Раҷаб Амонов. Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – Саҳ. 5

бо ҳиссиёти самимият алоқаманд гардида, иқоъмандиро дар рубоӣ тавон бахшидааст.

Дар рубоии дигар шоири халқӣ хело ҳунармандона эҳсосоти равонии ошиқро васф карда, дарди дили ӯро маҷозан ифшо мекунад ва бо як ҷаҳон умеду орзу ҳасрати нуҳуфтаи чеҳраи ғиноиашро бозгӯ месозад:

*Қадат ба карашма нархи ҷон мешиканад,*
*Озурда дилам, ки аз фиғон мешиканад.*
*Тири ҳама ошиқон ба мақсад бирасид,*
*Навбат, ки ба ман расид, камон мешиканад.*

Дар рубоии мазкур дар байти аввал ҳусну ҷамоли маъшуқа тасвир мешавад. Шоири рубоисаро аз санъати муболиға истифода намуда, карашмаи маъшуқаро ба нархи ҷони худаш баробар мекунад ва бо тасвири ҷолиб ба ҳадди охири муболиға – ғулув расида, фиғону карашмаро ба ҳам муқобил мегузорад ва ба ин восита симои мукаммали як отифаи таннози пуркарашмаву пуришваро таҷассум кардааст. Дар байти дуюм бошад, номуродии ошиқ тасвир шудааст. Чеҳраи ғиноии рубоӣ аз ин пайкар бенасиб будани худро таҳкия карда, бо кинояву иҳом сухан мегӯяд бо як ҳиссиёти махсус вазъи равонии худро, ки чи гуна номурод гардидааст, бозгӯ мегардонад. Кинояи «камон шикастан» ба мурод нарасиданро ифода намуда, мафҳуми «тир» маҷоз буда, ифодаи ошиқи ноком мебошад.

Дар аксари рубоиҳои мардуми Кӯлоб чунин тасвирҳои дилчаспи ҳунармандона ба назар расида, дар ҳар кадоми он як манзараи зебои ҳаёти инсон тасвир меёбад. Ҳар як гӯяндаи рубоӣ бо маҳорат ва истеъдоди нотакрор ниҳоят форам, дилкаш ва самимӣ вазъи чеҳраҳои ғиноии рубоиро бозгӯ менамояд ва рози ӯро ифшо месозад. Барои ҳамин дар рубоиҳои мардуми Кӯлоб фасоҳат ва бадеияти каломи бадеӣ бо ҳам омезиш ёфта, дар баёни ҳасби ҳоли симоҳои ғиноӣ хидмати шоистаеро ба анҷом расонидаанд.

Мавзӯи дубайтӣ ва рубоӣ – таронаҳои шоирони халқии Кӯлоб гуногун буда, ба ғайр аз мавзӯи ишқ дигар масъалаҳои ҳаётӣ, аз ҷумла дурӣ аз Ватан, расидан ба қадри он, меҳнату заҳмати марди деҳқон, тараннуми фаслҳои табиат, меҳри модар, расидан ба қадри бародару хоҳар, некиву накӯкорӣ кардан ва ғайраҳоро дар бар мегиранд ва аз маҳорату истеъдоди фарзандони эҷодкори ин диёр дарак медиҳанд. Ҳар як рубоии ин диёр як асари мукаммал буда, дар он дарду ҳасрати инсон ва рози нуҳуфтаи ӯ ифшо шуда, ғаму шодиаш, комгирию нокомиаш баробар тасвир мегарданд.

Як қисм эҷодиёти шифоҳии мардуми минтақаи Кӯлобро сурудҳои халқӣ ташкил медиҳанд. Дар суруднависӣ низ мардуми Кӯлоб ҳунари махсус доранд. Аз мазмуни сурудҳо маълум мешавад, ки бештарашон ба шодиву нишоти мардум алоқаманд буда, хусусияти хушҳолӣ ва сурур дар онҳо зиёдат ба назар мерасанд.

Сароянсдагони мардумӣ барои тӯйу хурсандиҳо, базмҳо ва гузаронидани чорабиниҳои мавсимӣ ин сурудҳоро эҷод карда, дар онҳо ҳиссиёт ва андешаи халқро бо маҳорати баланд ҷой кардаанд. Дар ин гуна сурудҳо муҳаббати ҷовидона, хушҳолии ҳарлаҳзаинаи инсон бо завқи воло тасвир гардидааст. Дар сурудҳои «Аҷаб дилбар», «Ту садбарги кадом боғӣ», «Резабороне, меборӣ, бибор», «Курта гули нор», «Ҷоно, ман аз фироқат», «Кавги масти масти ман» ва ғайраҳо шоирони хатлонӣ бо ҳамин самимият васфи дилбарро бо тамоми нозу истиғно, ҷабру ситам ва нозу карашмааш бо як ҳунари хос тасвир намуда, барои расидан ба висоли ӯ беҳтарин таъбирҳову ибораҳои мардумиро интихоб карда, сурудҳои тӯёна навиштаанд, ки ҳар кадоми он сина ба сина то ба имрӯз расидаанд ва онҳо миёни мардум маҳбубияти махсусро дороянд. Ҳамин хусусиятро дар суруди «Аҷаб дилбар, ки ман дидам» мушоҳида кардан мумкин аст:

*Аҷаб дилбар, ки ман дидам,*
*Рухаш ранги қамар мезад.*
*Ду зулфи ҳалқаи мораш,*
*Хамида то камар мезад.*

Ин суруди ғиноӣ аз ҳафт банди чаҳормисраъгӣ иборат буда, дар ҳар як бандаш ҳусну ҷамоли маъшуқа, нозу карашма, хислату саҷия ва ҳусну ҷамоли вай хело ҳунармандона тасвир ёфтааст. Шоири халқӣ дар интихоби ташбеҳ ва тавсифҳои маҳрамона ниҳоят эҳтиёткорӣ карда, дар ҳар банд вобаста ба ҳолати ошиқ таъбирҳое истифода мекунад, ки он ба равони хонанда таъсир расонида, муҳаббат ва самимияти ӯро нисбат ба дарки моҳияти ишқ, ҳикмати дугонаи ишқу зиндагӣ бештар мегардонад. Чунончи:

*Муҳаббат сӯхт ҷонамро,*
*Тамоми устухонамро.*
*Бигардонӣ забонамро,*
*Ба лаъли лаб шакар мезад....*

Дар ҳақиқат чунин тасвирҳои ғиноии махрамона бунёди дохилии сурудро боз ҳам таҳким бахшида, бештар ба рӯҳу равони инсон таъсир мерасонад ва хонандаю шунаванда аз баёни ҳоли ошиқ мушавваш гардида, дар дунёи бекаронаю отифонаи шоир «ғарқ» мешавад ва лаззати маънавии комил ба даст меорад.

Дар сурудҳои мавсимии мардуми Кӯлоб низ аз оҳанги шикоят ва ҳасрат дида, ҷанбаҳои ҳаётдӯстӣ бештар ба мушоҳида мерасанд. Сарояндагони сурудҳои мавсимӣ бештар дар васфи баҳор, Наврӯзи дилафрӯз, ҷашни Сада изҳори назар карда, маросимҳои мардумиро бо дид ва андешаи худ тасвир кардаанд. Дар ин сурудҳо гоҳ ҳолату изтироби инсон ва гоҳо ғаму дарди нуҳуфтаи онҳо, бештар

хушҳоливу хушгузаронии вақт таҷассум ёфта, беҳтарин сифатҳои одамӣ бо ин восита васф мегарданд. Дар сурудҳои «Ашагулон», «Суманак», «Гули сияҳгӯш», «Мандоғ», «Майдаё» ва ғайраҳо тарзи кори мардум, расидан ба қадри меҳнат, хуб ҷамъ овардани ҳосил, инчунин ғами ёру дӯст ва ишқи давраҳои ҷавонӣ ва расидан ба дидори маъшуқа азобҳои раҳдурии ошиқ тасвир шуда, табиати дилфиребу зебои кӯҳистон бо як самимияти воқеӣ ифода меёбанд.

Сурудҳои тӯёна ва ҳаҷвӣ низ дар минтақаи Кӯлоб ҷойгоҳи махсус дошта, онҳо воситаи хуби вақтхушию дилгармии ин мардум ҳангоми маросими адои хурсандӣ ва арӯсии ҷавонон ба шумор мераванд. Ин сурудҳо дар таҳкими жанрҳои ғиноии маҳрамонаи шифоҳӣ таъсири беандоза расонида, боиси такмили жанрҳои рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, тарона ва сурудҳои махсуси тӯёна гардидаанд. Баробари ин яке аз омили такмили жанри мусиқии фалак низ ҳамин гуна шеърҳо ва сурудаҳои халқӣ мебошанд. Онҳо дар ҷараёни тӯи арусӣ ва хатнатӯй бо низоми муайян суруда шуда, ҳар кадом вақту замони иҷрои худро дошта, ҳамон лаҳзаи манзараи маросими хурсандиро зинат мебахшанд. Масалан, суруди «Сартарошон» дар вақти сартарошон кардани домод, «Саршӯён» дар вақти сар шустани арӯс, «Шод омадаем» ҳангоми ба хонаи арӯс ворид шудани шаҳ, «Акаи тӯйдор, давлат ба сарут...» ҳангоми оғози тӯй, «Мо ба ин хона ба шод омадаем...» ҳангоми ворид шудан ба хонаи арӯс сароида шуда, диққати меҳмононро барои ҳамроҳ шудан ба шодиву сурури соҳиби хона ҷалб менамояд ва ҳама якҷоя ин маъракаи кӯтоҳи хусусияти саҳнавӣ доштаро бо рақсу бозӣ ва хушгӯиҳо хушу хурсандона иҷро менамоянд. Дар ин сурудҳо сарбайтҳое мисли «Мо ба ин хона ба шод омадаем, Шод бошед, ки салом овардаем» нақши асосӣ дошта, аз ҷониби сарояндаи асосӣ хонда мешавад ва онро

сароядагони дигар такрор карда, сипас тарона, рубоӣ, дубайтӣ ва ғазалҳои ғиноие, ки ба мазмуни маросим наздикӣ доранд, паси ҳам суруда мешаванд. Дар чунин сурудҳои тӯёна оҳанги баён, лаҳни гуфтор боз ҳам фасеҳтар, ширинтар ва гуворотар садо дода, дар онҳо хурсандиву шодии домоду арӯс, падару модари онҳо, хешу табор ва наздикону пайвандон баробар ифода мешаванд. Як хусусияти назарраси ин сурудҳо аз он иборат аст, ки онҳо бо оҳангнокӣ ва мавзуннокии худ жанри фалак ва дигар жанрҳои мусиқии маҳаллиро такмил додаанд. Бештари ин сурудҳо ҳангоми замзамаи зарбҳои фаҳлавӣ ва ё фалакӣ такмил ва ташаккул ёфта, як силсилаи воҳиди сурудхониро бо авҷҳои гуногун мукаммал сохтаанд. Дар базмҳои шодии мардуми Кӯлоб аввал рез навохта шуда, тавассути он фардбайтҳо ва ё шоҳбайтҳо суруда мешаванд, пас фалак бо шаш зинааш аз сода ба мураккаб ҳаракат карда, дар ин рабти мусиқӣ рубоӣ, дубайтӣ ва тарона суруда мешавад ва пасон ба авҷ гузашта, ғазалҳои ноби маҳрамона хонда мешавад ва бо расидан ба авҷи мусиқӣ лаҳзаи маросими сурудҳои тӯёна оғоз шуда, бо хотима ба анҷом мерасанд. Ҳамин хусусияти сурудҳои тӯёнаро, ки дар минтақаи Кӯлоб иҷро мекунанд, дар Бадахшон ва Бадахшону Толуқони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ дидан мумкин аст ва ин аз қаробат ва наздикии сурудҳои тӯёнаи Бадахшону Хатлон ва мардумони ҳамсарҳади кишвари ҳамсоя дарак медиҳанд, ки шояд дар оянда мусиқишиносон онро боз мукаммалтар таҳқиқ намоянд.

Дар сурудҳои тӯёна миёни яккахон ва сароядагон як навъ мусобиқа шурӯъ мешавад. Дар он яккахон нақши фаъол дошта, сароядагон онро такмил мебахшанд. Чунин муносибат шеъру мусиқиро бо ҳам мепайвандад ва мақоми овозхону сароядагонро дар иҷрои он дар миёни ҷомеа муайян мегардонанд.

Сурудҳои ҳаҷвӣ низ дар минтақаи Кӯлоб мақоми хос

дошта, ҳангоми базмҳои мавсимӣ ва тӯйҳои хатнасур бештар суруда мешаванд. Онҳо махсусан барои болидахотир гардонидани кӯдакон нақши муҳим ичро мекунанд. Дар сурудҳои «Бузакам, чигӣ- чигӣ», «Калбуз», «Бузак», ки ба ин жанри сурудҳои шифоҳӣ дохил мешаванд, лаҳзаҳои хотирмони гум шудани буз, меҳру муҳаббат ба ин ҳайвони хонагӣ ва сифатҳои буз тасвир мешаванд. Сурудани ин сурудҳо аз овозхон маҳорати хосро талаб мекунад. Баъзе овозхонони маҳаллӣ аз чӯб суроби бузро сохта, бо зӣ дар дасташон мебанданд ва ҳангоми нохун задан ба дутор буз ба бозӣ даромада, кӯдакон аз ин «рафтори» буз хело шодмонӣ менамоянд. Ин анъанаи нек то имрӯз дар минтақаи Кӯлоб идома дорад ва овозхонони маҳаллӣ то кунун ин саҳнаи дилхуширо барои кӯдакон ичро менамоянд.

Бо тарзи маҳаллӣ ва бо лаҳчаҳои кӯҳистони Хатлон суруд эҷод кардан дар даврони Истиқлолият низ ба назар мерасад. Дар ин давра рубоӣ ва дубайтиҳои нав хело зиёд эҷод гардиданд. Ҳамчунон таронаҳои «гулгардонӣ» арзи ҳастӣ намуд ва ғазалҳои ғиноӣ ташаккул ёфта, як қатор сурудҳои маҳаллӣ, ки бо лаҳҷа ва шеваҳои минтақаи Кӯлоб вобаста мебошанд, эҷод шуданд, ба рушди фолклори Кӯлоб таъсири амиқ расониданд ва назми шифоҳиро такмил бахшиданд.

Дар ин давра инчунин сурудҳое, ки дастовардҳои Истиқлолиятро васф мекунанд, рушд намуд ва як зумра шоирони кӯлобӣ ба навиштани чунин шеърҳо машғул шуда, беҳтарини онҳо миёни халқ шуҳрат пайдо карда, имрӯзҳо аз ҷониби овозхонони маҳаллӣ ва дигар минтақаҳои кишварамон суруда мешаванд. Баробари ин сурудҳои ғиноӣ ташаккул ёфта, аз ҷониби шоироне мисли Саидалӣ Ализода, Ашӯр Сафар, Ғаффур Мулло, Саидҷон Ҳакимзода, Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Хайрандеш, Сафар Аюбзодаи Маҳзун,

Файзи Ашӯр, Сафар Амирхон, Қосим Зарифӣ ва дигарон эҷод гардиданд. Сурудҳои дилкаш, содаву равоне, ки арзи ҳастӣ намуданд, дар базмҳои мардуми Хатлон хело зиёд сароида мешаванд. Махсусан, сурудҳои бо шеваҳои маҳаллӣ эҷодкардаи Хайрандеш аз ҷониби овозхонони машҳур бештар суруда мешаванд. Сурудҳои «Абрӯ мапарон», «Чухтакдухтарак», «Духтари тоҷик», «Ҳинабандон», «Ана гул боғи ба боғ» ва ғайраҳои Хайрандеш хело шуҳрат пайдо карда, дар он розҳои дунёи ҷавонӣ, ишқи пок ва самимияти ошиқу маъшуқ бо ҳиссиёти беандоза амиқ тасвир мешаванд. Таълифи чунин сурудҳои мардумӣ имкон медиҳад, ки шеъри халқӣ боз ҳам рушд намояд ва хазинаи осори шифоҳӣ такмил гардонида шавад.

Ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашн гирифтани 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дар арафаи ин ҷашни бошукӯҳ интишор шудани «Сурудҳои мардумии Кӯлоб» бори дигар аз муҳаббат ва самимияти Роҳбари давлат нисбат ба мардуми Кӯлоб дарак медиҳад. Бовар дорем, ки ин дастовези ҷашнӣ барои дӯстдорони фолклор ва сурудҳои маҳаллӣ як туҳфаи муносиб гардида, барои ғанӣ гардонидани маънавиёт ва ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон таъсири амиқ хоҳад расонид.

***Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,***
*академики Академияи илмҳои*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ЭЙ, КУРТАЧАКАН

*(сурудҳо)*

## АҶАБ ДИЛБАР

Аҷаб дилбар, ки ман дидам,
Рухаш ранги қамар мезад.
Ду зулфи ҳалқаи мораш
Хамида то камар мезад.

Муҳаббат сухт ҷонамро,
Тамоми устухонамро,
Бигардонӣ забонамро,
Ба лаъли лаб шакар мезад.

Ду абру боз пайваста,
Ду рух монанди гулдаста,
Хаданги тири мижгонаш
Чу наштар дар ҷигар мезад.

Нигорам маст меомад,
Қадаҳ бар даст меомад,
Гули наврас меомад,
Ки гул болои сар мезад.

Нигорам чун гули тоза,
Ба қад чун сарви тар тоза,
Бубин ин моҳи танноза,
Рухаш садбарги тар мезад.

Биё, эй ҷон, ту дурдона,
Барой, аз дари хона,
Бигир ин дасти девона,
Чи сузе дар ҷигар мезад.

Барои гарданат, эй ҷон,
Харидам сад дуру марҷон,
Ба вақти хурдани авқот,
Арақ чун жола сар мезад.

## ТУ САДБАРГИ КАДОМ БОҒӢ

Ду чашми масти махмурат,
Ду рухсори пур аз нурат.
Қади чун сими танбӯрат,
Ту садбарги кадом боғӣ?

Мисоли дастаи сумбул,
Дувоздаҳ химчаи кокул.
Ту кардӣ мора доғ, эй гул,
Ту садбарги кадом боғӣ?

Мисоли наргиси нозук,
Қадат чун химчаи борик.
Ту шамъӣ дар шаби торик,
Ту садбарги кадом боғӣ?

Аҷаб шӯхи диломромӣ,
Аҷаб афтода дар домӣ.
Дареғо, як даме хобӣ,
Ту садбарги кадом боғӣ?

Лабат лаълу садафдандон,
Даҳонат ғунчаи хандон.
Ба шаб бошӣ маҳи тобон,
Ту садбарги кадом боғӣ?

Надорам чораи дигар,
Тарозу пур кунам аз зар.
Ба вазнат баркашам дилбар,
Ту садбарги кадом боғӣ?

## БАҲОРИ НАВ МУБОРАК БОД

Гули сияҳгуши қошгардон,
Тавақ пур куну даст гардон,
Буте дар дасти гулгардон,
Баҳори нав муборак бод!

Гул овардам ба меҳмонӣ,
Ту қадри гул намедонӣ,
Агар донӣ – мусулмонӣ,
Баҳори нав муборак бод!

**Нақарот:** Шодӣ бод, шодӣ бод,
Шодӣ ҳам шуморо бод,
Чу ғам бар душманат бод,
Баҳори нав муборак бод!

Гули зардак сано мега,
Санои кубриё мега,
Ба ҳар паҳлу худо мега,
Баҳори нав муборак бод!

Гули сияҳгуш ҳафтрангай,
Хуроки кавги дилтангай,
Ҳамеша бар сараш ҷангай,
Баҳори нав муборак бод!

**Нақарот:** Шодӣ бод, шодӣ бод,
Шодӣ ҳам шуморо бод,
Чу ғам бар душманат бод,
Баҳори нав муборак бод!

Гул овардем аз у поён,
Хавар кардем бобои деҳқон.
Буте ғалла ба гулгардон,
Баҳори нав муборак бод!

Гули ғуза, гули ғуза,
Қарақошай сияҳмуза.
Дилаш бар мо намесуза,
Баҳори нав муборак бод!

**Нақарот:** Гули пумба, гули пумба,
Задай хова, намеҷумба.
Агар ҷунба, намелунба,
Баҳори нав муборак бод!

Э холаи качкафлес,
Кафлеста букун лаврез.
Дар халтаи мо бурез,
Ту бикану мо бугрез.
Баҳори нав муборак бод!

Гул овардем ба серузӣ,
Аҷаб гулҳои наврузӣ,
Чаро дилро ту месузӣ,
Баҳори нав муборак бод!

Як борон шуд, ду борон шуд,
Сари савза намоён шуд.
Ҷавон мурдаст, пурармон шуд,
Баҳори нав муборак бод!

Аз ин лангар, ба у лангар,
Алӣ домоди пайғамбар.
Чу уштур мехура дангал,
Баҳори нав муборак бод!

Гули сиёҳгуши олича,
Тавақ пур кун, биё, очa.
Буте дар дасти у бача,
Баҳори нав муборак бод.

## РЕЗАБОРОНЕ, МЕБОРӢ, БИБОР

Резаборone, меборӣ, бибор,
Шави маҳтовай, дилбар ба канор.

Шом омадаам, намози шом омадаам,
Резаборone, меборӣ бибор.
Шави маҳтовай, дилбар ба канор.

Ай бахшаки ту мисли ғулом омадаам,
Резаборone, меборӣ бибор,
Шави маҳтовай, дилбар ба канор.

Мо садқаи рухсораи садбарги тарут,
Резаборone, меборӣ, бибор.
Шави маҳтовай, дилбар ба канор.

Ай хови хушам хеста салом омадаам,
Резаборone, меборӣ, бибор,
Шави маҳтовай, дилбар ба канор.

Ай омаданут агар хавар медоштум,
Резаборone, меборӣ бибор.
Шави маҳтовай, дилбар ба канор.

Дар руи роҳут гули суман мекоштум,
Резаборне, меборӣ, бибор.
Шави маҳтовай, дилбар ба канор.

Гул мекоштум, ки пота бар хок намон,
Резаборone, меборӣ, бибор.
Шави маҳтовай, дилбар ба канор.

Хоки қадамат ба дида мевардоштум,
Резабороне, меборӣ, бибор.
Шави маҳтовай, дилбар ба канор.

Ма омадаам, лаби ту пурханда шава,
Резабороне, меборӣ, бибор.
Шави маҳтовай, дилбар ба канор.

Ма ёр бигирум дили ту вайрон нашава.
Резабороне, меборӣ, бибор,
Шави маҳтовай, дилбар ба канор.

Ту ёри дигар гирию ма ёри дигар,
Резабороне, меборӣ, бибор.
Шави маҳтовай дилбар ба канор.

Сад ёр бигирум, доғи ту пинҳон нашава.
Резабороне, меборӣ, бибор,
Шави маҳтовай, дилбар ба канор.

## ГУЛИ НАВРӮЗӢ

Оҳ гули наврӯзӣ, дар ҷонам занӣ,
Ҳам шаву ҳам рузӣ, дар ҷонам занӣ.

Биё бурем ба сабзаҳо,
Тир андозем ба ғамзаҳо.
Тират маро нишона кард,
Ишқаш маро девона кард.

Оҳ, гули наврузӣ, дар ҷонам занӣ,
Ҳам шаву ҳам рузӣ, дар ҷонам занӣ.

Ишқи ту сарнавишти ман,
Хоки раҳат биҳишти ман.
Боғу дарахт даркор нест,
Ишқаш маро девона кард.

Оҳ, гули наврузӣ, дар ҷонам занӣ,
Ҳам шаву ҳам рузӣ, дар ҷонам зани.

## ИДҲОИ НАВРУЗӢ

Рӯзи Наврӯз аст, бобо сӯи саҳро меравад,
Сабзаю гулҳои оламро тамошо меравад.
Сабзаю гулҳои олам сар барорад аз замин,
Ҳайфи тухми одамин, ҳаргиз наруяд аз замин.

* * *

Иди Наврӯз шуд, мар дар дил бувад садҳо ҳавас,
Мо асири мактабу булбул гирифтори қафас.
Эй падар, дар додани Наврӯзи ҳиммат намо,
То туро рӯзи қиёмат Ҳақ шавад фарёдрас.

* * *

Наврӯзи навбаҳорон бар дӯстон муборак,
Фарёди андалебон бар гулситон муборак.
Бар булбулони мактаб таълими илму дониш,
Орзуи рӯзи шодӣ бар кудакон муборак.

## ЭЙ ГУЛИ НАВРАСТА

Эй гули навраста, охир булбулонро сӯхтӣ,
Ошиқони хаставу бехонумонро сӯхтӣ.

Гоҳ аз баҳри тамошо сайри саҳро меравӣ,
Сабзаву себаргаву оби равонро сӯхтӣ.

Моҳиён дар об, мурғон дар ҳаво андар азоб,
Моҳиёни тахти дарё, ҷонваронро сӯхтӣ.

Гоҳ аз баҳри ибодат суи масҷид меравӣ,
Масҷиду меҳробу минбар, обидонро сӯхтӣ.

Аз барои дарс меоӣ ту андар мадраса,
Аз ғурури ҳусни руят толибонро сӯхтӣ.

Як сухан, эй моҳи олам, аз ғарибон гӯш кун,
Халқи олам, шайху мулло, омиёнро сӯхтӣ.

## ҶОНОНАИ НАҒЗИ МАН

Ҷононаи нағзи ман,
Бодоми ду мағзи ман,
Бодом ду мағз дорад,
Ку ҷӯраи нағзи ман?

Ҷононаи бебокам,
Ту ангуру ман токам,
Аз барои як ғуҷум,
Печида ба ҳар шохам.

Ҷононаи ҳушто-ҳушт,
Алака миёна кушт.
Э хоҳари моиндар,
Нозои ту маро кушт.

## КУРТА ГУЛИ НОР

Курта гули нор, куҷо меравӣ,
Қимати бозор, куҷо меравӣ?

Ман, ки гирифтор ба рӯят шудам,
Моҳи шави тор, куҷо меравӣ?

Баҳри вафо ваъда ба ман кардаӣ,
Ёри вафодор, куҷо меравӣ?

Тири нигоҳат ба дилам ҷо гирифт,
Э бути бадкор, куҷо меравӣ?

Шому саҳар булбули ту гаштаам,
Э гули бехор, куҷо меравӣ?

Бе ту дилам метапад аз сӯхтан,
Ёри дилозор, куҷо меравӣ?

Кӯр шуда боиси руят ду чашм,
Ёри дилозор, куҷо меравӣ?

Як назари лутф бикун суи ман,
Маъшуқи ғамхор куҷо меравӣ?

Буд ба дил кинаи деринаат,
Нагуфта гуфтор, куҷо меравӣ?

## ҶОНО, МАН АЗ ФИРОҚАТ

Ҷоно, ман аз фироқат
Ҳар лаҳза зор гирям.
Пайваста аз ғами ту
Ман дилфигор гирям.

Мисли гул аст руят,
Ман булбули заифам.
Аз гул гила надорам,
Аз захми хор гирям.

Дар боғи гул дароям,
Он ҷо туро наёбам.
Дар сояе нишинам,
Бечоравор гирям.

Он вақт ки баранта,
Бар дор мекашанта.
Оҳ аз дасти ҷудоӣ,
Дар пои дор гирям.

Булбул агар бихонад,
Зоғи сиё чӣ донад.
Сирри дили пур аз дард,
Ҳар бехабар чӣ донад.

Сар мезанам ба саҳро,
Аз дасти гулнигора.
Дар дашту куҳу саҳро
Аз дасти ёр, гирям.

Мусо ба санги хоро
Мезад зи ғам асора.
Мехонд ин дуора,
Дар шухчазор гирям.

Мускин Ҳусайни Балхӣ[1]
Мехонд ин ғазалро,
Дар чор суи маҳшар,
Ман зору зор гирям.

## КАВГИ МАСТИ-МАСТИ МАН

Кавги масти-масти ман,
Қақра зада меоя.
Дар саруш гули бодом,
Чида-чида меоя.

Гардани баёзашро,
Ду зулфи кашолашро.
Ду чашми хуморашро
Усма карда меоя.

Кавги масти-масти ман,
Қақра зада меоя.
Дар саруш гули бодом,
Чида-чида меоя.

[1] Ҳусайни Балхӣ – номи шахсе, ки шеърро гуфтааст.

Як духтар, ки ман дидам,
Ру барфи Яман дора.
Бо қадаки дилҷуяш,
Куртаи чакан дора.

Кавги масти-масти ман,
Қақра зада меоя.
Дар саруш гули бодом,
Чида-чида меоя…

## ҶИГӢ-ҶИГӢ

Эй дил, биё ба суҳбати дустон, ҷигӣ-ҷигӣ,
Ошуқ шудам ба булбули хушхон, ҷигӣ-ҷигӣ.

Дил орзу кард бубинам ҷамоли дуст,
Дар ишқи дуст бесару сомон, ҷигӣ-ҷигӣ.

Сарви қадаш хамида шуда пеши гулрухон,
Лайлӣ бирафт дидаи гирён, ҷигӣ-ҷигӣ.

Аз дидаҳои нозукаш обе чакида буд,
Дар барги гул қатраи борон, ҷигӣ-ҷигӣ.

Шӯре фитода дар сари бозори маҳвашон,
Юсуф нишаста дар лаби дарё, ҷигӣ-ҷигӣ.

Ёрон ҳама аз ғаму андуҳ ҳалок шуд,
Почои Миср Юсуфи Канъон, ҷигӣ-ҷигӣ.

Дар вақти субҳ нолаи булбул шунидаем –
Ошуқ куҷост, дилбари хандон, ҷигӣ-ҷигӣ.

## КУРТАСАРАНДӢ

Дорам ба дилам дарду ғами куртасарандӣ,
Нолам чу ҷарас аз ситами куртасарандӣ.

Булбул ба чаман нолаву фарёд баровард,
Ман аз ғаму аз ҳар алами куртасарандӣ.

Рӯзе, ки бубинам қади раъносифати у,
Девона шавам дар талаби куртасарандӣ.

Дар куҳначаҳон ҳеҷ касе беҳавасе нест,
Дорам ба дилам ман ҳаваси куртасарандӣ.

Ошуқ шудамо моҳи ҷиён сурма ба чашмон,
Ман хоки қадамҳои ҳамон куртасарандӣ.

Ширу шакару куртаи читак ҳама хуб аст,
Дар ҷое набошад санами куртасарандӣ.

Дар куҳначаҳон ҳар ки ба ҳар ҷой кашад дил,
Майли дили ман бар тарафи куртасарандӣ.

Ёрам, ки пӯшид куртаи шаҳтути ҳилолӣ,
Девона шудам дар сифати куртасарандӣ.

## ГУЛИ СИЯҲГӮШ

**Як кас:** Гули сияҳгуш сеқуша,
Миёни гандуму ғуза,
Дилуш бар мо намесуза.

**Дигарон:** Баҳори нав муборак бод!

**Як кас:** Гули сияҳгуши қошгардон,
Тавақ пур куну даст гардон,
Буте бар дасти гулгардон.

**Дигарон:** Баҳори нав муборак бод!

**Як кас:** Гули сияҳгуш ҳафтрангай,
Хуроки кавги дилтангай,
Ҳамеша дар сараш ҷангай.

**Дигарон:** Баҳори нав муборак бод!

**Як кас:** Гул овардам ба меҳмонӣ,
Ту қадри гул намедонӣ,
Агар донӣ, намехонӣ.

**Дигарон:** Баҳори нав муборак бод!

**Як кас:** Чи лаклак аз Ҳисор омад,
Ба ҳар шохи чанор омад,
Зимистон буд, баҳор омад.

**Дигарон:** Баҳори нав муборак бод!

* * *

Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,
Булбул ба тамошои дафу чанг баромад,
Мурғони ҳаво ҷумла ба парвоз шуданд,
Мурғи дили ман аз қафаси танг баромад.

* * *

Наврӯз шуду шодам,
Аз банди ғам озодам,
Як ҷомаву як салла,
Наврӯзии устодам.

## СУМАНАК

Суманак дар ҷушай,
Равғани гов дар рушай.
Духтаракон рупушай,
Дар таги гули сиёҳгушай.

Суманак ширai гандум,
Суманак азони мардум,
Суманак аз гули гандум,
Иди наврузӣ муборак.

Суманак ширини зорай,
Суманак аҷаб нигорай,
Суманак зеби баҳорай,
Иди наврузӣ муборак.

Суманак зеби баҳорай,
Суманак силсиладорай.
Суманак аҷаб ширинай,
Иди наврузӣ муборак.

## АШАГУЛОН

Ашагулони ростина,
Оста бичҷунбон остина,
Ғалаи савзум қоқ шидай,
Як бор бирезун боруна.

## МАН ДОҒ

**Сармандоғгӯй:**
Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам ё дуст.

**Дигарон:** Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам ё дуст.

**Сармандоғгӯй:**
Гандумаки худруӣ дарав мекардуме,
ман доғам ё дуст,

**Дигарон:** Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам ё дуст,

**Сармандоғгӯй:**
Бар холи сиёҳи ту ҳавас мекардуме,
ман доғам ё дуст,

**Дигарон:** Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам ё дуст.

**Сармандоғгӯй:**
Нумоли сарут нумоли маскавиай, ёре,
ман доғам, ё дуст.

**Дигарон:** Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам ё дуст.

**Сармандоғгӯй:**
Пеши бағалут матлаби дилхоҳиай, ёре,
ман доғам, ё дуст.

**Дигарон:** Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам ё дуст.

**Сармандоғгӯй:**
Гуфтум: биравум, дилта биёвум ҷура, ёре,
ман доғам, ё дуст.

**Дигарон:** Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам ё дуст.

**Сармандоғгӯй:**
Охир, медонӣ, замони дилхоҳиай, ёре,
ман доғам, ё дуст.

**Дигарон:** Ҳе алло, ҳе алло, ёре, ман доғам ё дуст.

## МАЙДАЁ

Майдаё мегуме хирманакум майда шава,
Ҷонвар молуме, майдаё, майдаё!
Безувонуме, майдаё, майдаё!

Кавгак шавум, каланд кунум ҷарора,
Ҷони ширинум, майдаё, майдаё!

Наҳанг шавум, гузар кунум дарёра,
Чапар молуме, майдаё, майдаё!

Ман чуғз шавум ба ҳоли худ нола кунум,
Ҳамроҳи ҷонуме, майдаё, майдаё!

Мурдам ай ғаму кулфатой дунёра,
Ҷонвар молуме, майдаё, майдаё!

## САРТАРОШОН

**Ҳама:** Сартарошонеме, метарошонеме,

**Ҳофизон:** Духтар-духтаре, дар талошат бошаме,
**Ҳама:** Сартарошонеме, метарошонеме.

**Ҳофизон:** Дар фасли баҳор сабзаи ошат бошаме,
**Ҳама:** Сартарошонеме, метарошонеме.

**Ҳофизон:** Дар фасли баҳор сабзаи ошат ки нашуд,
**Ҳама:** Сартарошонеме, метарошонеме.

**Ҳофизон**: Як дастаи гул болои қошат бошаме,
**Ҳама:** Сартарошонеме, метарошонеме.

* * *

**Ҳама:** Шаҳи ман меравад-е,
Навшаҳи ман меравад-е.

**Ҳофизон:** Ман шишта будум, ки гул
ба дарвоза гузашт,
**Ҳама:** Шаҳи ман меравад-е,
Навшаҳи ман меравад-е.

**Ҳофизон:** Китоб таги каш қалам тарошида гузашт.
**Ҳама:** Шаҳи ман меравад-е.
Навшаҳи ман меравад-е.

**Ҳофизон:** Хаёли дилам ягон паризода гузашт,
**Ҳама:** Шаҳи ман меравад-е,
Навшаҳи ман меравад-е.

**Ҳофизон:** Маълимбачаи сафеди покиза гузашт.
**Ҳама:** Шаҳи ман меравад-е.
Навшаҳи ман меравад-е.

* * *

**Ҳама:** Шаҳ муборак шавад, боз муборак шавад.

**Ҳофизон:** Ҷонона ба ман ҷонай,
**Ҳама:** Шаҳ муборак шавад, боз муборак шавад.

**Ҳофизон:** Боғаш ба ман бустонай.
**Ҳама:** Шаҳ муборак шавад, боз муборак шавад.

**Ҳофизон:** Даст ба бағалаш кардем.
**Ҳама:** Шаҳ муборак шавад, боз муборак шавад.

**Ҳофизон:** Гуфто, ки зимистонай.
**Ҳама:** Шаҳ муборак шавад, боз муборак шавад.

* * *

**Ҳама:** Гул буро аз хона,
Чашмои шаҳ мастона.

**Ҳофизон**: Руят гула мемона, танат моҳира.
**Ҳама:** Гул буро аз хона,
Чашмони шаҳ мастона.

**Ҳофизон:** Раҳ гаштани ту кавги саҳаргоҳира.
**Ҳама:** Гул буро аз хона,
Чашмои шаҳ мастона.

**Ҳофизон:** Ҳар гаҳ, ки бипӯшӣ куртаи шоҳира.
**Ҳама:** Гул буро аз хона,
Чашмои шаҳ мастона.

**Ҳофизон:** Девона кунӣ бачаи кулобира.
**Ҳама:** Гул буро аз хона,
Чашмои шаҳ мастона.

* * *

**Ҳама:** Барор-барор хушрура,
Хушруи серабрура.

**Ҳофизон:** Ҳе холаи духтардор.
**Ҳама:** Барор-барор хушрура,
Хушруи серабрура.

**Ҳофизон:** Байти мана гуш бидор.
**Ҳама:** Барор-барор хушрура,
Хушруи серабрура.

**Ҳофизон**: Шаҳду шакарта мебаран.
**Ҳама:** Барор-барор хушрура,
Хушруи серабрура.

**Ҳофизон:** Лахти ҷигарта мебаран.
**Ҳама:** Барор-барор хушрура,
Хушруи серабрура.

**Ҳофизон:** Кулчапазакта мебаран.
**Ҳама:** Барор-барор хушрура,
Хушруи серабрура.

**Ҳофизон:** Хонарубакта мебаран.
**Ҳама:** Барор-барор хушрура,
Хушруи серабрура.

**Ҳофизон**: Либосшуякта мебаран.
**Ҳама:** Барор-барор хушрура,
Хушруи серабрура.

**Ҳофизон**: Тоҷаки сарта мебаран.
**Ҳама:** Барор-барор хушрура,
Хушруи серабрура.

**Ҳофизон**: Қуббаи зарта мебаран.
**Ҳама:** Барор-барор хушрура,
Хушруи серабрура.

**Ҳофизон**: Хонаат холӣ шидо.
**Ҳама:** Барор-барор хушрура,
Хушруи серабрура.

**Ҳофизон:** Қуввати дилта мебаран
**Ҳама:** Барор-барор хушрура,
Хушруи серабрура[1].

## ДИЛБАРИ ҶОНОНИ МАН

**Сарбайтхон:** Дилбари ҷонони ман,
**Ҳама:** Дилбари ҷонони ман.

**Сарбайтхон:** Шаҳбачаи қишлоқӣ,
**Ҳама:** Дилбари ҷонони ман.

**Сарбайтхон:** Баста салаву тоқӣ,
**Ҳама:** Дилбари ҷонони ман.

**Сарбайтхон:** Апа, мошин тайёр шуд,
**Ҳама:** Дилбари ҷонони ман.

---

[1] Ин ҷо сурудҳои тӯёна, ки нависанда Абдулҳамид Самадов дар повести худ «Косаи давр» овардааст, истифода карда шуд. «Садои Шарқ», № 1, 2, соли 1985

**Сарбайтхон:** Дар мошин шаҳ савор шуд,
**Ҳама:** Дилбари ҷонони ман.

**Сарбайтхон:** Имрӯз рузи хурсандӣ,
**Ҳама:** Эй, апаи туйдоре.

**Сарбайтхон:** Миёнро маҳкам бандӣ,
**Ҳама:** Эй, апаи туйдоре.

**Сарбайтхон:** Дар давраи советӣ,
**Ҳама:** Эй, апаи туйдоре.

**Сарбайтхон:** Дорем тую хурсандӣ,
**Ҳама:** Эй, апаи туйдоре.

**Сарбайтхон:** Туят туи ягона,
**Ҳама:** Эй, апаи туйдоре.

**Сарбайтхон:** Рафтор бикун мардона,
**Ҳама:** Эй, апаи туйдоре.

**Ҳама:** Омад, омадта гардам,
Қаду қомадта гардам.

**Сарбайтхон:** Сурхӣ дамид дар рӯят,
**Ҳама:** Омад, омадта гардам,
Қаду қомадта гардам.

**Сарбайтхон:** Хешу табор дар туят,
**Ҳама:** Омад, омадта гардам,
Қаду қомадта гардам.

**Сарбайтхон:** Духтарои сунбулмуят,
**Ҳама:** Омад, омадта гардам,
Қаду қомадта гардам.
Румоли сарта гардам.

## ШОД ОМАДАЕМ

**Ҳама:** Мо ба ин хона ба шод омадаем,
Шод бошед, ки салом омадаем.

**Сарбайтхон**: Эй ҷураи ҷон, бе ту ҷаҳонро чӣ кунам,
**Ҳама**: Мо ба ин хона ба шод омадаем,
Шод бошед, ки салом омадаем.

**Сарбайтхон**: Бе ту гули сурхи арғувонро чӣ кунам,
**Ҳама**: Мо ба ин хона ба шод омадаем,
Шод бошед, ки салом омадаем.

**Сарбайтхон**: Бе ту гули сурхи арғувон бисёрай,
**Ҳама**: Мо ба ин хона ба шод омадаем,
Шод бошед, ки салом омадаем.

**Сарбайтхон**: Дил майли ту дорад, дигаронро чӣ кунам,
**Ҳама**: Мо ба ин хона ба шод омадаем,
Шод бошед, ки салом омадаем.

## ШАҲИ МО ОМАД

**Ҳама**: Шаҳи мо омад, навшаҳи мо омад,

**Ҳофизон**: Ман омадаям ба дидани ҷонона.
**Ҳама**: Шаҳи мо омад, навшаҳи мо омад,

**Ҳофизон**: Садбарги сафеди ман баро аз хона.
**Ҳама**: Шаҳи мо омад, навшаҳи мо омад,

**Ҳофизон**: Садбарги сафеди ман баро рухсат гир.
**Ҳама**: Шаҳи мо омад, навшаҳи мо омад,

**Ҳофизон**: Боз омадани маро Худо медонад.
**Ҳама**: Шаҳи мо омад, навшаҳи мо омад,

**Ҳофизон**: Ман омадаам, лави ту хандон нашава.
**Ҳама**: Шаҳи мо омад, навшаҳи мо омад,

**Ҳофизон**: Ман ёр бигирам, дили ту вайрон нашава.
**Ҳама**: Шаҳи мо омад, навшаҳи мо омад,

**Ҳофизон**: Ту ёри дигар гирию ман ёри дигар.
**Ҳама**: Шаҳи мо омад, навшаҳи мо омад,

**Ҳофизон**: Сад ёр бигирам, доғи ту пинҳон нашава.
**Ҳама**: Шаҳи мо омад, навшаҳи мо омад,

## ДИЛБАР БА ХОБАЙ ИМШАБ

**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Ҷононаи наврузӣ,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Ту шишта чӣ медузӣ,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Ма шишта румол дузам,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Дар ҳақаки ёр сузам,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Биё, бурем якбора,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Об барем ай дара,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Гул бучинем яксара,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Ҷура, дунё мегзара,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Ҷон бача бозӣ мекард,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Ҷомаш дарозӣ мекард,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Ҷомаша калта кунем,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Бо қадаш бозӣ мекард,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Ҷононаи бебокам,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Ту ангуру ман токам,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Аз барои як хуша,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

**Як кас:** Печида ба ҳар шохам,
**Ду кас:** Дилбар ба хобай имшаб,
Масти шаробай имшаб.

## ВОЙ АЛАМОЙ БЕБУЗИМ

Давлатмуроди ҳангӣ,
Қурбонгули барзангӣ.
Давлатмурод намбура,
Қурбонгула мегира.

Осақолуш буд ду кас,
Вазмум болой дарзай хас.
Ҳаш кола бардорӣ, бас,
Вой, аламой бебузим.

Ҳамсоя мулло Одина,
Одам равон кад дина.
Дар дастуш буд ойина,
Вой аламой бебузим.

Дар дег андохтам шила,
Ай ду касшон се мила.
Ай ма накунен гила,
Вой аламой бебузим.

Давлатмурод рафтай ҷуфт,
Қурбонгула бурдан муфт.
Эй бача, гуфтум, «Хуб», гуфт,
Вой аламой бебузим.

Курташ мекунум мовут,
Бупуш бура ба овут.
Курташ мекунам кимхо,
Румолут сари мехо.
Вой аламой бебузим.

Дар саруш шоли дуранг,
Дар поҳош ҳалқаи занг.
Зулфи сиё чанг чанг,
Вой аламой бебузим.

Кавши сиё мехчадор,
Фартасти рӯмоли шол,
Раҳ мегардӣ, дилафгор,
Вой аламой бебузим.

## КАЛБУЗ

Пага баҳор мешава,
Бева қатор мешава.
Мега: хола, шир биёр,
Калбузум, ҷигӣ-ҷигӣ.

Сағерай сурхи молвон,
Бузма додӣ ба гургон.
Ба худо мегирум товон,
Калбузум, ҷигӣ-ҷигӣ.

Ин беваҳаки буздор,
Бубастуш дар бутай хор.
Гурго кардануш бозор,
Калбузум, ҷигӣ-ҷигӣ.

Рафтум дидум паёша,
Ҷоҳои парданоша.
Зоғо кандан чашмоша,
Калбузум, ҷигӣ-ҷигӣ.

Букшен, пирбузи тоқа,
Ҳаром кардай қишлоқа.
Хурмаҳо мондай қоқа,
Калбузум, ҷигӣ-ҷигӣ.

Ҳайфи даштой убара,
Буз надорем, бучара.
Бузакма гурго хурдан,
Калбузум, ҷигӣ-ҷигӣ.

## ДУЗАНА

Дузана-дузана, оҳ, уболи дузана,
Ду зан як ҷой шава, хонара алов мезана.
Ду зан як ҷой шава, оғил ба каҳдон мезана,
Қати зани дустдоруш пучур-пучур гап мезана.
Қати зани хоригиш баланд-баланд гап мезана,
Зани дустдора бубин, курташа алов мезана.
Зани хоригира бин, дар пичаҳош гул мезана,
Ду зан як ҷой шава, сурфа ба элак мезана.
Ду зан як ҷой шава, чойник ба пиёла мезана,
Дузана, дузана, оҳ, уболи дузана,
Ду зан як ҷой шава, тавақ ба қошуқ мезана.
Ду зан як ҷой шава, тавақ ба коса мезана,
Рузе шид бемор шидай дузана.

Зани дустдора бубин, руҳора сандал мезана,
Зани хоригира бин дар пичаҳош гул мезана,
Дузана, дузана, оҳ, уболи дузана,
Ду зан як ҷой шава, кул ба кулича мезана.
Ду зан як ҷой шава, дега ба кафлес мезана,
Дузана, дузана, оҳ, уболи дузана.

# СУРУДҲОИ ҲАҶВӢ

* * *

Рафтам таи[1]дулона,
Дидам бузи калона.
Шохоша меҷумбона,
Калаша мекафона.

И суи дарё купрукча,
У суи дарё купрукча.
Оча кардай нинича,
Номаш мондай Бибича.

Эй хола, хамир кун,
Оби хамира ҷуш кун.
Дойрара мара буте,
Ма бухонум ту гуш кун.

Нумоли пашми сиё,
Пошнабаланд туфлиҳо.

[1] Таи – таги.

Бача сузад дар ғамо,
Аз духтар, пешум биё.

Ма рафтум осақолӣ[1]
Бурдум биринҷу шолӣ,
Отай духтар бало буд,
Ай гузари Кало[2] буд.

Гуфтам, ки: пул чанд даркор?
Гуфто, ки: понздаҳ ҳазор!
Даҳ ҳазор барои касса,
Ҳаштод кило калбаса.

Равған бошад сад кило,
Барои деги шурбо.
Ҳезум бошад як мошин,
Аҳволи зангира бин.

Духтар дорад як ака,
Бухаруш якта «Волга»,
Духтар дорад дугона,
Бухаруш чор дастмона.

Рафтум таи дулона,
Дидум моҳи тобона,
Зулфоша задай шона,
Ҳай қобилай ҷонона,
Қадакша меларзона,
Ошиқа месузона.

---

[1] Осақолӣ – хостгорӣ.
[2] Кало – калхо, бемӯй.

Рафтам ба боғи бобом,
Чидаам гули бодом.
Гула бурдам ба бозор,
Харидаам ду гушвор,
Гушвора дар гуш кардам,
Бачара беҳуш кардам.

Тори бунга сум задум,
Рубаҳ ворӣ дум задум,
Аз барои духтаро
Лухшида ба кун задум.

Рубаҳ гурехта баракӣ,
Суруш кардум харакӣ.
Рафтум даҳани дарвоза,
Дидум бобои Ниёза.
Гуфтум буте: тарноза,
Надод духтари соза.

Хуб кардаме, хуб кардам,
Ҳарчӣ кардам, хуб кардам.
Очаи он духтара,
Ризо кардам, хуб кардам.

Духтар бигуфт ба бача:
Биё бирем ба хона,
Дусти пурут[1] медорум,
Шинем шона ба шона,

[1] Пурут – бисёр, аз ҳад зиёд.

Очама фармум қаймоқ,
Бимонем дар миёна.
Ормон дар дили мову
Ҷураи ҷон намона.

Духтар бигуфт ба бача:
Биё бурем ба айлоқ,
Ширмон биёран ҷура,
Он ҷо бихурем қаймоқ.

Бача бигуфт ба духтар:
Аспи сиёҳум аз ту,
Ба ақлу дониши ту,
Зину лаҷомам аз ту,

Шиштаӣ дар таи бед,
Руи ёри мо сафед.
Мо шиштаем ба умед,
Шиштаӣ дар тай гелос,
Эй духтари боихлос.
Як бӯса буте халос,
Қадакта биларзоне,
Сақич неши дандоне,
Ошиқро бисузоне.

Ёр бошаву ёр боша,
Як соли баҳор боша.
Савзаву гулзор боша,
Ғиҷҷаку дутор боша.

Духтари мири сара,
Аз дара ов мебара.
Бача, ки ов металба,
Ғамзакунон мегзара.

Духтари пири Кулол,
Ай Қатаған омадай,
Ба бари рuяш ду хол,
Куртачакан омадай.

Биё, бурем як бара,
Гул бичинем яксара.
Буса буте раҳ ба раҳ,
Ҷура, дунё мегзара.

## ҚИССАИ БУЗҒОЛА

Эй бародар, гуш дор ин ноларо,
То бихонам қиссаи бузғоларо,
Рузе шид бузғолаам айлоқ рафт,
Рафта-рафта чавгона у Роғ рафт,
Аз бирешим хоса-хоса ёл дошт,
Дар миёни ҳарду чашмаш хол дошт,
Буз набуд, модгов буд,
Дар қади дара хов буд,
Чор гург болош чорғов буд.
Рафтум дидум ҷоҳоша,
Ҷоҳои париданоша,
Зоғо кофтай чашмоша,

Вой, аламой бебузим,
Ҳайфи бузи камарум,
Ба ҳама сарбасарум,
Ҳайфи бузи кабутум,
Куличаҳои қурутум,
Ҳайфи бузи дусоқум,
Хурмаҳой қоқу воқум,
Даҳани сағираи қоқум,
Вой, аламой бебузим[1].

## БУЗАК

Ҳаво-ҳаво, бест, бест!
Бузи калум нест, нест.
Бузи калум дар бармол,
Тори саруш сафедмол.
Боло мерам, меғутум,
Поён мерам, меғутум.
Ҳайфи бузи кабутум,
Дар кучаҳо мелутум.

Пага баҳор мешава,
Бева қатор мешава.
Мега: «Хола ширта биёр».
Сағераи сурхи молвон,
Бузма додӣ ба гургон.
Ба худо, мегирум товон,

[1] Ин суруд варианти яке аз сурудҳои машҳури халқӣ «Калбуз» аст.

У буз набуд, модгов буд,
Дар қади дара хов буд,
Гурго дар болош чорғов буд.

Яг руз рафтум каҳдуравӣ,
Ғундал часпид дар дуравӣ[1].
Кардам таги шоруғза[2]
Алаф гирифтум як дарза,
И зорӣ мегазидай,
Одам намефаҳмидай.
Чунгак-чунгак давидум,
Вехи хафча ғалтидум,
Ғундал будай душманум.
Мерам қатии занум,
Ҳелчаша ёфт мекунум,
Вахти ширпазии очам,
Заҳруш часпида дар почам,
Файрод кунам мулло Қурбона,
Риши калташ намона,
Лавоша меҷунбона,
Ҳеҷ чира намедона.

Сафия бишин дар пешум,
Мисли гул бут[3] мекашум.
Саҳарӣ хестум ай хов,
Дидум дилакаш бетов.

[1] Дуравӣ – либоси махсуси даравгарӣ
[2] Шоруғза – шими даравгарӣ
[3] Бут – буят.

Ёракум равон шидай,
Дилакум вайрон шидай.
Садачаи қад-қадӣ
Ёрумай самарқандӣ,
Ёрум ҷидошав шидай,
Дилаки ман танг шидай.

Кадуча бо кадуча,
Ошиқ зани бойбача.
Бойбача бозор рафтай,
Бо гиряву зор рафтай.
Келинча хамир кардай,
Як чубакша гум кардай.
Бобом ба ҳезум рафтай,
Арғамчина гум кардай.

Арғамчин дар боғи мо,
Себи сурх анори мо.
Ба сари шуғ паридум,
Яг духтари нағз дидум.
Ба чанголом қапидум,
Ба дандоном газидум.
Куртаи алмос дора,
Симоша мерезона.
Ишваю ғамзаи ӯ
Ҷигарма мерезона.

Рафтум сайри лолазор,
Дидум духтари бисёр.
Ақибгинаш кокулдор,
Садқат шавам духтардор!

Як хар доштум ҳанг мезад,
Гушоша дар санг мезад.
Ним кило ҷавуш додум,
Шишта қатим[1] гап мезад.

Саги даруни пахта,
Пишика сур мекуна.
Пишикаки бечора,
Гелоса хур[2] мекуна.
Гелоси майдадуна,
Шикамта сер мекуна.

## ДАР БОРАИ ВОСЕЪ

Восеъ Дараи Мухторӣ,
Зеби найзаи гулкорӣ.
Восеъ куштай чил гова,
Сини душман метова.

Восеъ буд сабзинарӯ,
Одами калони чорпаҳлӯ.
Сарбозора зад ҳар сӯ,
Халқ Восеъра кард орзу.

Восеъ дар Сари Мазорай,
Тиру найзаш қаторай,
Халқи амир бисёрай,
Дар тақдираш ночорай.

---

[1] Қатим – ҳамроҳи ман.
[2] Хур – харошида, бо нохунҳо зӯр зада баромадан.

Восеъ ба асп савор шид,
Барои ҷанг тайёр шид.
Ба халқо у сардор шид,
Халқ ай думбуш қатор шид.

Восеъ Дарай Мухторӣ,
Ба ҷанг медид тайёрӣ.
Ҳамаи аскароша,
Мегуфт: «Бинен тайёрӣ!».

Ҳозир боё миёян,
Хунаҳора мекован.
Ҳамай ҷора мекован,
Восеъро намеёван.

Восеъ хамбид ай охир,
Ба суи шоҳу вазир,
Мега мулк шидай ҷазир,
Восеъ ғазост имрӯз.

Мир омадай Балҷувон.
Ханҷар хастай дар миён.
Гулизор ҳастай нолон,
Восеъ ғазост имрӯз.

Восеъ хамбид Дарай Борик,[1]
Руз равшану шав торик,
Мир тарсид эй халоиқ,
Восеъ ғазост имрӯз.

Восеъ хамбид Санги Мир[2],
Муқобили зулми мир,

---

1, 2, 3 – Деҳаҳои мавзеи Балҷувонанд.

Бояд бичуянд тадбир,
Восеъ ғазост имрӯз.

Восеъ хамбид аспсувор,
Ай думуш аскар бисёр,
Мерафтак Сари Мазор,[3]
Восеъ ғазост имрӯз.

Восеъ буромад пештова,
Чуқурӣ-пастӣ метова.
Мардум Восеъ мекова,
Восеъро намеёва.

Восеъ мега: ман мирум,
Мулло Назир вазирум.
Балҷувона мегирум,
Чӣ медона, ки мембурум.

Восеъ ба ҷунбиш умад,
Яке ба ҷанг дурумад.
Аз ҳайбати халқи Восеъ
Ҷуни душман бурумад.

Ҷанг мекунӣ ба боё,
Барои нафъи халқо,
То ту ба душмано фаҳмон,
Зулмшун ҳастай бебақо.

Восеъро бурдан Бухор,
Кашидануш таги дор,
Гуруш кардан дар мазор,
Вой аламой Гулизор.

* * *

Каҷмокаҷак, рост нарафтӣ, чаро?
Ру ба мани зор накардӣ, чаро?

Садқаи чашмони сиёҳат шавум,
Сурмаро бисёр накардӣ, чаро?

Садқаи он руи сафедат шавум,
Сафеда бисёр накардӣ, чаро.

Садқаи дастони сафедат шавум,
Дастмона бисёр накардӣ, чаро.

Садқаи поҳои сафедат шавум,
Туфлира бисёр накардӣ, чаро.

* * *

Духтарум, духтарум,
Духтари тути тарум,
Авқоти даргузарум,
Аз духтаро беҳтарум.

Духтар бозӣ мекуна,
Ҷон духта бозӣ мекуна,
Мӯйҳош дарозӣ мекуна,
Ба қадуш бозӣ мекуна.

Зулфи сиёи зоғут,
Гул мечинум дар боғут.

Модар набина доғут,
Духтари ховалингӣ.

Чашми сиёра во кун,
Гашта ба мо ниго кун.
Дарди мара даво кун,
Духтари ховалингӣ.

Муи сиёи ҷинҷут,
Дандонакои биринҷут,
Буса буте ай ланҷут,
Духтари ховалингӣ.

Қади ниёли[1] ёрум,
Ай ту умед дорум,
Ту бошӣ дар канорум,
Духтари ховалингӣ.[2]

## ШИРИН МЕГАН ШУМОРА[3]

Эй ҷураи улфатӣ,
Сари зулфот парпатӣ,
Ангури шарбат қатӣ,
Ширин меган шумора.

---

[1] Ниёл – ниҳол.
[2] Ин суруд дар тақлиди як шеъри халқӣ иншо шудааст. Ҳофизони имрӯзаи Ховалинг ҳамин зайл месароянд.
[3] Як варианти хурди ин суруди машҳури халқӣ аз даҳони мардум навишта гирифта шуд.

Так-таки токем ҷура,
Ошиқи покем, ҷура.
Каштали чокем, ҷура,
Ширин меган шумора.

Дар дари хонат ангур,
Як пашаву чил занбур,
Ҷаҳтум накардӣ базур,
Ширин меган шумора.

Ба тай кучат гузаштум,
Зулфот печид дар дастум.
Ҷаҳтум кардӣ, нагаштум,
Ширин меган шумора.

## РОҲСОЗӢ

Бишнав аз ман, эй азизам, дар чаман,
Мухтасар ман бар ту мегӯям сухан.
Ман, чи шуд рӯзе, ки Қурған рафтаам,
Раҳканони паҳлавонро дидаам.
Дар лаби дарёи Вахши пурсамар,
Ҷумла аз халқҳои Кулоб сар ба сар.
Аз дами зоғнули халқи паҳлавон
Пора гашта куҳи сахти бекарон.
Андар он ҷо зарби коре дар садо,
Куҳ мехезад аз ин кор дар ҳаво.
Дидани куҳ шуд тамошо дар назар,
Пора-пора ӯ фитод дар баҳру бар.

Моҳиён аз тарси у чун дар гурез,
Мераванд дарёи дигар хонахез.
Бин ба ин кор ховалингӣ Соқиро,
Халқи ӯ бигрифт ба даст байроқро.
Пас Раҳимзода Саид сардорашон,
Пас барор бигрифта ҳар рӯз корашон.

## ЧУ ГУЛ ХАНДИДА БОШӢ

Баҳор омад, чу гул хандида бошӣ,
Гулу гурбарг ба ҳам печида бошӣ.
Чу булбул дар чаман нолида бошӣ,
Ба завқи якдигар хандида бошӣ.

Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ,
Диламро хун кунӣ, ёр, зинда бошӣ.

Биё, бо ҳам равем сайри гулистон,
Тамошое кунем мо боғу бустон.
Гаҳе гулчин, гаҳе сарву хиромон,
Ба пешат гар мурам – дигар чӣ армон.

Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ,
Диламро хун кунӣ, ёр, зинда бошӣ.

Ба пеши чашми махмурат бимирам,
Ба пеши кавши булғорат асирам.
Аз он лаъли лабат як буса гирам,
Ҳамон вақте, ки ту дар ханда бошӣ.

Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ,
Диламро хун кунӣ, ёр, зинда бошӣ.

Ҳавас дорам, ки андар маскани ту,
Нишинем рузу шаб танҳо ману ту,
Бичинам гул зи боғи гулшани ту,
Ту ҳам аз боғи ман гул чинда бошӣ.

Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ,
Диламро хун кунӣ, ёр, зинда бошӣ.

Парешон кун ду зулфи мушкбуят,
Ба хоби ноз чодир каш ба руят.
Ҳамон вақте ки ман оям ба суят,
Табассум кардаву хандида бошӣ.

Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ,
Диламро хун кунӣ, ёр, зинда бошӣ.

Қадат сарву рухат чун моҳи анвар,
Ду зулфони ту ҳамчун риштаи тар.
Ниҳодам доғи дил бар дил саросар,
Зи доғи дил магар нашнида бошӣ?

Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ,
Диламро хун кунӣ, ёр, зинда бошӣ.

Қадат сарве, ки дар бустон дамидаст,
Лабат аз меваҳои нав расидаст,
Ду чашмат нури хуршедӣ кашидаст,
Ба ҳар навъе, ки худ мекарда бошӣ.

Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ,
Диламро хун кунӣ, ёр, зинда бошӣ.

Бигуям бо ту, эй лаъли Бадахшон,
Шуда ишқи ту бар ман офати ҷон.
Биёву раҳм кун, сарви хиромон,
Магар, эй ёри ман, ранҷида бошӣ.

Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ,
Диламро хун кунӣ, ёр, зинда бошӣ.

Бигуям бо ту, эй нури ду дида,
Ба қатли ҷони ман ханҷар кашида,
Зи теғи ханҷарат хун мечакида,
Чаро ин бегунаҳро кушта бошӣ.

Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ,
Диламро хун кунӣ, ёр, зинда бошӣ.

Саманди нозро оварда бошӣ,
Ба сад нозу тараб зин карда бошӣ.
Ҳамон вақте, ки аз баҳри саворӣ
Қадам аз хона берун карда бошӣ.

Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ,
Диламро хун кунӣ, ёр, зинда бошӣ.

## ДУХТАРИ МИРИ САРА

Духтари мири сара,
Аз дара ов мебара.
Бача, ки ов металба,
Ғамзакунон мегзара.

Духтари пири кулол,
Ай Қатаған омадай.
Дар бари руяш ду хол,
Куртачакан омадай.

Биё, бирем якбора.
Гул бичинем яксара.
Буса буте раҳ ба ра,
Ҷура, дунё мегзара.

## ДУХТАРАКОН БУДЕМ

Мо духтаракон будем,
Кучадавонак будем.
Давидему давидем,
Сари ҷуда расидем.
Сари ҷуда ове не,
Мирбачара хове не.
Мирбачаи қаноқӣ,
Тир ба сари чашмоқӣ.
Дар Судара ҷанг аст,
Овози қуланг аст.

Камони фаранг аст,
Э хола дара, гир.
Дарара мон, тумбара гир,
Арақо сар задагӣ.
Кафи по ҷар задагӣ,
Домано бар задагӣ.
Тутако, тутако,
Тути дари хонақо.
Кадуча ба кадуча,
Ошуқ зани бойбача.
Бойбача мазор рафтаст,
Бо гиряву зор рафтаст.
Келинча хамир кардаст,
Як чубаш камӣ кардаст.
Калак ба ҳезум рафтаст,
Арғамчина гум кардаст.
Арғамчин дар боғи мо,
Себи сурх анори мо.
Лола, лолазори мо,
Ош кардум, шур омад.
Як беваи кур омад,
Ошуш додум дар дулча,
Хилмуш парид дар тоқча.
Духтарум, духтарум,
Духтари моҳи тарум.
Ай духтаро беҳтарум,
Таваќи тути тарум,
Ҳайкали пеши барум.
Мошоваҷон, мошова,
Фатири қоқ пиёва,

Нони хунук широва.
Дар дегум мош андохтум,
Задем кавлезу кофтум.
Як буридара ёфтум.
Дар даҳонум партофтум.
Афсона сим буд,
Сим пайса буд.
Мор тутитак буд,
Гурба пати задан буд.
Нонаш гармак буд,
Чанголӣ накард, бухурем.
Афсона саноча буд,
Буз марди катапоча буд.

## БАРФӢ

Барф меборад ба фармони Худо,
Барфи нав аз мову барфӣ аз шумо.
Ҳар ки гирад ин ҷавони рафтаро,
Дасту пояш бастаю рӯяш сиё.
Ин ҷавони рафтаро, ҳар кас нагирад ҷо ба ҷо,
Медиҳад андозҳои гуфтаро.

## СУРУДИ МОДАР

Ту меравӣ аз хона, хамира кӣ рост мекуна?
Ҳар лаҳза пеши оча кӣ шишта ноз мекуна?

Гулма бурдане, баргаки гулма бурдане,
Аз миёни духтаро нумолдузма бурдане.

Гулма бурдане, баргаки гулма бурдане,
Аз миёни духтаро ҷомадузма бурдане.

Гулма бурдане, баргаки гулма бурдане,
Аз миёни духтаро тоқидузма бурдане.

Гулма бурдане, баргаки гулма бурдане,
Аз миёни духтаро хонарубма бурдане.

Гулма бурдане, баргаки гулма бурдане,
Аз миёни духтаро ҷигарсузма бурдане.

## ШОМИ ҒАРИБОН

Сарам чун чарх мегардад,
Танам чун бед меларзад.
Дилам чун кура месузад
Дар ин шоми ғарибонам.

На мулкам ҳаст, не молам,
На кас пурсад зи аҳволам.
Зи шаб то рӯз менолам
Дар ин шоми ғарибонам.

* * *

Бачаи Нозим буд гулак,[1]
Дар дасти Нозим ғулак,
Шаҳрора мекард булак,
Шаиди[2] аъло Нозим.

[1] Гулак – кӯдак.
[2] Шаид – шаҳид.

Оби дарё балғутай,[1],
Салаи Нозим кабутай,
Куштануш рузи ҳутай,
Шаиди аъло Нозим.

Дар у дара ду бедай,
Салай Нозим сафедай,
Очаи Нозим баъмедай,[2]
Шаиди аъло Нозим.

Очаи Нозим Мастона,
Шиштай дар кунчи хона,
Кушандаша медона,
Шаиди аъло Нозим.

## ДАРЕҒ, АЗ ЗИНДАГОНИҲО

Дареғ, аз зиндагониҳо, ки марг аст аз қафо охир,
Агар Хизре, ки бошад аз аҷал набвад раҳо охир.
Рафиқу ошнову хеш хоҳад шуд ҷудо охир,
Ба пеши марг ҳайрон мешавад шоҳу гадо охир...

Агар дар қалъаи заррин шаҳаншоҳи ҷаҳон бошӣ,
Аҷал хокат кунад, гар Рустами соҳибқирон бошӣ.
Ба як чанги аҷал чун саркашӣ, дар осмон бошӣ,
Ба гӯри танг охир зери пои мардумон бошӣ.

---

[1] Балғутай – ишора ба оби лойолуд аст.
[2] Баъмед – боумед

## РАФТ АЗ ДАСТАМ

Дареғо, соғари гулбарги хандон рафт аз дастам,
Қафас бишкасту кабки хушхиромон рафт аз дастам.
Ниҳоли қоматам хам шуд, гулистон рафт аз дастам,
Шудам хокистару лаъли Бадахшон рафт аз дастам.
Чигас бишкастиву ин моҳи рахшон рафт аз дастам.
Яке ин нури чашмам ҷонишини мулки аъло шуд.
Аз ин дунёи дуни бебақо дигар мубарро шуд,
Илоҳо, ҳеҷ муъминро ба мисли ман нагардонӣ,
Ба дарду ғуссаи дунёи фонӣ ғарқ нагардонӣ,
Чӣ гӯям ман, ки фарзандам ба хоки тира яксон шуд,
Қафас бишкаставу шумқори зебо рафт аз дастам.

## АБДУЛМАҶИДҶОНАМ, БАЛАМ

Аз фироқат сӯхтам, эй нури чашмонам, балам,
Соя будӣ бар сарам сарви хиромонам, балам.
Чок-чок аст ин гиребон то ба домонам балам,
Нозанинам, қобилам, Абдулмаҷидҷонам, балам.

Даври пирӣ бар сарам рӯҳи бало андохтӣ,
Сирри дил бар мо нагуфтӣ, кори худро сохтӣ.
Рафтӣ аз дунёву аз он бад ҳолам сохтӣ,
Нозанинам, қобилам, Абдулмаҷидҷонам, балам.

Ҳеҷ ғамхоре надорам то ба ман ҳамдам шавад,
Қомати як хоҳарат аз бори ғам гардид хам.
Хонаи умри маро барбод додӣ аз алам,
Нозанинам, қобилам, Абдулмаҷидҷонам, балам.

Хулқи хубат мерасад, сад оҳу афғон мекунам,
Во балам, – мегӯяму сад шаҳра вайрон мекунам,
Аз ду чашмам хун равон монанди борон мекунам.
Нозанинам, қобилам, Абдулмаҷидҷонам, балам.

Модарат пиру падар, аммо ту будӣ навҷавон,
Соя будӣ бар сарам ин ҳарду пири нотавон.
Умри худ барбод кардӣ, эй балам, дар як замон,
Нозанинам, қобилам, Абдулмаҷидҷонам, балам.

Эй балам, баъди сарат гирди ҷаҳонро тай занам,
Давлати шаҳбози ман бигзашт имрӯз аз сарам.
Дар ғамат Абдулмаҷид, имрӯзу фардо мемурам,
Нозанинам, қобилам, Абдулмаҷидҷонам, балам.

Молу мулку ҷумла асбоби ту ҳайрон мондааст,
Номи некат дар миёни ҷумла ёрон мондааст,
Як арӯси нозанин дар хона гирён мондааст,
Нозанинам, қобилам, Абдулмаҷидҷонам, балам.

# Б А Д Е Ҳ А Ҳ О

## БИЁ РАВЕМ, ГУЛ ҶОИ МО

**Писар**: Биё равем, гул ҷои мо,
Равӣ бо ман, чӣ мешавад?

**Духтар**: Рафтани ман ҷои шумо,
Хуб мешавад, намешавад.

**Писар**: Биё равем як дам шинем,
Сӯҳбат кунем хуб мешавад?

**Духтар**: Модарамро напурсида,
Хуб мешавад, намешавад.

**Писар**: Модари ту одами хуб,
Албатта, розӣ мешавад.

**Духтар**: Ҳарчӣ набошад, модар аст,
Напурсида намешавад.

**Писар**: Гул, савол дорам ба ту,
Ҷавоби ман чӣ мешавад?

**Духтар**: Майлаш, саволатро бигӯ,
То бидонам, чӣ мешавад?

**Писар**: Хоҳам туро ман ба занӣ,
Ҷавоби ман чӣ мешавад?

**Духтар**: Ҳардуямон як ҷо бошем,
Албатта, хубтар мешавад.

**Ҳарду**: Албатта, хубтар мешавад,
Аз қанд ширинтар мешавад.

## ГУЛ БА ДАСТ МЕРАВАД

**Писар**: Духтар, духтар, рута нашу дар лаби ҷу,
Ҳайдама буте, туро падар дода ба шу.

**Духтар**: Не парвой падар дорам, не парвои шу,
Як бусаи ошиқӣ баҳои сад шу.

**Хор**: Гул ба даст меравад,
Дасти ба даст меравад.
Гула бар кас надиҳед,
Гул ба шикаст меравад.

**Писар**: Эй, духтараки сафедаки ҷингиламу,
Шукрона бикун, туро падар дода ба шу.

**Духтар**: Шукрона намекунам, ҷавон розӣ нест,
Дар ҷогаи хоб ишрату бозӣ нест.

**Хор**: Гул ба даст меравад,
Дасти ба даст меравад.
Гула бар кас надиҳед,
Гул ба шикаст меравад.

**Писар**: Эй ҷураи ҷон, ранги гули зардолу,
Як буса бидеҳ, дарди диламро дору.

**Духтар**: Як буса намедиҳам, ки ту раҳгузарӣ,
Сад шаҳра ба шаҳр занию овоза барӣ.

**Хор**: Гул ба даст меравад,
Дасти ба даст меравад,
Гула ба кас надиҳед,
Гул ба шикаст меравад.

**Писар**: Духтар, духтар, дил зи ту барканда кунам,

**Духтар**: Шояд, ки туро ба хандае банда кунам.

**Писар**: Бо хандаи ту агар бимирам чӣ кунам?

**Духтар**: Шояд, ки туро ба бусае зинда кунам.

**Хор**: Гул ба даст меравад,
Дасти ба даст меравад,
Гула бар кас надиҳед,
Гул ба шикаст меравад.

## МОҲИ ПАРИПАЙКАР

**Писар**: Эй моҳи парипайкар,
Ишқат ба дилам ханҷар.
Ту зан бошӣ, ман шавҳар,
Эй хубруи зебое!

**Духтар**: Ҳайф аст ба ту бобо,
Гуфтӣ сухани беҷо.
Гум шав, бирав, аз ин ҷо,
Эй бобои расвое!

**Писар**: Дар ишқи ту рафт ҳангам,
Лоғар шуда мелангам.
Охир занӣ дар чангам,
Эй хубруи зебое!

**Духтар**: Эй бобо, алам дорам,
Дар дилакум ғам дорам,
Аз ранги ту безорам,
Эй бобои расвое!

**Писар**: Дар руи ту нанг бошад,
Ошиқ зайли ман бошад,
У касе ту мегирӣ,
У як бекафан бошад.

**Духтар**: Эй бобо, ту ҳуш дорӣ,
Мисли така риш дорӣ,
Ба мурдан равиш дорӣ,
Эй бобои расвое!

**Писар**: Ришу фаше ман дорам,
Духтар ба ту хушдорам,
Як буса талаб дорам,
Эй хубруи зебое!

**Духтар**: Эй бобои шумшултоқ,[1]
Дангал хурӣ ё тиёқ?
Тезтар буро аз қишлоқ,
Эй бобои расвое!

**Писар**: Ноҷо гапако сохтӣ,
Тиёқ ба ман андохтӣ,
Ёри худта нашнохтӣ,
Эй хубруи зебое!

**Духтар**: Ноҷо гапако сохтам,
Тиёқ ба ту андохтам,
Бад кардам-надонистам,
Ҷонам дар у чашмое.

---

[1] Шумшултоқ – ба маънои шилқин, хира.

## БОБО

**Бобо**: Бахчӣ[1] хоб кардӣ, духтар,
Дилма об кардӣ, духтар?!

**Духтар**: Не, не, дилакам, бобо!
Дарди дилакам, бобо,
Ин дарде, ки ман дорам,
Охир мекушад манро.

**Бобо**: Руймолат гирам, духтар?

**Духтар**: Не, не, дилакам, бобо!

**Бобо**: Тоқиат гирам, духтар?

**Духтар**: Не, не, дилакам, бобо!
Дарди дилакам, бобо.
Ин дарде, ки ман дорам,
Охир мекушад манро.

**Бобо**: Марҷонат харам, духтар?

**Духтар**: Не, не, дилакам, бобо!

**Бобо**: Гушворат харам, духтар?

**Духтар**: Не, не, дилакам, бобо!
Не, не, дилакам, бобо!
Дарди дилакам, бобо.

---

[1] Бахчӣ – чаро, барои чӣ.

Ин дарде, ки ман дорам,
Охир мекушад манро.

**Бобо**: Шоҳит бигирам, духтар?

**Духтар**: Не, не, дилакам, бобо!

**Бобо:** Кавшат бигирам, духтар?

**Духтар:** Не, не, дилакам, бобо!
Дарди дилакам, бобо.
Ин дарде, ки ман дорам,
Охир мекушад манро.

**Бобо:** Туят бикунам, духтар?

**Духтар**: Ҳа, ҳа, дилакам, бобо!
Ҳа, ҳа, дилакам, бобо!
Дарди дилакам, бобо.
Ин дарде, ки ман дорам,
Ҳамаш ҳамин аст, бобо.

## ГУЛБУТТА

**Писар**: Ҷони ман бодо фидоят, ассалом, эй гулбутта,
Ҳар замон ой ба ёдам, моҳи тобон, гулбутта.

**Духтар**: Дустдорам, бо ту гуям, ошиқи ман як ту не,
Мисли ту чандин ҷавонон дар талоши гулбутта.

**Писар**: Нест ақл аз он маро, тоқат ба дил, хобам намонд,
Мисли ангури шароб хуммор дорӣ, гулбутта.

**Духтар**: Як ту нестӣ ошиқам, чандин касон ошиқ ба ман,
Мисли ту чандин ҷавонон дар фироқи гулбутта.

**Писар**: Доимо дар ҷустуҷуят дилкабоб гардидаам,
Даст бимон бар синаам, бин, дар чӣ тобам,
гулбутта.

**Духтар**: Ман туро санҷидаам, дар назди ман
маълум шудӣ,

**Ҳарду**: Ман туро хостам кунун, эй ёри ҷонӣ, гулбутта.

## ХОЛАКАТ МАРО КУШТАСТ

**Писар**:
Холакат маро куштаст,
Нозакат маро куштаст,
Як ғамза ба мо кардӣ,
Ишваат маро куштаст.

**Духтар**:
Ҳар кас ҳар касе дорад,
Хона ёраке дорад.
Ёраш дар пешаш бошад,
Айшу ишрате дорад.

**Писар**:
Шухи дилрабои ман,
Ман, ки мубталои ту,
Дарди ман даво созад
Холаки сиёҳи ту.

**Духтар**: Раъногули бебокам,
Ту ангуру ман токам,
Аз барои як ангур
Печида ба ҳар шохам.

**Писар**: Ёрам боғчае дорад,
Боғча мевае дорад,
Байни меваҳои боғ,
Себу ҳам анор дорад.

**Духтар**: Паҳ-паҳ буи чӣ омад,
Ёрам назди ман омад,
Аз сайраки боғ омад,
Бе як дона себ омад.

**Писар**: Боғу лолазорам ҳаст,
Себу ҳам анорам ҳаст,
Як бусае лутфам кун,
Себаке ба дастам ҳаст.

## ГУЛУМОЙ

**Духтар**: Аз боло куланг омад, қушмурғобӣ,

**Писар**: Ошиқ шудаям ба духтари кулобӣ.

**Хор**: Гулумой, гулумой,
Тозабаргай гулумой,
Каҷакош дар барумой,
Аламош дар дилумой.

**Писар**: Ин духтари кулобӣ ба мо дил дорад,

**Духтар**: Чашмони сиё, забони булбул дорад.

**Хор**:
Гулумой, гулумой,
Тозабаргай гулумой,
Каҷакош дар барумой,
Аламош дар дилумой.

**Духтар**: Эй ҷураи ҷон, ҳарду биё, ҷура шавем,

**Писар**: Монанди ситора дар ҳаво қуша шавем.

**Хор**:
Гулумой, гулумой,
Тозабаргай гулумой,
Каҷакош дар барумой,
Аламош дар дилумой.

**Духтар**: Монанди ситора дар ҳаво қуша нашуд,

**Писар**: Биё, ки ба як либос пушида шавем.

**Хор**:
Гулумой, гулумой,
Тозабаргай гулумой,
Каҷакош дар барумой,
Аламош дар дилумой.

## ВОХӮРӢ

**Писар**:
– Дидам санамо, кӯза ба дас меояд,
Аз дидани у маро ҳавас меояд.
Аз бахри вафо буса бидеҳ, аз лабакот,
Тарсида ба ханда гуфт: кас меояд.

**Писар**: – Ҷонони манӣ.
**Духтар**: – Хандони манӣ.
**Писар**: – Ман ёри туям.
**Духтар**: – Ту ёри манӣ.

**Духтар**: – Аз кӯча гузар макун, ки ман дар домам,
Бар ман назаре накун, ки ман бадномам.
Ҳар гаҳ, ки назар кунӣ ту, рӯ гардонам,
Бар дил нигарӣ, ки сухтаву бирёнам.

**Писар**: – Ҷонони манӣ.
**Духтар**: – Хандони манӣ.
**Писар**: – Ман ёри туям.
**Духтар**: – Ту ёри манӣ.

**Писар**: – Эй маҳваши сарви ман чи оростаӣ,
Эй сарв, ба худ бингар чӣ пиростаӣ.
Оромгаҳат боғи муҳаббат шудааст,
Ҳай-ҳай, чи макони дилкушо хостаӣ.

**Писар**: – Ҷонони манӣ.
**Духтар**: – Хандони манӣ.
**Писар**: – Ман ёри туям.
**Духтар**: – Ту ёри манӣ.

## ЗАР БИДЕҲ

**Писар**: – Гуфтам ки, эй нозукбадан,
Як бӯса мехоҳам, бидеҳ.

**Духтар**: – Гуфто, бирав аз пеши ман,
Гар бӯса хоҳӣ, зар бидеҳ.

**Писар**: – Гуфтам, надорам симу зар,
Овардаям ҷон даргузар.

**Духтар**: – Гуфто, махур хуни ҷигар,
Гар бӯса хоҳӣ, зар бидеҳ.

**Писар**: – Гуфтам, манам як паҳлавон,
Сад хун кунам дар як замон.

**Духтар**: – Гуфто, бирав, қисса махон.
Гар бӯса хоҳӣ, зар бидеҳ.

**Писар**: – Гуфтам, ки ман ёри туям,
Бо ҷон харидори туям.

**Духтар**: – Гуфто, ки безори туям,
Гар бӯса хоҳӣ, зар бидеҳ.

**Писар**: – Гуфтам, ки ман шаҳзодаям,
Дар куи ишқ афтодаям.

**Духтар**: – Гуфто, ки ҳиндузода бош,
Гар бӯса хоҳӣ, зар бидеҳ.

## ГУЛПАРӢ

**Писар**: – Гулпарӣ, райҳонпарӣ,
имшаб лаби бомат кӣ буд?

**Духтар**: – Ҷон акаҷон, касе набуд,
атторбачек омада буд,

Атторбачек омада буд,
усмаи тар оварда буд.

**Духтарҳо**: – Атторбачек омада буд,
усмаи тар оварда буд.

**Ҳама**: – Чигӣ-чигӣ ҷангаш макун,
зулфакоша қайчӣ макун.

**Писар**: – Гулпарӣ, райҳонпарӣ,
дишаб ба долонат кӣ буд?

**Духтар**: – Ҷон акаҷон, касе набуд,
заргарбачек омада буд,
Заргарбачек омада буд,
гушвори зар оварда буд.

**Духтарҳо**: – Заргарбачек омада буд,
гушвори зар оварда буд.

**Ҳама**: – Чигӣ-чигӣ ҷангаш макун,
зулфакоша қайчӣ макун.

**Писар**: – Гулпарӣ, райҳонпарӣ,
дишаб ба чорбоғат кӣ буд?

**Духтар**: – Ҷон акаҷон, касе набуд,
боғбонбачек омада буд,
Боғбонбачек омада буд,
дастаи гул оварда буд.

# ГУЛБАЗМ

## Оғоз

**Ровӣ**: Гулбазм – базми гулҳо,
Базми баҳори дилҳо.
Базми гули гулонай,
Шодии ҳамдилонай.

Гулбазм базми нозай,
Базми таронасозай.
Чак-чак занем баробар,
Гулбазми мо шавад сар.

Қақра занен, кавги маст,
Гула барен даст ба даст.
Қаҳ-қаҳа чун гул занен,
Чаҳ-чаҳ чу булбул занен.

## Дастобадаст

**Ҷавоне**: Эй гул, ду ҷаҳон баҳои як хандаи ту,
Ту зеби касӣ, ки ҳаст монандаи ту.

**Духтаре**: Гулро бу кашам, буи биҳиштай буяш,
Гулро бубарен туҳфа кунен дар туяш.

**Ҷавоне**: Гар додӣ ба ман туҳфа, барам бар ёрум,
Гулма бигира, қулуғу миннатдорум.

**Духтаре**: На гулта кунум қабул, не дилта, бача,
Дар ҳар қадамум қатор шидай чилта бача.

**Ҷавоне**: Ай чилта бача ба ман расидай гули ёр,
Ай чилта бача ма ҷо шидам дар дили ёр.

**Духтаре**: И гул ба кадом рӯ ба ман ханда куна,
Як хандаи ма сад гула шарманда куна.

**Ҷавоне**: Ними мардум гул шава, ними дигаш
булбул шава,
Зиндагӣ ширин шава, хушбӯ ба мисли
гул шава.

* * *

**Духтаре**: Агар як гул бихандад, маҳфили мо
мешавад хушрӯ,
Гулистон гар бихандад, рӯи дунё
мешавад хушрӯ.

**Ҷавоне**: Гул андар дасти ман афтод, з-ин пас
мешавам гулдаст,
Ба дасти он касе биспорамаш, ки рашки
сад гул ҳаст.

**Духтаре**: Гулатро ман чиҳо созам, ки гул пажмурда
мегардад,
Гулатро бар, ки табъи нозукам озурда
мегардад.

**Ҷавоне**: Аҷаб дилбар, ки ман дорам, ба гул бисёр
монандай,
Забонаш чун асал, ҳарфаш наботай,
гапзаниш қандай.

**Духтаре**: Маро гул гуфтиву гулро кунам бо ханда
шарманда,
Ягон ташбеҳи дигар ҷӯ, ки бошад бар ман
арзанда.

**Ҷавоне**: Туро гул гуфтам, ин кам ҳаст, гулбоғӣ,
гулистонӣ,
Ту эй, зебосанам, хушрутарини
Тоҷикистонӣ.

**Духтаре**: Ба қадри гул расидан ҳам на кори ҳар
ҷавон бошад,
Ба қадри гул расад ҳар кас, илоҳо,
ҷовидон бошад!

**Ҷавоне**: Ба қадри гул расидан кори мо мардони
майдонай,
Надонад қадри гулро ҳар касе, ҳайвони
ҳайвонай.

**Духтаре**: Ба ҳар ҷое, ки гул боша, набояд ҳарфи
бад боша.
Ба ман як гул мадеҳ, бояд ки туҳфа як
сабад боша.

**Ҷавоне**: Бароят як сабад не, сад сабад гул мехарам,
эй ёр,
Туро то хона байни хирмани гул мебарам,
эй ёр.

**Духтаре**: Ҳазорон хирмани гул пеши ман чун хору
хас гардад,
Надорад оқибат ҳар кас, ки бо ҳар
булҳавас гардад.

**Ҷавоне**: Гуле дорам, намедонам, ки онро бар кӣ
биспорам,
Ба каф гул дораму дар дил ҳазору як
ҳавас дорам.

**Духтаре**: Гулатро бӯ кашам, бӯи вафодорӣ намеояд,
Аз он марде надорад гар вафо, ёрӣ намеояд.

* * *

**Ҷавоне**: Гулатро бӯ кашам, бӯи дил ояд,
Ба оғӯшам нигори хушгил ояд.
Биё, то зиндагонӣ гардад осон,
Ки бе ту бар сарам сад мушкил ояд.

**Духтаре**: Худам гул ҳастам, ин гулро чӣ созам?
Қадам гулрез, аз гул бениёзам.
Гулистон мекунам рӯи ҷаҳонро,
Худо бахшад агар умри дарозам.

**Ҷавоне**: Гули сурху сафеду зарду обӣ,
Манам ошиқ ба як ёри кулобӣ.
Манам ошиқ, вале ӯ дил надорад,
Куҷо ҳалво хурӣ, гар дил наёбӣ.

**Духтаре**: Гулам додӣ, ки бар ту дил супорам?
Гулистонам диҳӣ, парво надорам.
Агар бар ман ту нав гул дода бошӣ,
Ба ман гул медиҳад ҳар ҳафта ёрам.

**Ҷавоне**: Гули гулҳо, гули гулҳо гули ман,
Гули сардори маҳфилҳо гули ман.
Гули сардори маҳфилҳои олам,
Гули ҷо гашта дар дилҳо гули ман.

**Духтаре**: Маро гул гуфтиву гул ҳадя кардӣ,
Маро гул додиву дил ҳадя кардӣ.
Дигар ганҷи ду олам пеши ман ҳеҷ,
Дилам, эй ёри хушгил, ҳадя кардӣ.

**Ҷавоне** : Илоҳӣ ёри хушру дошта бошум,
Ки рӯи ҳавлияш гул кошта бошум.
Гуламро пеши бар вардошта бошум,
Қадам болои гул бигзошта бошум.

**Духтаре**: Гуле додӣ ба ман ту, бӯ надора,
Ки зеби кокулу гесӯ надора.
Аз ин шаҳри шумо мерам ба Кӯлоб,
Ки инҷа баччаи хушрӯ надора.

**Ҷавоне**: Агар гулҳои оламро бичинум,
Намеарзад, ки дар пешат нишинум.
Ба ман гулҳои олам нест даркор,
Агар як раҳ туро серӣ бубинум.

**Духтаре**: Гулат рӯзе ба кор ояд, азизам,
Ба як гул кай баҳор ояд, азизам.
Аз ин гулҳо, агар ҳамхона гардем,
Ҳазори дар ҳазор ояд, азизам.

* * *

**Ҷавоне**: Гулут гули ситора,
Ҷигарма кардӣ пора.

**Духтаре**: Гулут гули патонӣ,
Ай афтуш, ки шайтонӣ.

**Ҷавоне**: Гулут гули баҳорӣ,
Ба мо ту дил надорӣ.

**Духтаре**: Гулут гули шафтолу,
Ба дарди дилум дору.

**Ҷавоне**: Гулут гули якдона,
Ай мо наша бегона.

**Духтаре**: Гулут гули олуча,
Дилакма ёфтӣ, бача.

**Ҷавоне**: Гул дар болои хорай,
Гирифтануш душворай.

**Духтаре**: Гул дар даруни куза.
Дунё будай дуруза.

**Ҷавоне**: Гул дар болой мошин,
Духта, биё бо мо шин.

**Духтаре**: Гул дар болои майса,
Ошиқ надора пайса.

**Ҷавоне**: Гул дар сари деворай,
Дар сари гул бозорай.
Сар-сари девор хорай,
Бар-бари девор морай.

**Духтаре**: Гул дар даруни боғай,
Монанди чилчароғай.
Месӯза банди ҷигар,
Дилакум доғ-доғай.

**Ҷавоне**: Гула бурдум ба бозор,
Нархуш кардум сад ҳазор.
Пушаймон шидум сад бор,
Гул фурухтан чӣ даркор?

**Духтаре**: Гул зеби боғу бустон,
Гул зеби базми дустон.
Худо шавад гулистон
Тамоми Тоҷикистон.

## Анҷом

**Ровӣ**:

Дастобадаст гул рафт,
Охир ба дасти мо монд.
Армонӣ монд, ҳар кӣ
Ай базми гул қафо монд.

Гул ба дасти духтаро,
Гул сари кокул боша.
Гулбазми мо тамом шид,
Зиндагитон гул боша.

Ҳаёти мисли гултон
Нағалта дар чанги хор.
Дар хонатон, Илоҳӣ
Ҳамеша бошад баҳор!

# КӮЛОБ БУДАМ, ОБИ ШИРИН МЕХУРДАМ

*(рубоиёт)*

Чархофалако, маро ба чарх овардӣ,
Кӯлоб будам, маро ба Балх овардӣ.
Кӯлоб будам, оби ширин мехурдам,
Саргашта маро ба оби талх овардӣ.

Эй ҷураи ҷон, бе ту ҷаҳонро чӣ кунам,
Бе ту гули сурхи арғувонро чӣ кунам?
Бе ту гули сурхи арғувон бисёрай,
Дил майли ту дора, дигаронро чӣ кунам.

Модар-модар, ба ҷон баробар модар,
Дубора ба кас нашуд муяссар, модар.
Не холаву не апа ба ҷои модар,
Оинаи пеши руи духтар, модар.

Дар қадди ниҳоли навниҳолат ҷонам,
Дар руи сафеди беғуборат ҷонам.
Ҳарчанд кадем туро надодан бар мо,
Дар гардиши чашмои хуморат ҷонам.

Як даста гулум дар лаби новардонай,
Пучала[1] шуда дар ҳаваси боронай.
Мардум меган: «Аври сиё боронай,
Акагиву додарӣ ҳамаш давронай».

Духтар-духтар, биё, бишин дар парта,
Ту сузани патифон бошӣ, ма қарта.
Як айби калон дорӣ, муҳоят калта,[2]
Ма садқа шавам қошои пайвандита.

---

[1] Пучала – пажмурда
[2] Калта – кӯтоҳ

Духтар ба даруни боғ сар паст мекард,
Кац бастани румолуш маро маст мекард.
Кац бастани румолуш надидем серӣ,
Оташ ба даруни дил ҳалангас мекард.

Ин гул чӣ гулай, ки дар гиребони манай,
Ҳар цо, ки равӣ, доғи ту дар цони манай.
Ҳар цо, ки равӣ, оби равон пеш ояд,
Ин оби равон дидаи гирёни манай.

Рафтем бари ёр, ёр бедор нашуд,
Сад чарх задем, ёр хавардор нашуд.
Сад чарх задем барои ёри мардум,
Ёри мардум ба мо вафодор нашуд.

Аз куча гузар ман аз барои ту кунам,
Наззора ба чашмони сиёи ту кунам.
Дидам, ки нишастаӣ миёни сад кас,
Сад касро салом аз барои ту кунам.

Чашмони сиё дорӣ, ки мо ҳам дорем,
Ту ноз накун, ки мо намебардорем.
Ту ноз накун, ки мо ҳануз хурдтаракем,
Ту дастаи гул бошӣ, мо беҳтаракем.

Ин себи самарқандира ёр овардаст,
Хушбу гули санцита шамол овардаст.
Хушбу гули санцитай хушранг гули хор,
Хушру зани мардумай, нозаш бисёр.

Иру беду уру бед, мина садабед,
Ошиқ шудаам ба духтари куртасафед.
Эй куртасафед, куртаякут-баргаки бед,
Мо дил ба ту додаем, сад кас баумед.

Ҷонона баҳор шудаст, ҷон яксаду бист,
Мо азми сафар кардему модар бигирист.
Эй модари ҷон, маънои гиристанут чист?
Ҳама сари сол беста[1], ма рузаки бист.

Эй бачаи ҷон, сояи давлат бошӣ,
Шаҳбози сафед рӯи вилоят бошӣ.
Бошӣ-бошӣ, соқу саломат бошӣ,
Сад соли дигар, бачам, саломат бошӣ.

Сабзиначувони қаламӣ дар майдон,
Ҳар ҷо, ки мара дидӣ, даста гардон.
Даста гардон, миём ба пешат чақон,
Додим ғами беҳуда, надорум дармон.

Ин кутали пешорура пас кард ёрум,
Омадану рафтаноша бас кард ёрум.
Ёрум, ёрум, дар ғамакот беморум,
Ма, кавги ҷарӣ, ба ҳар сари деворум.

Ай хуна баромадум, оҳум накунӣ,
Шуякта гирифтаюм дуоюм накунӣ.
Шуякта гирифтаюм ба сад қавлу қасам,
Мо кавгаки қушаем, ҷудоюм накунӣ.

---

[1] Беста, истад, истанд.

Боло меравӣ, садқаи болоравиёт,
Поён меравӣ, садқаи хоки кафи пот.
Муза мепушӣ, садқаи музапушиёт,
Ман садқаи лабу даҳани пистанамот.

Гндушкаки чр-чраки сангов давакум,
Ин акаи майдаҳаки Кулобравакум.
Кулоб нара[1] роҳаки Кулоб дурай,
Баргашта биё, ки суқи мардум зурай.

Э моҳи паси ағба, салом омадаӣ,
Сар то қадамат нуқраи хом омадаӣ.
Ман садқа шавум узру таваллои туро,
Дар майлиси[2] мо намози шом омадаӣ.

Ин боғи дари мактаб севистонай,
Ишқи бачаи мардум балои ҷонай.
Мардум мега, ки ошиқӣ осонай,
Хок осонай! – Алови даргирёнай.

Аз боло куланг омаду қуш мурғобӣ,
Ошиқ шудаям ба духтари кӯлобӣ,
Ин духтари кӯлобӣ ба мо дил дорад,
Чашмони сиё, забони булбул дорад.

Эй моҳи баланд, осмон хонаи ту,
Эй сарви равон, и бача девонаи ту,
Мурғони ҳаво дар ҳаваси донаи ту,
Мо дар ҳаваси канори мастонаи ту.

---

[1] Нара – нарав
[2] Майлис – маҷлис

Дурӣ зи ману зи ман саломат бодо!
Ҷону дили ман фидои номат бодо!
Ман бе ту нафас намекашам дар олам,
Бе ман ту нафас кашӣ, ҳаромат бодо!

Ай барги гули лола танидум чодар,
Бемор шудам, ба сар надорам модар.
Мардумо меган: хола ба ҷои модар,
Ҳич[1] холаву ҳич амма нагаштай модар.

Ҷононара ҷош Калот[2] боша, мерам,
Савғоти лабаш набот боша, мерам.
Савғоти лабаш набот боша, ҳайф аст,
Сад соли дига ҳаёт боша, мерам.

Эй духтараки майдаҳаки якдона,
Дар ҳусну ҷамоли ту шидам девона.
Девона манам, халқи ҷаҳон медона,
Шояд, ки туро насиби ман гардона.

Аз тори ҳаво нуқраю зар мегирам,
Аз дустои рафтагӣ хабар мегирам.
То мегирам, сухтаву дар мегирам,
Сангои хунука дар ҷигар мегирам.

Кафтараки сафедаки гардан гули хор,
Шаб қатраи боронию руз абри баҳор,
Мо қуввати омадан надорем имсол,
Аз мо хати дӯстӣ, саломи бисёр.

[1] Ҳич – ҳеч
[2] Калот – деҳае дар Сарихосор

Сабзинабача, ту дил ҳавоӣ накунӣ,
Ошиқут манум, ту бевафоӣ накунӣ.
Ошиқут манум, ки дар ғамот месузум,
То зиндагӣ ҳаст, зи мо ҷудоӣ накунӣ.

Духтар, духтаре, ки дар талошат бошам,
Дар фасли баҳор сабзаи ошат бошам.
Дар фасли баҳор сабзаи ош бисёр аст,
Як даста гуле ба руи қошат бошам.

Бар куча барояму нигоҳи ту кунам,
Андеша ба чашмони сиёҳи ту кунам.
Ман хат нависам, мегӯӣ: «Девона шудай?»,
Гар нанвисам, мегӯӣ: «Бегона шидай».

Гул чидуму гул чидуму задум чодар,
Сангора ба сар задуму гуфтум: модар.
Не янга вафо дорад, не мойиндар,[1]
Моро бикушан ба пеши пои модар.

Эй ёраки ҷон, тоқита дар мехча намон,
Худут меравӣ, мара ту дар куча намон,
Худут меравӣ гулаки райҳон ворӣ,
Месузем мо кабоби дегдон ворӣ.

Ман булбулуму ёди чаман кардум боз,
Майли гули лолаву суман кардум боз.
Эй чашмсиёҳ, аз нигоҳам нагурез,
Аз мулки дигар ёди ватан кардум боз.

[1]Мойиндар – модарандар

Боло меравӣ, румоли сарта садқа,
Ҷӯра, ду анори пеши барта садқа.
Ду зулфи сиё дар бари рут меларза,
Қошои сиёи сарбасарта садқа.

Кабгут бигирум, кабутарут ном кунум,
Худма ба ту, бевафо, чӣ бадном кунум?
Бадномзадаи куи ту кардан мора,
Шояд ки ба як ханда тура ром кунум.

Аз хона баромадӣ, ба долон гаштӣ,
Долона баромадӣ, ба майдон гаштӣ,
Кач мондани тоқиат надорад айбе,
Ошиқ шудию зуд пушаймон гаштӣ.

Ин тути дари хонара даст кард ёрум,
Омадани Ховалинга бас кард ёрум.
Гуфтум биравум, ба сари роҳи ёрум,
Ма гила дорум, саракма паст кард ёрум.

Эй дил, ки давидиву давидӣ, бас кун,
Дар муи сарат сафедӣ дидӣ, бас кун.
Ҳарчанд давидӣ аз паси лоларухон,
Аз лоларухон чизе надидӣ, бас кун!

Бача-бачае, дилма ҳавоӣ кардӣ,
Сандуқи дилма пур ай рубоӣ кардӣ.
Сандуқи дилум пур аз рубоӣ, ки нашуд,
Бегона будӣ, аҳди ҷудоӣ кардӣ.

Ёрум ба сини Кулоб меҳмонӣ рафт,
Доғоша ба ман мондаку пинҳонӣ рафт.
Гуфтум, биравум, савдоша баргардонум,
Ҳайфи гули қиматум, ба арзонӣ рафт.

Дар пасаки хонамон ҳавзи овай,
Дар даруни хонамон маълим ховай.
Очама бигу, маълима домод бигира,
Як даста гули маълима савғот[1] бигира.

Шиштагӣ будум, аз таги дарвоза гузашт,
Китоб таги каш қалам тарошида гузашт.
Хаёли дилум ягон паризода гузашт,
Маълим-бачаи сафеди покиза гузашт.

Дар пасаки мактабмон гули торонай,
Ҳамсинфои ҷон, хонданомон давронай.
Маълимо меган: синфои даҳ меҳмонай,
Имсол мераван, насиби дигаронай.

Ин ови Ниёв[2], ки мерава нахши ба нахш,
Ин духтари ҷунум мерава пои ба кавш.
Ин кавша кӣ духтааст? Усто ба дуравш,
Ҳам садқаи дузандаву ҳам садқаи кавш.

Дар мулки Кулоб як гули хандон худутӣ,[3]
Садбарги миёни навҷавонон худутӣ.
Мардум гули сурха дар баҳор металабанд,
Гулҳои шукуфтаи зимистон худутӣ.

[1] Савғот – тӯҳфа
[2] Ови Ниёв – дарёчае дар собиқ райони Даштиҷум.
[3] Худути – худат ҳастӣ.

Рафтум лаби об, лаби об сумзадагӣ,
Чойник пури чой, пиёлаҳо қумзадагӣ.
Ин чояка мо хурдем, шамаш ба шумо,
Ин духтара мо гирем, шарманда шумо.

Бедат бошам, такя ба бедат бошам,
Дасмона ба дастони сафедат бошам.
Дасмона ба дастони сафед мезебад,
Як шаб ба бари руи сафедат бошам.

Ман садқаву ман садқаву ман садқаи ту,
Ман садқа ба у қошои пайвастаи ту.
Ай ёрум ҷидо шидам аз бахшаки ту,
Хок бар сари ошиқии дурузаи ту.

Ман булбуламу мегум баҳора садқа,
Замини калони сабзазора садқа.
Дар қишлоқи мо чандин ҷавон мегарда,
Олуфтаҷавони илмдора садқа.

Шабро дидам, сиётар аз мӯи ту нест,
Хуршеди ҳаво муқобили рӯи ту нест.
Аз ҳафт қабат замин то мавҷи само,
Андар назарам баҳои як мӯи ту нест.

Аз дур нигоҳ карданот маънеш чӣ?
Ангушта ба лаб газиданот маънеш чӣ?
Ангушта ба лаб газидӣ, мо фаҳмидем,
Дил додану по кашиданот маънеш чӣ?

Эй духтараки сафедаки качтоқӣ,
Аз мулки Кулобу аз кадом қишлоқӣ,
Ҳарчанд кадум, тура надодан бар мо,
Охир, ки насибаи кадом пуслоқӣ.

Аз шохи чанор анор мегирам ман,
Аз бахшаки у дутор мегирам ман.
Дар болини ҳар касе намехобам ман,
Дар болини у қарор мегирам ман.

Себе, ки ту додаӣ, ба буяш мастам,
Аҳде, ки ту бастаӣ, ба аҳдат ҳастам,
Ин аҳда ту бастаӣ, пушаймон нашавӣ,
Ман дилма ба чашмои сиёҳат бастам.

Эй духтараке, ин қаду бастат мара кушт,
Тарзи нигаҳу ғамзаи мастат мара кушт.
Ҳар бор ту ханда мекунӣ ҷониби ман,
Лабҳои асал, имои дастат мара кушт.

Ман руи тура қиблаи тоат кардам,
Лабҳои туро ба буса ғорат кардам,
Ҳар руз ҳазор буса медодӣ ба ман,
Имрӯз ба як буса қаноат кардам.

Эй ҷураи ҷон ҳаво-ҳаво мегардӣ,
Қанду асалӣ, аз мо ҷудо мегардӣ.
Шаҳдам бидиҳан, бе ту наҳорӣ накунам,
Хурдам қасаму аз ту ҷудоӣ накунам.

Рафтем сари ёлаҳо, ки туте бизанем,
Мо гоҳ фатиру гаҳ қуруте бизанем.
Гар гоҳ фатиру гаҳ қуруте нашавад,
Сар дар бағали куртакабуте бизанем.

Ман садқаи қади на баланд, на пастут,
Ҳам садқаи ду чашми сиёҳи мастут.
Ду чашми сиёҳат офати ҷонам шуд,
Ман садқа ба сумкаи сафеди дастут.

Эй дуст бигу, ки ёри бемор куҷост?
Он ёри ба хоки пои ман зор куҷост?
Хуб буд ҷавониву ҳама нозу итоб,
Имрӯз ҷавонӣ куву[1] ғамхор куҷост?

Дулонаи уругира бастанша бубин,
Ин духтари отадора гаштанша бубин.
Ин духтари отадор сутуни заррин,
Ман духтари беота, сарум хам ба замин.

Духтар-духтаре, бало будӣ, донистум,
Дар қасди зарари мо будӣ, донистум,
Аз рӯзи азал чӣ дустакот медоштум,
Охир, ки ту бевафо будӣ, донистум.

Эй ҷураи ҷон, дар дили зорут ҷонум,
Дар гардани каҷи муҳрадорут ҷонум.
Эй ҷураи ҷон, рута бигардон сини[2] мо,
Дар пеши бари силсиладорут ҷонум.

---

[1] Куву – канӣ, куҷо шуд.
[2] Сини – тараф, сӯй.

Эй ҷураи ҷон, ҳакарӣ[1] мегардӣ,
Дар гушаи бом мисли парӣ мегардӣ.
Дар гушаи бом мисли парӣ бисёр аст,
Монандаки кавги саҳарӣ мегардӣ.

Зулфи сияҳут ҳаво гирифтай, чӣ кунам?
Атрофи туро бало гирифтай, чӣ кунам?
Гуфтам: биравам дар бағалат сар монам,
Инсофи туро худо гирифтай, чӣ кунам?

Намозаки шом шудасту мо дарбадарем,
Ёрам сари болинасту мо пушти дарем.
Чашмак зада мо ба ҳамдигар менигарем,
Эй ёр, ту хуш бош, ки мо раҳгузарем.

Эй дуст, туро зи ҳоли мо нест хабар,
Бе лаъли лаби ту мехурам хуни ҷигар.
Аз нолаи ман санг ба фарёд омад,
Андар дили ту намекунад ҳеч асар.

Ёди ту кунам, дилам шарар мерезад,
Тарки ту кунам, лахти ҷигар мерезад.
То охири умр агар ту бошӣ бо ман,
Дар косаи оби ман шакар мерезад.

Занҷири сари зулфи ту Маҷнунам кард,
Нодидани рӯи ту ҷигархунам кард.
Ногаҳ назарам фитод бар холи лабат,
Холи лаби ту зи шаҳр берунам кард.

[1] Ҳакарӣ – зебо

Мо чор бародарем аз мулкаки Роғ[1],
Мо навданиҳолем дар ин гушаи боғ.
Нодон бачае, ки аз аҷал метарсад,
Паймона, ки пур шавад, чӣ Дарвозу чӣ Роғ.

Рӯзе, ки сарам дард кунад, нола кунам,
Ру бар тарафи кадом бегона кунам,
Бегона агар вафо кунад як дамаке,
Монанди таоме, ки надорад намаке.

Пирӣ, ки ба ман расид, умрам кам шуд.
Дастам ба асо расид, қомат хам шуд.
Чашмам зи китоб канда, дастам зи қалам,
Фаҳмид дилам, ки суҳбатам барҳам шуд.

Чашмам зи фироқ дам ба дам мегиряд,
Аз фарқи сарам то ба қадам мегиряд.
Мегиряму зор менависам нома,
Аз гиряи зори ман қалам мегиряд.

Аз дурии дуриҳо ҷигар гашт кабоб,
Аз дидаи интизор мерезад об.
Тақдира бубин, тарҳи ҷудоӣ дорад,
Пайғом ба қоғаз асту дидор ба хоб.

Рӯят гула мемона, танат моҳира,
Раҳгаштанакот боди саҳаргоҳира.
Ҳар гаҳ ки ту пушӣ куртаи шоҳира,
Девона кунӣ мусофирой роҳира.

[1] Роғ – яке аз мавзеъҳои Шӯробод

Ҷонона, баҳори хуррамира чӣ кунум,
Ма бе ту ҳаёту зиндагира чӣ кунум?
Мардум ай Худо умри дароз металабан,
И умри дарози ғамқатира чӣ кунум?!

Ман рӯи тура бинуму Наврӯз кунум,
Шавма ба сари санги сиё рӯз кунум.
Шавум ба сари санги сиё рӯз нашуд,
Ҷонакма фидои ёри дилсӯз кунум.

Наврӯза ба навбаҳор кай мебинам,
Гулҳора ба шаш қатор кай мебинам?
Гулҳора ба шаш қатор дар фасли баҳор,
Дунёра ба як қарор кай мебинам?!

Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,
Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.
Мурғони ҳаво чу ба парвоз шуданд,
Мурғи дили мо аз қафаси танг баромад.

Ай мавсими навбаҳор наврӯзии ман,
Ай ёраки бадқавл ҷигарсӯзии ман.
Ман пеши Худо ҳамин мурод металабам:
Лаъли лабат осуда кунад рӯзии ман.

Эй, бе ту маро баҳору Наврӯз мабод,
Эй, бе ту маро умр ба як рӯз мабод.
Умре, ки маро бе ту Худо бахшидааст,
Як лаҳзаву як соату як рӯз мабод.

Ман булбуламу баҳора дӯст медорам,
Себаргаю лолазора дӯст медорам.
Себаргаю лолазор дар боғи шумо,
Ҷонона, фақат шумора дӯст медорам.

Ларзон-ларзон барги наистон диламе,
Озурда шудаст аз ин куҳистон дидаме.
Ман гуфта будам, сарам бигирам, биравам,
Побанд шудас ба номусулмон диламе.

Имрӯз ҳавои боғ дорад дили ман,
Савдои ту дар димоғ дорад дили ман.
Савдои ту аз димоғ берун наравад,
Мисли гули лола доғ дорад дили ман.

Кафтарбачара ба боғ мебинам ман,
Ҷӯлидаву бедимоғ мебинам ман.
Кафтарбачара ба хуни дил парвардам,
Имрӯз ба чанги зоғ мебинам ман.

И хунаи пешорӯ ба мун хуна шудай,
Ғам дар дили мун анори пурдуна шидай.
Мардумо меган, ки ғами беҳуда махӯр,
Чун ғам нахурӯм, ки ёрум бегуна шидай.

Ту гул шавию аз лаби ҷӯ канда гирам,
Ошиқ шудию доғи ҷудогит ба дилам,
Шаҳрои мусофирӣ ба ман хона шудаст,
Ғам дар дили ман ҳазору як дона шудаст.

Ҳар хуна, ки бечироғ боша, ҳайфай,
Ҷонона, ки бедимоғ боша, ҳайфай.
Хубони ҷиён баҳри тамошо рафтан,
Тӯтӣ, ки ба чанги зоғ боша, ҳайфай.

Ман мераваму намерава амраи ман,
Бевақт шидай, чулу биёбон раҳи ман.
Шерони ҷаҳон наъра занан бар сари ман,
Ман наъра занум: «киҷо шидай амраи ман?!»

Дар куҳи баланд нуқраи тар гум кардум,
Шоҳини сафеди резапар гум кардум.
Шоҳини сафеди резапар ёфт нашуд,
Фарзанди падар, лахти ҷигар гум кардум.

Моем-моем, дилгиру нолон моем,
Дар гиря мисоли абри борон моем.
Рӯи ҳама хешу қавми олам ба ватан,
Дур аз ватану ҷудо зи ёрон моем.

Ай хона баромадум, чашмум банамай,
Чашмум банамаю дилакум пураламай.
Мардум мега: «Дар дилакут чӣ аламай?»
Кулбаи мусофирим гирдови ғамай.

Дар дашт будум, зилзилаи ҷанг омад,
Шамшери муғул ба гарданум танг омад.
Мардбача будум, гурехтанум нанг омад,
Хуни ҷигарум бар ҳар сари санг омад.

Дулонаи латтабанд дар майдонай,
Як ҷӯраи хуб дорум, дар поёнай.
Дар поёнай, ки ҷигарум бирёнай,
Ови ду дидам мисоли новардонай.

Як дастаи гул дорум, дар поёнай,
Як акаи хуб дорум, дар Гирмонай.
Мардум мега: «Рабочикӣ осонай»
Ранги зардум аз ситами Гирмонай.

И куҳи баланда сар ба сар мебинум,
Аскарбачара сари сафар мебинум.
Аскарбачара ба ҷанги Гирмон бурдан,
Дилуш пури хун, дидаи гирён бурдан.

Ин беди баланд нукуш қалам овардай,
Дустои ширин, дилум алам овардай.
Ҷое нестай, аламома гап бизанум,
Ай рӯзи азал маро ба ғам овардай.

Эй очаи ҷон, чува калонум кардӣ,
Ширум додӣ, ситам ба ҷонум кардӣ?
Аввал ба азизгиё калонум кардӣ,
Дуюм ба ғарибиё равонум кардӣ.

Эй очаи ҷон, ки лолӣ-лолӣ кардум,
Хокистари кучата кулолӣ кардум.
Ҳаждаҳ сари сол хоната бонӣ кардум,
Ҳолӣ меравум, хоната холӣ кардум.

Ин кӯтали рӯбарӯя чӣ гуфта баром,
Ин хонаи бебачара чӣ гуфта даром?
Ин хонаи бачадор – майлисхона,
Ин хонаи бебача – ғурбатхона.

И пуштаву ӯ пушта – пушти дастум,
Ман очаи Баҳриҷони кавги мастум.
Мастум, мастум, кавгак парид ай дастум,
Дар кӯчаи Қурғонтеппа хоки пастум.

Эй очаи ҷон, дам ба дам месӯзум,
Монандаки чӯби тар ба нам месӯзум.
Фарёд бизанум, гирди вилоят гардум,
Шояд ки ба гӯши ту раса овозум.

Оча, ту биё ба раҳаки шахчазамин,
Оча, ту биё, аҳволи духтарта бубин.
Шинохта бикун, куртаи рангин дора,
Як чеҳраи зарду дили ғамгин дора.

Сумбул соя, дарахти сумбул соя,
Кошки мешудам ба очаҷон ҳамсоя.
Ҳар ғоте сарам ба рӯи болин оя,
Ширин очаҷон аз дарам бидроя.

И беди баланди пайдавонма бурдан,
Фарзанди ширини меҳрубонма бурдан.
Дӯстои ширин, иқа эродум нагирен,
Ай банди дилум кашида ҷонма бурдан.

Ситорара бин, ки дар ҳаво сесаду бист,
Бача, ки сафар мекард, модар бигрист.
Эй модари ҷон, маънои гиристанут чист,
Ҳама сари сол биёя, мо рӯзаки бист?!

Дугунаи ҷун, биё, ки мо ҷуфта равем,
Розои дила ба якдигар гуфта равем.
Розои дила бо якдигар гуфта нашуд,
Як даста алов дар ин диёр мунда равем.

Дукончa баланд, ҳар думон шишта будем,
Рози дили худ ба якдигар гуфта будем.
Худ гуфта будем неку бади дунёро,
Аз баҳри ҷудоӣ бо ту кай гуфта будем?!

Дар пушта будум, марг биомад ай пасум,
Эй марг, бимон, ки ман ба хонам бирасум.
Ай хона бароя модари пурҳавасум,
Сар дар бағалуш монум, бароя нафасум.

Ай кухи баланд мефароя модар,
Дар ҳичра баноз медароя модар.
Мардум гӯянд: «Ака хубай ё модар?»,
Ака ҳам хубай-ку, зеби духтар – модар.

Нумоли сарум ғунчагули олуча,
Ҳаргиз нарава меҳри дилум ай оча.
Мардумо меган: «Янга хубай ё оча?
Янга ҳам хубай, гарданбаландай оча.

Ситораи рӯзи равшанум – очаи ҷон,
Сутуни даруни дилакум – отаи ҷон.
Ай бахшаки як оина мерам ҳар сӯ,
Оинаи пеши рӯи ман – бачаи ҷон.

Ай барги гули лола духтум чодар,
Ҳар гоҳе ба фук задум, бигуфтум «модар!»
Мардумо мега: «оча хубай, моиндар?»
Мара бикуша дар хоки пои модар.

Олучаву олучаву зардолуча,
Ёракма касал меган, зиқум, оча.
Гуфтум, биравум, ай болинуш бардорум,
Нолиш мекуна. Тоқат надорум, оча.

Модар, модар, ба ҷон баробар модар,
Ҳеҷ холаву ҳеҷ амма намешад модар.
Мардум мега: «хола ба ҷои модар»
Фандум накунед, сӯзиши модар дигар.

Оҳе бикашам, дили кабутар сӯза,
Дар сояи санг сунбули тар сӯза.
Як бор агар ба ёди ту нола кунам,
Аз нолаи ман барги санавбар сӯза.

Э очаи ҷон, бахчӣ калонум кардӣ,
Кӯзача додӣ, ба об равонум кардӣ.
Гуфтум, об гирум дар кӯзаи хушрӯякут,
Кӯзача шикаст, мунгилдавонум кардӣ.

Ин шонаи шамшодӣ миёнаш канда,
Як очаю духтари дилбарканда.
Хат рои кунум ма ба дасти банда,
Очам намега, духтар мурдай ё зинда.

Ай хона баромадум канда-канда,
Не фараи гап доруму не ай ханда.
Акама биге, миёнша маҳкам банда,
Дар мобайни душмано нашем шарманда.

Афтов задай дар сараки дулона,
Додар омадай, апаша металбона.
Мегум: «Додаре, биё, бишин дар хона.
Мо бандаи мардумем, Худо медона».

Акаи худум ҷомаи авлон дора,
Поён мерава, қадди намоён дора.
Сунбул бичинен, соя кунен роҳора,
Афтов назана як акаи танҳора.

Хезен-хезен, нигаҳ кунен болора,
Хамбидани аскарой лави дарёра.
Курчак бигирен, бурувен барфора,
Сармо набара поҳои аскарора.

И раҳаки борикира бар-бар мерам,
Тӯшам таи каш, пешаки аскар мерам.
Аскар мега: «Тӯшаи мо бисёрай,
Як парча хати шумо ба мо даркорай».

Ман садқа шавум ҷангали серзаргӯша,
Ин додари майдаҳаки камзулпӯша.
Камзул пӯша, рангобаранг мепӯша,
Ман ойна шавум, додар бубина рӯша.

Додар дурай, ки хат равонаш бикунум,
Хатҳора ба дасти кӣ равонуш бикунум?
Як қавза гулум чинда, як ночинда,
Ҷонма ба даруни хат равонуш бикунум.

Ай раҳаки дур додарум меоя,
Ай синаи раҳми модарум меоя.
Хабарёру хабарбари духтар – додар,
Остини пури кулчаи модар – духтар.

Дар пуштаки хонамон дол афтодай,
Дар гардани акаҷон хол афтодай.
Хол афтодай, холи сиё афтодай,
Ду сол шидай, ай мо ҷидо афтодай.

Дар раи Кулоб ду арчаи бар ба барай,
Акама дигар намебинум, дар сафарай.
Гул чинуму гул резум ба гирди камаруш,
Шояд ки ба бӯи гул бубинум асаруш.

Гундушкаки майдаҳаки сангодавакум,
Ин акаи майдаҳаки Тошкенравакум.
Тошкен наравӣ, раҳаки Тошкен дурай,
Баргашта биё, қимати модар зӯрай.

Эй очаи ҷон, ба рӯи ту зор шудам,
Дар ҳасрати дидори ту бемор шудам.
Ман шукри туро накарда будам ҳаргиз,
Охир ба ҷазои худ гирифтор шудам.

И севаки сурха нақш кашидай заргар,
И додари ғалатима бурдан аскар.
Командири ҷон, торои муят ханҷар,
Як тавл бизан, шояд бигардад аскар.

Э куи калон, туро камар мебояд,
Фарзанди азиз, туро падар мебояд.
Ҳарчанд амак ба ноз мепарварадат,
Ду дасти мубораки падар мебояд.

Санҷитбутара, ки нӯкакуш хамзадагӣ,
Малимбачара, ки домануш барзадагӣ.
Малимбачара соати дастуш мешам,
Сесад гули ошиқира дар сар задагӣ.

Бачам ба сафар рафтай, кушоя сафаруш,
Шояд ки ба хурсандӣ биёя хаваруш.
Ҳар хеш биёя, гул бичошум ба раҳуш,
Худуш, ки биёя, ҷун ба қурбони саруш.

Олуча, ки гул кардай, карданша бубин,
Аскар, ки сафар кардай, рафтанша бубин.
Аскар, ки сафар кардай, дар субҳи пуго,
Дар соати нуҳуним паноҳуш ба Худо.

Як даста гули сафеда даст кард акаҷон,
Омадану рафтаноша бас кард акаҷон.
Гуфтам, ки равам, гила кунам ай акаҷон,
Ай гилаи мо саракша паст кард акаҷон.

Ин кӯтали рӯпарӯра тай кард ёрум,
Румолчаи гулдӯзӣ ҳавас кард ёрум.
Румолчаи гулдӯзӣ ба номуш духтам,
Омадани хонамона бас кард ёрум.

Я апаву я хувар дар пушта будем,
Бо шонаи шамшодӣ сар шуста будем.
Сар шуста будем, ба якдигар бофта будем,
Сирои дила ҳанӯз ногуфта будем.

Дугонаи ҷон, аҷаб гули хушнозӣ,
Ай шеваи раҳгардит ошиқбозӣ.
Ду қоши сиёта сар ба сар андозӣ,
Бачаҳои қишлоқира чанг андозӣ.

Дугонаи ҷон, биё, бишӣ дар савза,
Қади базебут мисоли гул меларза.
Мӯҳои сарта қавза кунум дар дастум,
Дугонаи ман ба вилоят меарза.

Акаи худум аспдавонӣ дора,
Кордои сафеди балҷувонӣ дора.
Кордуш ҳамза, тӯпаки кордуш ҳамза,
Акаи худум ба вилоят меарза.

Акаи худум ай ҳама боло шиштай,
Мӯи сарша ба оби тило шуштай.
Мӯи сарша ҳалқа кунум дар гӯшум,
Бозор бибарум, савдо кунум, нафрӯшум.

Эй дӯст, фаромӯшам макун, ёдам кун,
Хокистари кӯчаат шудам, бодам кун.
Гар бад бошам, наълати дунё ба сарам.
Гар нек бошам, ягон-ягон ёдам кун.

Шинум ба баландӣ, ман тура ёд кунум,
Оюм ба гузаргоҳи ту, фарёд кунум.
Оюм ба гузаргаҳут, ҷавобум надиҳӣ,
Хокои ҷаҳона дар сарум бод кунум.

Дар сараки санг шишта, тура ёд кунум,
Монандаки кавги тоқа фарёд кунум.
Кавго ҳама села-села фарёд кунан,
Ман “ҷураи ҷон” гӯяму фарёд кунум.

Дар боғи падар ниҳоли пасмунда манум.
Дар зоти падар сочи ҷигарсӯхта манум.
На падару на модар, на хонаи хуб,
Дар раҳаки дур миёни раҳ монда манум.

Дар қадди ниҳоли навниҳолат ҷонам,
Дар рӯи сафеди беғуборут ҷонам
Не хонаи хуб дорию не шӯи бадил,
Дар умри дарози пуразобат ҷонум.

Эй ёри азиз, хоки роҳат бошам,
Қурбони ду чашмони сиёҳат бошам.
Ханҷар бикашу бизан миёни дили ман,
Дар бегунаҳӣ худам гувоҳат бошам.

Дар сояи бед шиштай, бед зарбедай,
Ду зулфи сиёт мисоли маҷнунбедай.
Ду зулфи сиёт ҳалқа задай, ҳуй додай,
Ай шиштани пешорут дилум баъмедай.

Кангурт хунукай, шамоли Кангурт хунукай,
Дар боғут намедаром, куртам тунукай.
Овакта намехурум, пур аз шулукай,
Бачата намегирум, дилум хунукай.

Ман ёр гирум бачаи упуштагира,
Дар тӯюм биёра гуспанди куштагира.
Ин гуспанди куштагира бирён накунен,
Ин ҷӯраи хушкардама гирён накунед.

Дар лаваки ов будум, даст мешуштум,
Омадани ҷӯраҷонма ман медидум.
Остинма такидуму салом талбидум,
Ай шалфаи пои акаҳом тарсидум.

Себе, ки ба ман додӣ, тамомаш холай,
Аҳде, ки ба ман кардӣ, дилам абгорай.
Аҳде, ки ба ман кардӣ, худат медонӣ,
Бадаҳдӣ кунӣ, дар охират дармонӣ.

Ай тори ҳаво борон чакидан гира,
Ай таҳи замин сабза дамидан гира.
Ҳар гоҳе мара хумори дилбар гира,
Оҳе мекашум, савзаи тар дар гира.

Гашнич кабуд, гулаки гашнич кабуд,
И ёри мара маҳали зангириш набуд.
И ёри мара душманош зан додан,
Дар фасли буҳор дили мара ғам додан.

Имрӯз ҳаво ба ранги мижгони манай,
Ҳар ҷо биравӣ, доғи ту дар ҷони манай.
Ҳар ҷо биравӣ, оби равон пеш ояд,
Ин оби равон дидаи гирёни манай.

Ёрум-ёрум, дар ғамот беморум,
Пажмурдагуле дар сари ҳар деворум.
Худ гуфта будӣ, ки тирамо меоюм,
Чоршанбею панҷшанбе чашм чорум.

Чашмони сиёи сода дорад ёрам,
Пешобағали кушода дорад ёрам.
Модар дорад, падар надорад ёрам,
Гӯё дили санги хора дорад ёрум.

Дар сардарае ду мори печон дидам,
Дар куртуқи ёр ақиқу марҷон дидам.
Гуфтам, биравам ақиқу марҷонша гирам,
Аз феъли бадам ёрма гурезон дидам.

Обам додӣ, пиёла мунд дар дастам,
Беақл манамо, бар ту муҳаббат бастам.
Медунистам. ту ёри беуқубатӣ,
Аз рӯзи бино меҳри хунук мебастам.

И шав чӣ шавай, ду дидаи бедорум,
Болини баланду ҷогаи беёрум.
Ман бедорум, шав то ба рӯз бедорум,
Дар касали ёр задам, ғамбеморум.

Ай беди баланди босафо тарсидум,
Ай ёри азизи бевафо тарсидум.
Эй ёри азиз, илоҳӣ беёр шавӣ.
Дар хандаи ёри мардумо зор шавӣ.

Қаддат ба карашма нархи ҷон мешиканад,
Озурда дилам, ки аз фиғон мешиканад.
Тири ҳама ошиқон ба мақсад бирасад,
Навбат, ки ба ман расид, камон мешиканад.

Эй беди баланд, хазонаи барг аз ту,
Ҳарчанд кунам, дилам нашуд сард аз ту.
Ман аз ту ҷудо намешавам то дами марг,
Ҳар гаҳ бимирам, ҷудо кунад марг аз ту.

Шинум-шинум, ёд кунум шабҳора,
Шабҳои дароз шиштани якҷора.
Шабҳои дароз хаёли ширин доштем,
Шабро ёбӣ, дигар наёбӣ мора.

Дар пушта будуму дар тагов афтодум,
Гулғунча будуму дар азов афтодум.
Садбарг будум, ки ҳар пагоҳ мешкуфтум,
Монанди ақиқ дар алов афтодум.

Бо кӯча гузар накун, ки мебинумта,
Аҳволи дили сӯхтара мепурсумта.
Аҳволи дили сӯхтара пурсида нашуд,
Дар сад биравӣ, охир мегирумта.

Боло меравӣ ба бунаи кавгӯша,
Раънора бигӯ, буроя, бинум рӯша.
Рӯша-рӯша, серӣ надидум рӯша,
Аз барги гули санҷит бигирум бӯша.

Ҷонона гузашту мо надидем рӯша,
Нумола кашид то хами абруша.
Як дардаки алоӣ бигира шӯша,
Бо бонаи касалӣ бубинем рӯша.

Ман бачаи хушруваки нозук ҳастам,
Ман ошиқи ун барнои кабки мастам.
Билло ба Худо, ки рост мегӯям ман,
Ангуштарини таваррукиш дар дастам.

Дар гӯшаи бом шиштай кавги ярадор,
Дил месӯза, ҷигар кабобай бари ёр.
Мардум меган: «хешу таворут бисёр».
Сад хешу тавора мекунум садқаи ёр.

Дар сабза нашин, ки сабза гулзори манай,
Бар ҳар сари сабза манзили ёри манай,
Ҳар ҷо рафтӣ, дарахти пургул бинӣ,
Сангуш назанӣ, ки сурати ёри манай.

Дар боғ даром, бӯи ту аз боғ ояд,
Гулро биканам, ранги рухат ёд ояд.
Гулро биканам, варақ – варақ гардонам,
Ёд аз ту кунам, дилам ба фарёд ояд.

Дар рӯи раҳут анор монум, биравум,
Себарга ба гул қатор монум, биравум.
Себарга ба гул қатор монум, нашава,
Доғи ту дар ин диёр монум, биравум.

Эй дӯст, ба кӯи ту расидан мушкил,
Пой аз сари кӯи ту кашидан мушкил.
Ҷон дар ҳаваси рӯи ту додан осон,
Ҷон додану рӯи ту надидан мушкил.

Дар санги сиёҳ алиф кашидан мушкил,
Хубона ба сӯи худ кашидан мушкил.
Хубона ба сӯи худ кашидан, ки нашуд,
Ёри каса дар сина гирифтан мушкил.

Ма булбуламу зи гул ҷудо мегардам,
Лабташна ба дашти Карбало мегардам.
Ма пеши Худо аҷаб гуноҳе кардам,
К-аз ёраки худ зиндаҷудо мегардам.

Ман булбуламу зи гул ҷудо мегардам,
Гирди сари ёри бевафо мегардам.
Гирди сари ёри бевафо фоида чист?
Дар сояи давлати шумо мегардам.

Эй дӯст, биё, ки ҳардумон нола кунем,
Ай хуни ҷигар пиёларо мола кунем.
Ай хуни ҷигар пиёларо мола нашуд,
Эй дӯст, биё, ки аҳди садсола кунем.

Эй дилбар, агар майли ту бо мост, бигӯ,
Бар мо сухани мухтасари рост бигӯ.
Гар дил ту ба ҷои дигар андохтаӣ,
Айб аз тарафи шумост ё мост, бигӯ.

Эй дилбари ман, дар дили ту чист, бигӯ,
Ҷуз ман дигаре ошиқи ту кист, бигӯ.
Гар ҳаст, бигӯ, нест, бигӯ, рост бигӯ,
Моро ғами ту, туро ғами кист, бигӯ?!

Дар даҳани дар набест, ёр , беҳуда,
Мара ба ту наметан, эй н-осуда.
Мову ту канори ҳамдигар нодида,
Овоза шудай, даҳони халқ олуда.

Ин чалаи нуқрагин шудай гушворум,
Ин бачаи қишлоқӣ шудай хушдорум.
Ай бачаи қишлоқӣ ҳазор безорум,
Ман бачаи районира дӯст медорум.

Севут додум ай тори болохона,
Ишқи ману ту дар кучаҳо мемона.
Ҳар кас, ки мара ай ту ҷудо гардона,
Сесад ғами талхадар саруш резона.

Ситора баланду моҳ баландай имшаб,
Ай бахти бадам фалак ба ҷангай имшаб.
Ҳар шаб сари зулфи ёр болиштам буд,
Болишти мани ғариб сангай имшаб.

Як даста гули сафеда дар ҷар дидум,
Мисли ту рафиқи бевафо кам дидум.
Ай таҳти дилут даромадум, санҷидум,
Гар қибла шавӣ, мазор шавӣ, ранҷидум.

Ин кӯтали пешорӯ – боғи дилакум,
Як ҷой надодан ба муроди дилакум.
Як ҷой надодан, бишкана армонум,
То даври қиёмат аз падар нолонум.

Ёрум рафтай, ба лаб намехандум ман,
На сар мешум, на курта мепӯшум ман.
Корвони Ҳисор омад, пурсидум ман,
Гуфто, ки «Надидаму намешносум ман».

Ку дидаи равшане, ки созут бинум,
Як бори дигар марҳами розут бинум.
Қурбон созум ҷони азизи худро,
Шукронаи он рӯзе, ки бозут бинум.

Ҳар шаб зи ғамат тоза азобе бинам,
Дар дида ба ҷои хоб обе бинам.
В-он гаҳ ки чу наргиси ту хобам бибарад,
Ошуфтатар аз зулфи ту хобе бинам.

Дар гӯшаи бом дутор занум, гӯш дорӣ,
Эй ҷӯраи ҷон, ба холи рум хушдорӣ.
Ман дутор занум, ту худта меҷунбонӣ.
Бо ҳар нигаҳат ошиқа месузонӣ.

Эй яктасафед, ки яктаҳут гул дора,
Ғӯлакта бигӣ, бира, бишӣ дар соя.
И ғӯлаки ту тори бирешим дора,
Як ҳарф бизан, дуди дилум биброя.

Куртаалача, қади баландта садқа,
Раҳгаштанакой кӯчаи тангта садқа.
Дар кӯчаи танг қадбаланд бисёрай,
Ду қоши сиё, зулфои чангта садқа.

Бача-бачае, қадут ниёли арча,
Ҷаҳтут мекунум ай даҳани дарбача.
Ҷаҳтут мекунум, намешнавӣ овозма,
Худо гирифтай инсофи дилта, бача.

Эй ёраки хушрӯваки аҳли дилакум,
Андохт Худо меҳри тура дар дилакум.
Рӯзе, ки шава кунҷи лаҳат манзилакум,
Кирмо бихуран меҳри тура аз дилакум.

Ситора баромадай, қарибi рӯзай,
Дар гузари мо нигори бахмалдӯзай.
Мардум меган: «Ошиқӣ чанд рӯзай?»
Хубаш сари сол, гандааш се рӯзай.

Эй ҷӯраи ҷон, ҳар дуямон якназарем,
Ҳар лаҳза ба кӯи якдигар менигарем.
Ту болои дукон бишӣ, ман погаҳи дар,
Билло ба Худо, мувофиқи якдигарем.

Дар гӯшаи бом шиштаӣ, бале, бача,
Дар сар дорӣ тоқии сабзи парча.
Рӯзе, ки шунидум зан гирифтай, бача,
Дар рӯи дилум рехтай алови лахча.

Хуш бӯи бунафша дар ҷаҳон афтодаст,
Дил дар паи ёри меҳрубон афтодаст.
Дил мехоҳад, ки ҳар замонаш бинад,
Ин роҳи дароз дар миён афтодаст.

Ошиқ набудам, аз ошиқонам кардӣ,
Ман мушк будам, ту заъфаронам кардӣ.
Ман мушк будам ба коғази печида,
Шармандаи дӯсту душманонам кардӣ.

Ҷонона, дар ин диёр ҳеҷ ёрам нест,
Ошиқ ба туам, забони гуфторам нест.
Ҳар вақте баранд маро ба саҳрои ҷаҳон,
Саҳрои ҷаҳон бе ту даркорам нест.

Гар моҳ шавӣ, назар ба рӯят накунам,
Гар об шавӣ, кӯза ба ҷӯят накунам.
Гар дастаи гул шавию афтӣ ба замин,
Билло ба Худо, гирифта бӯят накунам.

Ман бед шавам, қадди туро соя кунам,
Булбул шаваму ҳазору як нола кунам.
Ман чӯб шавам, равам ба пеши усто,
Шамшод шавам, зулфи туро шона кунам.

Ай боло қуланг омаду қушмурғобӣ,
Ошиқ шудаам ба духтари кулобӣ.
Ин духтари кулобӣ, маро фанд бидод,
Аз бандаки мӯш гирифта тагбанд бидод.

Аз хона баромадӣ эй хушҳаракат,
Остино ба қад кашол, ҷонум садқат.
Не падари хуб дорӣ, не модари хуб,
Яг ҷони азиз дорум, сад бор садқат.

Ёри мара бин, ай ма ҷудо мегарда,
Ай ма чӣ шунид, қаҳринамо мегарда?
Ма мурғаму дона мечинам ай лави бом,
У сайд шудай, тори ҳаво мегарда.

Кафтарбачаи тори ҳавоӣ, чӣ кунам,
Қанду асали қиматбаҳоӣ, чӣ кунам?
Дар назаракам ширин-ширин метобӣ,
Ёри сараиву бевафоӣ, чӣ кунам?!

Ай дур назораи лави бом кунум,
Худма ба ту, бевафо, чӣ бадном кунум.
Як дӯст надорум, ба ту пайғом кунум,
Сазои сарум, ишқа ба нодон кунум.

Эй моҳи баланд, дар осмон ҳайронӣ,
Ду қоши сиёҳ кашида дар пешонӣ.
Эй бор Худо, дилма худут медонӣ,
Дилхоҳи мана насиби ман гардонӣ.

Дар ҳавлини мо ду буттаи найшакарай,
Дар хонаи мо як духтари лабшакарай.
Хобуш бурдай, дастакош зери сарай,
Бедоруш накун, ки ошиқӣ дарди сарай.

Чашмони сиё дорию мо ҳам дорем,
Ту ноз накун, ки мо намебардорем.
Ту ноз накун, ки мо ҳанӯз хурдтаракем,
Ту дастаи гул бошӣ, мо беҳтаракем.

Эй ҷӯраи ҷон, аз ту надорам озор,
Дар гӯшаи қошони ту кардам бозор.
Се моҳи зимистонаю се моҳи баҳор,
Гул дар ғами боронай, мо дар ғами ёр.

Эй ҷӯраи ҷон, ай сарат мегардам,
Ай ҳалқаи гӯши дилбарат мегардам.
Ту лоиқи ман бошию ман лоиқи ту,
Ай он лаби мисли шакарат мегардам.

Қади ёрма аз ҷиғаи дар дидум,
Дар пеши баруш ду тугмаи зар дидум.
Гуфтум, биравум, ай тугмаҳош якта гирум,
Ишқи ҳамара ба вай муяссар дидум.

Ай хуна бурумад он гулистон ёрум,
Лавпиставу марворидандон ёрум.
Рӯи хубуш фасли баҳора муна,
Хӯи бадуш чиллай зимистон, ёрум.

Э бачаҳаке, шиштаю заршӯӣ кадӣ,
Як шаб пеши мо шиштаю хушгӯӣ кадӣ.
Хушгӯии ту барои хандидани мо,
Дар риши сиёт садқа, дуруғгӯӣ кадӣ.

Духтар, духтаре, нумоли гардӣ ба сарут,
Қасам мехурум ба анорой пеши барут.
Падарта бигӯ, ки колаша кам бикуна,
Ман – бачағуломи зархариди падарут.

Бедут бошум, такя ба бедут бошум,
Ҷорубкаши қалъаи сафедут бошум.
Ҷорубкаши қалъаи сафед бисёрай,
Дар минаи синаи сафедут бошум.

Ситора залилу заъфаронай имшав,
Парвин ба миёни осмонай имшав.
Парвин, ту бирав, ба ҷои худ сокин бош,
Ин қиссаи ошиқо дарозай имшав.

Эй духтаракон, салом дорем ба шумо,
Пайғоми намози шом дорем ба шумо.
Пайғоми намози шом бар мо нарасад,
Як бӯсаи нотамом дорем ба шумо.

Сар то сари ёлаҳо гузар мекардум,
Чинда гули торона бағал мекардум.
Ҳар ҷо шишта даҳанма тар мекардум,
Ай ёраки хурдакак ҳазар мекардум.

Қадди алифат ҳамеша дар ёди ман аст,
Лаъли лабакат машрабаи оби ман аст.
Ҳар шому саҳар, ки сар бимонам ба замин,
Ҳар ду хами абруи ту меҳроби ман аст.

Рафтам ба даруни боғу кандам як гул,
Дидам қадаҳи нағма ба дасти булбул.
Булбул ба чаман, нолаи булбул ба чаман,
Аз нолаи булбул батарай нолаи ман.

Боло меравӣ, дуо бигӯ гулбадана,
Бодомбуттаи сафеди ширинсухана.
Ҳарчан кардум, ӯра надодан ба мана,
Ай бахшаки ӯ килет кардум ватана.

Дар гӯшаи бом шиштай, эй сунаи мо,
Ҷаҳтут мекунем, намешинӣ хунаи мо.
Бишиниву нашинӣ, бадномум кардӣ,
Ай бахшаки ту килет шудай хунаи мо.

Сабзиначувон, ки дар фироқут сухтум,
Нумолаки сони зард ба номут духтум.
Нумолаки сони зард дастлуча шидай,
Мо зиндаҳаёт, ҷои дигар ҷура шидай.

Себе, ки ба ман додӣ, ба бӯяш мастам,
Аҳде, ки ту бастаӣ, ба аҳдат ҳастам.
Қавле, ки ту додаӣ, пушаймон нашавӣ,
Ман бандаи чашмони хумори мастам.

Дар табақи биринҷӣ кашидум оша,
Фарёд кардум бачаи қаламқоша.
Ёре мегирум, ай ҳама боло боша,
Намемонуме, замин бубина поша.

Яг даста гулум ай и вилоят рафтай,
Бирешими савзи бениҳоят рафтай.
Гуфтум, биравум, шаҳро суроғуш бикунум.
Ҳайрун мундам, кадом вилоят рафтай.

Рафтӣ-рафтӣ, аҷаб ғарибум кардӣ,
Ай лаъли лабут чӣ бенасибум кардӣ.
Ай лаъли лабут ташна зи дунё рафтум,
Бо тири муҳаббатут шаҳидум кардӣ.

Э духтари ҳамсоя, нигорем маву ту,
Булбулаки шӯхи навбаҳорем маву ту.
Дар айни баҳор ту гул шавӣ, ма булбул,
Гунҷишкаки зору беқарорем маву ту.

Дасти чапата ҷониби дарвоза накун,
Ту ёри мана дидӣ, ҳамёза накун.
Вай ёри манай, муносиби ман дорад,
Хулқи хушаша ба ҳар кӣ овоза накун.

Боми ҳама бому боми мо дар соя,
Ёри ҳама дуру ёри мо ҳамсоя.
Наълат ба касе, ки ёри ҳамсоя гира.
Чашмуш ба дарай, ки ёр кай меброя.

Се буми қатору буми мо дар соя,
Ёри ҳама дуру ёри мо ҳамсоя.
Ҳамсоя, биё, ки мо шинем дар соя,
Ҳосил бишавад муроди чандинсола.

Ёри ҳама ёру ёри ман дони анор,
Ёрони ҳама ба ёру ман хизматгор.
Болишти калон, сара монем ману ёр,
Ёр аз сари ман гардаду ман аз сари ёр.

Қамчин чилучор, тӯпаки қамчин чилучор,
Ин даштаки Тутқавул хуб ҷои шикор.
Худо мегуме, ҷӯрам биёя ба шикор,
Ҳам бӯи Биҳишт биёя, ҳам бӯи баҳор.

Сарчашма ҳазор, сараки сарчашма ҳазор,
Ов хӯрда наметонум ай ҳайбати мор.
Кай бошаю кай биёя ӯ кавги аёр,
Овум бития, худакма гира ба канор.

Чашмони тура хумор мебинам ман,
Зулфони туро дутор мебинам ман.
Дар сояи зулфи ту шукуфтай лола,
Даврони туро баҳор мебинам ман.

Ёрум рафтай, ғамгусорум рафтай,
Себ ай бағалу гул ай канорум рафтай.
И хона агар биҳишту ҷаннат боша,
Безорум ай и хона, ки ёрум рафтай.

Як ёр дорум, ай и ҷа ғофил шуду рафт,
Бо мардуми поёнӣ моил шуду рафт.
Гуфтум, биравум, ёрма суроғе бикунум,
Чапкӯчаву росткӯча мусофир шуду рафт.

Эй дида, чаро баҳори пурнам шудаӣ?
Эй дил, ту чаро хазинаи ғам шудаӣ?
Эй сина, чаро ту гаштаӣ пораю реш?
Эй қомати зебо, ту чаро хам шудаӣ?!

Эй дӯст, биё, дӯст, биё, дӯст, биё,
Пурсидани дӯсти худ ҳар рӯз биё.
Пурсидани дӯсти худ айбе набувад,
Ҳар соату ҳар замону ҳар рӯз биё.

Ай хона баромадум, гумут кардум,
Гули муҷаха хиёли руют кардум.
Ту гули муҷах шавию тоҷи сари мо,
Мо ай ту гузар кунем, хок дар сари мо.

Абру ба мисоли моҳи нав хам задагӣ,
Рухсор ба мисоли гули шабнамзадагӣ.
Аз рӯзи азал девонаи бебокам,
Савдои сари зулфи ту дар сар задагӣ.

Зулфат ба мисоли химча хам бошаду хам,
Ҳам дар дили ман ҳамеша ғам бошаду ғам.
Дунёра агар ҳазор ғилбол кунӣ,
Монанди мани ғамзада кам бошаду кам.

Аз кӯча гузар накун, ки мо дар домем,
Беҳуда сухан нагӯ, ки мо бадномем.
Ҳар бор туро дидаву рӯ гардонем,
Дар дил нагирӣ, ки сухтаву бирёнем.

Ман руи туро нақш кашум бар девор,
Рӯзе ба саломи ту биёюм сад бор.
Сад бор биёюму набинум як бор,
Армон ба дилум монаву нақш бар девор.

Аз хона баромадам, дучори ту шудам,
Ошуқ ба ду чашми пурхумори ту шудам.
Ту сабзоширин будаӣ, хушдор шудам,
Охир ба маломатат гирифтор шудам.

Аз хона бадар шудӣ ба сад дарду алам,
Як даст ба китоби сабз, як даст ба қалам.
Ҳар ғоте китоби сабза хондӣ ба алам,
Хун аз ҷигарам бирехту об аз дидам.

Эй ҷӯраи ҷун, ки ҷунакум дар ҷунут,
Марворӣ кашум гирди лави хандунут.
Як дӯст наёфтум, ки кунум пайғумут,
Дар баргаки шафтолу навиштум нумут.

Шинам-шинаму аз ту, санам, ёд ояд,
Ман оҳ кашам, ки аз фалак дод ояд.
Дарди дилакам агар ба санго гӯям,
Аз дарди дилам санг ба фарёд ояд.

Гунҷишкаки беқарор кардӣ ту мара,
Шинандаи ҳар диёр кардӣ ту мара.
Шармандаю таънасор ҳаргиз набудам,
Шармандаю таънасор кардӣ ту мара.

Сад вой, ки ҳар ду мо дар ин куҳ доғем,
Ҷонона ба мисли гандумай, мо зоғем.
Мурғони ҳаво ҳамаш ба саҳро меран,
Ду булбули пошикаста дар як боғем.

Эй дӯст, бирафтию надидем дидор,
Дар ҳасрати абрӯи камандат мани зор.
Ту фурсати омадан надорӣ имсол,
Аз мо хати бандагӣ, дуои бисёр.

Ин беди баланду ишқи печидаи ман,
Биё, оштӣ кунем ҷӯраи ранҷидаи ман.
Не дар тани ту гуноҳ не дар тани ман,
Он ҷо дили ту сиёҳу ин ҷо дили ман.

Худ рафтию тоза кардӣ доғи дили ман,
Бо рафтани ту мурд чароғи дили ман.
Бо рафтани ту ҳуш маро дар сар нест,
Он ҷо дили ту кабоб ин ҷо дили ман.

Дар санги сиёҳ алиф кашам, лом ояд,
Шояд ки нигори ман лаби бом ояд.
Бо гирду ванои худ бипошам дона,
Шояд ки ба бӯи дона дар дом ояд.

Эй беди баланд, чу беди ларзон нашавӣ,
Гар ёри манӣ, ба хона пинҳон нашавӣ.
Кори мана имрӯз ба фардо магузор,
Аз ваъдаи кардагит пушаймон нашавӣ.

Болини баланди барҳавора чӣ кунум?
Ма ёри азизи бевафора чӣ кунум?
Мардум меган: «Дӯсти пурут медора»,
Ма гапи дурӯғи мардумора чӣ кунум?!

Нумоли бирешимин нагира хасро,
Зебиш натия либос ҳар нокасро.
Ман дар саракум гирум пари каргасро,
Ту ба саракум гирӣ ҳар нокасро.

Дар лаваки ов шинаму сар шона кунам,
Ин бачаи тоқисурха девона кунам.
Девона кунам, ишорати хона кунам,
Молакша гирам худакша, овора кунам.

Дар тахтараҳи сафед даст медозӣ,
Ду сулфи сиёҳа ба шикаст медозӣ.
Мардум меган, ки уққа хубам нестӣ,
Ду бачаи мардумира ҷанг медозӣ.

Саркуҳи баланд, качақ-качақ меборад,
Ширина бубин, тухми шакар мекорад.
Ту худ шакарӣ, шакар чаро мекорӣ?
– Ё хушаи саркашида ё марворӣ.

Гар ёр бигирум, ёраки духтар бигирум,
Дон дода, ба дом мисли кабутар бигирум.
Ҷоюш бикунум наздики ҷон дар ҷигарум,
Бо ӯ сару по аз зару зевар бигирум.

Эй бандаи зулфу рӯю чашмонат ман,
Қурбони лабу даҳону дандонат ман.
Миҷгони ту тиру абрувони ту камон,
Дилхастаи абрувону миҷгонат ман.

Бе ваъда ҳамеша интизорат моем,
Дар сахтии умр ғамгусорат моем.
Дилбастаи зулфи тобдорат моем,
Сайёди вафо, сайди шикорат моем.

Сабзак лаби ҷӯ, ёраки нағзак лаби ҷӯ,
Ёри мана бин, хобуш набурдай лаби ҷӯ,
То тар нашава себаргаҳои лаби ҷӯ,
Мурғобӣ шавум, ғӯта занум ҷӯи ба ҷӯ.

Садбарги сафед даруни дарё дидам,
Армони дароз, умри кӯтоҳ дидам.
Гул дидааму гулони гулҳо дидам,
Як гул ба миёни боғ танҳо дидам.

Эй булбули хушнаво, ки дар саҳни чаман,
Ё нолаи ту хуш аст, ё нолиши ман.
Ту аз бари гул биноли̅, ман аз бари ёр,
Не гул ба ту кард вафо, не ёр ба ман.

Поёни Кӯлоб каппаҳои магасӣ,
Эй духтари кӯлобӣ – кабги қафасӣ.
Мо гуфта будем, туро гирем бо ҳавасе,
Аз мо ки ҷудо шудӣ, ба пири нарасӣ.

Ман шишта будам, ёр гузашт рӯ-рӯи дашт,
Ҳарчанд давидаму давидам, нагашт.
Ма садқаи ду қошои ӯ кавгаки маст,
Алов ба даруни дилам андохту гузашт.

– Эй, духтараки латифаи бӯи баҳор.
Шӯҳакта кушум, худта кунум беваи зор.
– Шӯҳакма накуш, худма наку беваи зор,
Харбуза бихӯр, тура ба полез чӣ кор?!

Зулфи сияҳат ҳамели марҷуни манай,
Лабу даҳанат лоиқи дандуни манай.
Ҳар бадғаразе дар пешакат бад гӯяд,
Яқин ту бидун, ки душмани ҷуни манай.

Ошиқ набудам, чӣ гуна имсол шудам,
Бо навданиҳоли боғ гирифтор шудам.
Эй навданиҳолу навниҳоли лаби ҷӯ,
Аз лаъли лабат бӯса талабгор шудам.

Қадди ту ниҳол асту ниҳол асту ниҳол,
Рӯи ту нигор асту нигор асту нигор.
Ман дар ҳақи ту мисли намак об шудам,
Як бор нагуфтӣ, ки убол асту убол.

Аз кӯчаи танги ту гузар мекардум,
Бо қадди алифи ту назар мекардум.
Донистум агар ки бевафоӣ дорӣ,
Андешама ай рӯзи азал мекардум.

Аз рафтанакот ғубор гирад дили ман,
Сад гиряи зор-зор гиряд дили ман.
Мардум меган: «Гиря макун, меоя!»
Кай ояду кай қарор гирад дили ман?!

И ёраки бевафора мунуш бурава.
Пурғамдилу пурҷафора мунуш бурава.
Ҳушуш ба ману дилуш ба ҷои дигарай,
Ҳар ҷое дилуш мехоҳа, мунуш бирава.

Ма худ гуламу дар остином гул дорам,
Ман ошиқи он бачаи мӯйсардорам.
Качпаҳлу бизан, музаҳота буброрам,
Дар гардиши чашмои хуморат ҷонам.

Ман гӯшаи бом шинам, ёр дар боло,
Рӯяш бари дигарон, ҳушаш бари мо.
Монанди алоби даргиронай дили мо,
Кай амри Худо шавад равем пеши шумо?!

Чашмам мепарад, чашми чапу абрӯи рост,
Дил васваса мекунад, ки ёрам да куҷост.
Ёрам да мазор, худам да беруни мазор,
Кай рахна шавад, ки ман дором дурни мазор!

– Ёрум сари раворави ман гиря кунум,
Гулҳора чинум дар сари ра тӯда кунум.
– Гулҳора начин дар сари ра тӯда накун,
Ман умри ҷавон дорум, ту гиря накун.

Ин беди баланд нӯкакуш қубаи нур,
Овора касе духтар диҳад раҳаки дур.
Не дасти дароз дорему не дилаки пур,
Обест раҳи дуру равонак раҳи дур.

Ин беди баланду нугакуш яктора,
Дарду аламот ҷигарма кардай пора.
Пора-пора тура намудан мора,
Худо букуша бачай асақолора.

Эй бод, биё, хабар биёр аз гули ман,
То пок шава чангу ғубор аз дили ман.
Мардум гуянд ба дили худ: «Сабр бикун!»
Аммо чӣ кунам, тоқат надорад дили ман?!

Эй моҳ, ту буро мо қаду боло бинем,
Парвин, ту буро мо қади боло бинем.
Ин Юсуфи саргашта ба зиндони ғамай,
Як бори дигар руи Зулайхо бинем.

Се сол шидай хонам лаби ов шидай,
Сандуқи дилам кузаи зардов шидай.
Ку дусти ширин кузаи зардова гира,
Мағзум ба даруни устухон ов шидай.

Сар то сари ёлаҳо бенам набувад,
Ҳаргиз дили ошиқон беғам набувад.
Пурғам дили кӣ бошад, беғам дили кӣ?
Беғам дили он касе, ки ошиқ набувад.

И боми қатор боми кияй? – Боми худум.
Абрудумимор ёри кияй? – Ёри худум.
Абрудумимор, ҷома биёр, медузум,
То рузи қиёмат дар ғамут месузум.

Даҳлези баланд аҷаб шамоле дорад,
Ин духтара бин, чӣ хуш ҷамоле дорад.
Дорам ҳавасе, ки ҳамнишинаш гардам,
Аммо чӣ кунам, дигар хаёле дорад?!

Қадди ту ниҳоли бесамар кард маро,
Ишқи ту гадои дарбадар кард маро.
Гуфтам, ки равам, ишқи туро тавба кунам.
Руз омаду ишқи ту батар кард маро.

Дар таҳаки дарвоза чӣ гуфтӣ ту мара,
Сад бори дигар садқа шудӣ ҷони мара.
Сад бори дигар садқа наша ҷони мара,
Дар пеши занут ҳаргиз нагӣ номи мара.

Ин чираи ман зард барои ту шидай,
Хокистари ман гард барои ту шидай.
Мардум ҳама сарҷамъанд дар хонаи худ,
Ай хона дилам сард барои ту шидай.

Рафтум ба ғарибиҳо ғарибӣ кардум.
Сад косаи оби талха ширин кардум.
Сад косаи оби талх ширин ки нашуд,
Бемор шудуму худма табибӣ кардум.

Боғ афтодай, деволи боғ афтодай,
Ду булбули ҷулида тифоқ афтодай.
Ду булбули ҷулидаву як қуббаи зар,
Ҳар ҷо, гулай, ба дасти хол афтодай.

Ман шишта будум, кулухчаборон омад,
Ин куртасафед бар лаби бом омад.
Эй куртасафед, кулухчаборон накун,
Душман дорум, мара ту бадном накун.

Гул мегузара, мавсими гул мегузара,
Бархез ҷувон, ки корвун мегузара.
Имсол гузара, соли дигар боз оя,
То соли дигар умри ҷувон мегузара.

Аз дарди дилам касе хабардор нашуд,
Кас воқифи асрори мани зор нашуд.
Рафтам зи чаҳон, касе суроғам нагирифт,
Ман хуфтаму бахти хуфта бедор нашуд.

Ёр ай ману ёр ай туву ёр ай мардум,
Ёракма калон кардум ба нони гандум.
Ма бехабарум, ки ёрма бурдай мардум,
Зинда ба катори мурдаҳо мегардум.

Нумоли сари дасти туро банда шавум,
Ширин лабу дандони тура садқа шавум.
Дар дилум набуд, ки ман ба ту ҷура шавум,
Коре накунӣ, дубора шарманда шавум.

Дар дашт будам, ки лолара шабнам зад,
Омад хабаре, ки нозанин барҳам зад.
Дар банди дилам ду доғ руи ҳам зад,
Қаддам, ки камони оҳанӣ буд, хам зад.

Дар лаваки бом шиштай, эй кавги дарӣ,
Рухсорат арақ кардай монанди парӣ.
Мо химчаи шулашем, гул, ҳилагарӣ,
Мо дар ҳақи ту сухта, ту бехабарӣ.

Дурему ҷудоему чудоем, дареғ,
Бо мардуми ғайр ошноем, дареғ.
Бо мардуми ғайр ошноӣ нашавад,
Дар ҳасрати дидори шумоем, дареғ.

Эй дуст, ба дидори ту ҳоҷатмандам,
Буи ту ба ман расад агар, хурсандам.
Метарсам аз он руз, шавам аз ту ҷудо,
Монандаки кабки хонагӣ дар бандам.

Ин кутали рупарура мером ҳолӣ,
Сесад ғазалу дубайда мегум ҳолӣ.
Мардум мегад: «Боисти чӣ меголӣ?»
– Ёрум рафтай, канорум мондай холӣ.

Сабзоширинак, дилам гирифтори ту шуд,
Сар то ба қадам моили рафтори ту шуд.
Айбе ба мани ғарибу бечора магир,
Айб аз тарафи модари бадкори ту шуд.

Рафтам ба Қаротегин, анор овардам,
Сесад гули сурхи панҷадор овардам.
Садуш баста, сади дигаш нобаста,
Сади дигаша назри мазор овардам.

Сухтай ҷигарам бари ту дар соли баҳор,
Мунандаи гулбаҳор бастӣ дастор.
Мунандаи барги бед абру хам –хам,
Дар мазҳаби ишқи ту шудам ман бемор.

Эй дуст, биё сеторчата соз кунем,
Рубоба тариқи мулки Дарвоз кунем.
Дарвоз равем, бо ту аҷаб ноз кунем,
Дар шохаки гул шинему овоз кунем.

Нумоли сарут ғунчагули дулуна,
Гирди ду лабут анори шириндуна.
Як бусая шав бите, як – рузуна,
Гашти сафарум шидаст, мерам хуна.

Шом омадаям, намози шом омадаям,
Аз бахшаки ту мисли ғулом омадаям.
Шома чӣ кунам, намози шома чӣ кунам,
Аз хоби хушам хеста салом омадаям?!

Э себаки сурх, ман талабгори туам,
Дар орзуи дидани дидори туам.
Дар мулки шумо мусофири беватанам,
Як бор ба забони худ бигу: «Ёри туам!»

Боло мерай, хуш бачаи нодонӣ,
Кулоб мерай, мара ба кӣ мемонӣ?
Кулоб мерай, ба кулобӣ дармонӣ,
Билло ба худо, минаи раҳ мемонӣ.

Сар то сари деворат гул коштам, ёр,
Гулма бурдӣ, бунавшаи тарам биёр.
Пеши назарам ёр гирифтӣ, эй ёр,
Пеши назарат ёр гирам, тоқат ор.

Эй куртасафед, ту куртаро бод мадеҳ,
Даврони гузаштаро ба ман ёд мадеҳ.
Гар куштани ошиқон ба дасти ту бувад,
Ту худ бикушу ба дасти ҷаллод мадеҳ.

Дар майдони кор ҷилваю ҷавлон дорам,
Як туда рафиқи куртаавлон дорам.
Авлон мара кушт, куртаи авлон мара кушт,
Гушвори ба гуши зирагулҷон мара кушт.

Ин беди баланди боҳавора чӣ кунам,
Ин ёри равии бевафора чӣ кунам?
Ёре ки бирафт ай шаҳр овора шава,
Бадгуии халқи оламора чи кунам?!

Бача-бача муи сиёта тофтӣ,
Тоқира ба зери абруят партофтӣ.
Мо медонем зани ба дилта ёфтӣ,
Дар минаи душманон маро партофтӣ.

Дар таҳаки бед қадакта гулгун дидам,
Лабакта ақиқ, дандунта марҷун дидам.
Дар руи сафеди ту набошад айбе,
Дар гирди лабат захмаки дандун дидам.

Ин кутали пешору садазори манай,
Ин навданиҳоли рафтагӣ ёри манай.
Мардум меган: «Навданиҳол ёри ту нест»,
Билло ба худо навданиҳол ёри манай.

Духтар, духтар, муҳош гулгул паси пушт,
Рухсораю руи хунчаконаш мара кушт.
Гуфтам, ки равам, ба модараш арз кунам,
Ин духтари шухи беқарораш мана кушт.

Чойлоби баланд ру ба ҷунбиш дорад,
Духтара бубин, дилуш гурумбиш дора.
Мо раҳгузарем, ба роҳи худ мегузарем,
Очаша бубин, сагора киш-киш дора.

Ёракма бигу – чӣ гуна ёруш форист,
Гулғунчара монду барги хоруш форист?
Гулғунча намона минаи роҳ ҳаргиз,
Шоҳаври сиёи пурғуборуш форист?!

Дар дашти калон хона дора ёрум,
Кастуни сиёи ҷола дора ёрум.
Мардумо меган: «Дил надора ёрут»,
Дил дора, вале раҳбар надора ёрум.

И син беду у син беду мина гули бед,
Мо ошиқи у бачаҳаки куртасафед.
Э курасафед, куртаат баргаки бед,
Ҳама ба ту ошиқанду мо ҳам ба умед.

Ёрум рафтай, дилум намегира қарор,
Ай сузиши дил такя задум бар девор.
Мардум меган: «Духтари бе сабру қарор»,
Бесабрира мо кардем, беаҳдира ёр.

Э дуст, чӣ дидию рамидӣ аз ман,
Сарриштаи дустӣ буридӣ аз ман.
Ман чанга ба домони ту, нокас, кардам,
Ту домани безорӣ буридӣ аз ман.

Хобе дидам, ки хоби маҳкам дидам,
Худма ба канори ёри маҳрам дидам.
Бедор шидам, ки ёр дар бистар нест.
Ёрам, ки набуд, худакма пурғам дидам.

Дар гушаи бом шишта занум сетора,
Маст карда биёрум ман ҳамун барнора.
Мегум, ки: «Биё, арғуш равем, ҷураи ҷон»,
Мега, ки: «Чӣ медонӣ ғами дунёра!»

Ҳаргиз нагира шохи чанор дулона,
Ҳаргиз нашава ёри қадим бегона.
Мардум мега: «Нав хубай ё куна?»
Нав роҳати ҷону қадрдонай куҳна.

Ман садқа шавум чолои пайвандита,
Дар хок намон поҳои дармандита.
Гар мешунавум хабари ҷаҳмандита,
Дуо мекунум духтари дастангита.

Кулоб меравӣ, бача, сарта садқа,
Ду ҷура китоби пеши барта садқа.
Ду ҷура китоб дорӣ, дарс мехонӣ,
Қошони сиёи сарбасарта садқа.

Эй бачаи куртасурхи остинкалта,
Ҷаҳдут мекунум, биё, бишӣ дар парта.
Сирои дила бигем якта-якта,
Ту сузани патифон шаву ман қарта.

Гунҷишк шавум ҳеча кунум тори дарут,
Ду зулф шавум, ҷилва занум пеши барут.
Маҷнун ману Лайлӣ туву кофар падарут,
Парвона шавум, чарх занум гирди сарут.

Имшаб шаби якшанбе, ба хоби мастам,
Як лоларухе қапид зи банди дастам.
Э субҳ, надам, ки ман ба ин гул мастам,
То субҳ дамид, гул парид аз дастам.

Қадди ту на паст, на баланд афтодай,
Абруи ту чун мори газанд афтодай.
Муште задӣ, ёр, дар арқани дардмандум,
Мушти ту ба ҷону бозубанд афтодай.

Э беди баланд, ишқа барҳам назанӣ,
Дар бобати ошиқӣ ба кас дам назанӣ.
Дар бобати ошиқӣ шавад хунрезӣ,
Хунора ба об шуӣ, ба кас дам назанӣ.

Ман омадаам, ки ёри худро бинам,
Сабри дили беқарори худро бинам.
Гар реза кунад теғи ҷафо пайкари ман,
Дар руи раҳаш ғубори худро бинам.

Ин моҳа бубин, хиргоҳ задай осмонӣ,
Қошони акам камар задай пешонӣ.
Нумолуш дузум чорқаламӣ, пинҳонӣ,
Покиза куна арақакои пешонӣ.

Чашмат гули бодому қадат найшакар аст,
Рухсораи ту зи барги гул тозатар аст.
Дардат кашаму ғамат зи ҷон нуш кунам,
Гуё ки ғамат аз ту вафодортар аст.

Биё, биравем, аз ин вилоят ману ту,
Ту дасти маро бигиру ман домани ту.
Ҷое бирасем, ки ҳар ду бемор шавем,
Ту аз ғами бекасию ман аз ғами ту.

Сарчашмаи боғи булбулонай ватанум,
Хушбоду ҳавою бустонай ватанум.
Як бори дигар бод бара бар ватанум,
Дил пора кунум, ёди ғарибӣ накунум.

Ай дур нигоҳ мекунум гулҳора,
Ҳавлии кушоду модари танҳора.
Эй модари ҷун, ту начӣ гулҳора,
И сараки тоқагит сухтай мора.

Эй очаи ҷон, лав-лави дарё шавӣ-чӣ
Монандаки моҳи нав пайдо шавӣ-чӣ?
Монандаки моҳи нав бубинум рута,
Шамолои куҳистон биёра бута.

Рав очама гу, ки духтарут беморай,
Рангуш ба мисоли каҳгили деворай.
Очама бигу, ки исту бесте накуна,
Ҷон дар кафи дасту маътали дидорай.

Наълат ба касе, ки бе бародар бошад,
Дар руи замин чу мурғи бепар бошад.
Доман пури зар кунию додар бихарӣ,
Ин додари зархарид чӣ додар бошад?!

Борони баҳору ғузаҳои лошӣ,
Э додари ҷун, ту дар куҷоҳо бошӣ?
Бошӣ-бошӣ, соқу саломат бошӣ,
Бо гардани каҷи мо бадавлат бошӣ.

Эй додари ҷун, барги гула гард кардӣ,
Дур афтодӣ, ранги мана зард кардӣ.
Дур афтодӣ, ба кӣ фиристам пайғум,
Дарди дили озурдаи худма ба кӣ гум?!

Тарки сараме чу қоғази дафтар сухт,
Нисфи ҷигарам барои як додар сухт.
Ай сузиши дил ман қади дайро рафтам,
Сангои қади дайро сар то сар сухт.

Ман садқа шавам бунафшаи куҳира,
Апагию хоҳарии раҳдурира.
Якҷоя будем, ҷангу ҷадал мекардем,
Акнун мекашем азоби раҳдурира.

Як апаву ду хоҳари ҷонӣ будем,
Дар ҳасрати руи зиндагонӣ будем.
Мо гуфта будем, ҷони ба ҷон мемонем,
Чӣ медонем, дар раҳи дур мемонем?!

Афтоб задай дар таҳаки олучам,
Хат омадай, ай номи аскарбаччам,
Хатша бигирум, ба дида молум сад бор,
Шодум, ки ба аскаро калонай баччам.

И дашти дуроз боди сабо мебаранум,
То гиря кунум, ҷабру ҷафо мебаранум.
То гиря кунум фироқи раҳдурира,
Фарзанди куҷоюму куҷо мебаранум!

Садбарги сафеда бин, чӣ ҳоло дора,
Тақдири худора бин, чӣ коро дора.
Гуфтум, биравум, пеши фалак гиря кунум,
Аз гиряи ман фалак чӣ парво дора?!

Боло меравӣ, боло шамоло дора,
Гул мешукуфа, лола тамошо дора.
Савдогара бин, молоша савдо дора,
Пурғам менола, беғам чӣ парво дора?!

Як села кабутарем, паридем, дареғ,
Дар гардани хирманҷо расидем, дареғ.
Дар гардани хирманҷо як тудаи хок,
Ай тудаи хок баҳра набурдем, дареғ.

Сандуқчаи сими заргарунай модар,
Ҳар шому суҳар хабаргирунай модар.
Не холаю не амма намеша модар.
Харду нарасад ба хоки пои модар.

Борона бубин, шибир-шибир мебора,
Келина бубин, тухми шибит мекора.
Хуштомани хуб домода дуст медора,
Хуштомани гандара худо бардора.

Чалам нигина, пуштаки чалам нигина,
Чалам таги ов шина, душман набина.
Душман бина ҳамара ҷанг медоза,
Дар косаи ошиқим заҳр медоза.

Эй бачаҳаке, ранги гули садбаргӣ,
Дар бобати ошиқӣ аҷаб номардӣ.
Дар бобати ошиқӣ накун номардӣ,
Ошиқут манум, ту дар куҷо мегардӣ?!

Эй куртасафед, куртаат масковӣ,
Маҳтови шавай, дар у гузар метовӣ.
Дар ҳавзи кабут хайма задай мурғовӣ,
Мо ёри туем, ҷои дигар мековӣ.

Дарё, ки калон шавад, шинояш кӣ кунад,
Ду дил, ки яке шавад , ҷудояш кӣ кунад?
Ду дил, ки яке шавад, ҷудояш мушкил,
Ҷоне, ки ба лаб расад, давояш кӣ кунад?!

Дар боғ будам, ки гул ба дарвоза гузашт,
Ду деви сиёҳу як паризода гузашт,
Ман мушк наёфтам, аз паяш дуд кунам.
Дуди дилакам ба равзани хона гузашт.

Муи сарта бод парешон кардай,
Ишқи ту мара бесару сомон кардай.
У хеле аввал будӣ, ҳозир нестӣ,
Гуё, ки тура кадом пушаймон кардай.

Ёр шамъи дари хонаю ман парвона,
Гулғунчаи навбаҳору ман девона.
Сад бор мурам ба ҳалқаи чашмонаш,
Мардум ҳама ошною ман бегона.

Сарчашмаи боғи булбулон хор гирифт,
Омад хабаре, ки бевафо ёр гирифт.
Гар ёр гирифт, баробари мо нагирифт,
Аз гул бигузашту домани хор гирифт.

Сабзинабача, ки дилҳавоӣ накунӣ,
Ошиқат манам, ту бевафоӣ накунӣ.
Ошиқат манам, ки дар ғамот месузам,
То марг наояд, ту ҷудоӣ накунӣ.

Пудинаи лави ов , ниҳолум кардӣ,
Қаҳрӣ, ки будум, оштӣ хаёлум кардӣ.
Он руз гули сурх будум, ёрум кардӣ,
Охир гули зард шудум, хорум кардӣ.

Пудинаи лави ов, ниҳолут кардум,
Ту зан доштай, безан хиёлут кардум.
Ту зан доштай, ай мо паноҳ медоштай,
Як бусаи ошиқира дуст медоштай.

Моҳ мераваду ситора пас мемона,
Номарда бубин, ёрша ба кас мемона.
Номарда бигу, худакша мард бигира,
Гулғунчаи у ба хору хас мемона.

Қадоваи Балҷувон санглохи дурушт,
Я товада зар коштем, я товада мушк.
Не парвои зар дорем, не парвои мушт.
И бачаи рафтагира ғамош мара кушт.

Маҳтобшаб асту гул миёни хирман,
Хуни ҷигарам бирехт дар барфи Яман.
Эй барфи Яман, ту дил надодӣ бар ман,
Хушдор ба ту сад касу бадномзада ман.

Ҷонона, дар ин диёр, чаро бехабарӣ,
Шабҳои дароз дар талаби симу зарӣ?
Ай моли ҷаҳон насиби мо як кафанай,
Он ҳам ба гумон аст барӣ ё набарӣ.

Ин хонаи рубару зиндони ман аст,
Ин хурду калон ҳамаш нигаҳбони ман аст.
Эй хурду калон, маро маломат накунед,
Як дарзаи оташе бар ҷони ман аст.

Борони баҳору дидаи намнокум,
Борон, ту бибор, савза дамад ай хокум.
Ку дусти ширин, ки савзара об тия,
Сад сол бизием, оқибат дар хокум.

Дар руи раҳат мисоли гард афтодам,
Аз хурдани ғамҳота ба дард афтодам.
Ғайр аз ғами ту ғами дигар нест маро,
Хурдам ғами ту, ба ранги зард афтодам.

Зорут куштан, зори ба зорут куштан,
Дар ёли мазори арчадорут куштан.
Он ҷое туро куштан, қумистонай,
Хуни ҷигарат хуроки гундушконай.

Дар гушаи қавристон гули сиягушай,
Ҳайфи ҷурам, дар ҳиҷраи рупушай.
Гуфтум, биравум, кушода бинум руша,
Ай ҳавли замин ғубор гирифтай руша.

Он ҷой, ки тура куштан, як мир набуд,
Дар кисаи булғории ту тир набуд.
Дар кисаи булғории ту тири кабуд,
Он кас, ки туро куштаст, бадгири ту буд.

Фарёд зи дасти фалаки ҷомакабуд,
Ёрони маро ягон-ягон омаду бурд.
Гар одати чарх ин бувад дар олам,
Имрузу паго навбати мо хоҳад буд.

Боло бодай, хирмани боло бодай,
Мурғи дилакум ҳамеша дар фарёдай.
Додар боша, суҳбатаком územовадай,
Додар нестай, умри ширин барбодай.

Гул дар куза, гули калон дар куза,
Ошиқ шудаам ба ёри борикмуза.
Борикмуза, банди қафас медуза,
Чашмаш ба ману ғалат-ғалат медуза.

Ёрум, ки намегирӣ, чӣ одам бошӣ,
Беаҳд будӣ, ҳамеша дар ғам бошӣ.
Ман дар ҳақи ту монанди най месузум,
Ту, ки насузӣ, илоҳӣ пурғам бошӣ.

Себ дар камарай, решаи себ дар камарай,
Мо месузем, рафиқи мо бехабарай.
Мардум меган: «И муаллим раҳгузарай»,
Оҳи дилам аз оташи дузах батарай.

Ин беди баланд дараки маълимхона,
Маълимбача шиштаю китоб мехона,
Ду қоши сиёҳуш ба қалам мемона,
У мераваду ба мо алам мемона.

Себаргаву себаргаву се оби равон,
Дар минаи себарга шиштай се ҷавон.
Гуфтум, биравум, салом кунум ҳар сешон,
Акаи худум шиштай, мири ҳамашон.

Имсол гирифтам аз гулистон як гул,
Мондам, рафтам чаман ба дасти булбул.
Гуфтам, ки равам, хабар гирам аз булбул,
Не буи гул асту не садои булбул.

Тоқӣ ба сарут, тоқии шоҳӣ ба сарут,
Шинум сари кучаҳо, пурсум хабарут.
Шиштум сари кучаҳо, наёмад хабарут,
Беаҳд будай, бача, биреза ҷигарут.

Шабҳо ҳама шаб дарди туро нола кунам,
Дар кунҷи лаҳад ёди ту, ҷонона, кунам.
Баъди сад сол агар ба хокам гузарӣ,
Буи ту ба ман расад, кафан пора кунам.

Ҳар гаҳ чамани куи туро ёд кунам,
Сад оҳу фиғон аз дили ношод кунам.
Дур аз гули руи ту чунонам ки дигар,
Булбул шаваму ҳазор фарёд кунам.

Эй духтари ҳамсоя, аҳволи ту чист,
Бе бусаву бе канор шаб ёри ту кист?
Шаб ёри ту мо будем, дур афтодем,
Баъди сари мо ёри вафодори ту кист?!

Рафтӣ ба ғарибиву ғамот кушт маро,
Кардӣ ба даруни дил фаромушт маро.
Не хатти хушат омаду не безорит,
Ин кинаи дусту душмано кушт маро.

Дар даҳани дарвоза аминат кардам,
Ба дастаки бозорчӣ таъинат кардам.
Ба дастаки бозорчӣ таъинам нарасид,
Андеша ба қадди нозанинат кардам.

Очат, ки тура мезад, ман медидум,
Дар гушаи бунг чу мор мепечидум.
Гуфтум, биравум сараки химчаша гирум,
Ай очаи бадфеъли ту метарсидум.

Аз хона баромадум ҷунбон-ҷунбон,
Хафабанди сабз дорум, миёнаш марҷон.
Очам мега: «Куҷо мерай, духтари ҷон?»
Дастум суни дарвоза, саломи акаҷон.

Эй чархи фалак, ситам ту бар мо кардӣ,
Моро ба ҷаҳон ғарибу танҳо кардӣ.
Коре кардӣ, ки душмано шод шуданд,
Кофар накунад, ту дар ҳаққи мо кардӣ.

Ман байта намедонум, рубоӣ мегум,
Сесад ғазала баҳри ҷудоӣ мегум.
Майли дилатон, ёдум куне ё накуне,
И байта барои ёдгорӣ мегум.

Чашми ману абруи ту тоқ афтодай,
Ду булбули ҷулида тифоқ афтодай.
Ду булбули ҷулидаю як қумрии маст,
Суданамаке, ки дар кабоб афтодай.

Чашмон дорӣ мисоли кавги даштӣ,
Руи падарут сиёҳ, ки ай мо гаштӣ.
Гаштӣ-гаштӣ, ба чан касо дил бастӣ,
Мурғовӣ шудӣ, гирди сарум гирд гаштӣ.

Аз дур сиёҳӣ мекунан чашмонут,
Андар назарум мисли садаф дандонут.
Қавле кардай, бо сари қавлут бошӣ,
Бадқавлӣ кунӣ, Каломи ҳақ дар ҷонут.

Саҳнаи баланду кафтарой парвозӣ,
Ошиқ шудаам ба духтари дарвозӣ.
Ин духтари дарвозира танҳо созӣ,
Ду чашми сиёҳ ба миҷа дора бозӣ.

Рафтум ба сари болин, ки ёрум ховай,
Миҷа мезана, чашмой сиёш пуровай.
Гуфтум, биравум, ёракма бедор кунум,
Дамуш назанен, ки булбули маст ховай.

Як ёр дорум, аз гузари Шугновай,
Лабу даҳануш пудинаи серовай.
Гуфтум, биравум, қатиякуш роз бигум,
Аммо чӣ кунум, ки нозанин дар ховай.

Маҳтобшаб асту ман ба саҳро ҳар шаб,
Дуди дили ман чу мавҷи дарё ҳар шаб.
Ту бар сари давлативу корат ба ривоҷ,
Ман мунтазиру ғарибу танҳо ҳар шаб.

Ин бачаи шиштагира чашмонаша бин,
Бозгашта нигоҳ кардани ҳайронаша бин.
Ин бача агар ақлу тамиз дошта боша,
Шабнамзадаи гирди гулистонаша бин.

Қадде, ки ту дорӣ, зираро роҳе нест,
Руе, ки ту дорӣ, дар фалак моҳе нест.
Ҳарчанд гаштум миёни узбеку қазоқ,
Мисли ту санам ба ҳеҷ хиргоҳе нест.

Дар қадаки дарвоза чӣ истодаӣ рост,
Ақли тура кӣ бурдаву ҳушут ба куҷост?
Мардум меган: «Ҳами бача ёри шумост»,
Шояд ки дуруғи мардумо гардад рост.

Чинора бубин, барги сулаймон дора,
Сабзиназанак шоли Зарафшон дора.
Гуфтам, биравам, дар бағалаш бозӣ кунам,
Дар сараки раҳ ҳазор раҳбон дора.

Оҳу ба сари куҳи баланд лола чарид,
Ин куртаи ёр мисли гули лола дарид.
Мардум меган: «Куртаи ёр бахчӣ дарид?»
Ҷонона кашиду мо кашидему дарид.

– Мурғак, ба сари чашма чӣ кор омадаӣ,
Ё гушна шудӣ, ё ба шикор омадаӣ?
– Не гушна шудам, не ба шикор омадаам,
Девона шудам, аз ғами ёр омадаам.

Дар пуштаки мактабо гандум коштум,
Дар даруни мактабо дугона доштум.
Гандума дурав кардум, нестай саракуш,
Дугона суроғ кардум, нестай даракуш.

Хезен, хезен, нигоҳ кунен поёна,
Ин куртасафеди лави новардона.
Гуфтум, ки равум, ҷаҳтуш кунум меҳмона,
Монуш бурава, бачаи гапгардона.

Кошке ки намешуд хонатон дар гузарум,
Кошке ки намедидум, намесухт ҷигарум.
Ҳар боре ба суи хонатон менигарум,
Ов ай ду дидам резаву хун ай ҷигарум.

Э аспи сиё, маро ба боло барӣ-чӣ,
Қамчин бизанум, ба таҳти дарё барӣ-чӣ.
Нуқра бихарум, сумбота гулкорӣ кунум,
Як бори дигар пеши рафиқо барӣ-чӣ?!

Ту меравию ман тура кай мебинум,
Дар ҳавлии гаштагит пай мебинум.
Дар ҳавлии гаштагит пай дида нашуд,
Овозата дар нолиши най мебинум.

Эй ҷураи найнавозу найовозум,
Ман най бихарум, туро ба най бинвозум.
Не овози най расаву не овозум,
Ман дарди тура чӣ гуна дармон созум?!

Ёрум ба дара, худум ба болои дара,
Ёрум гули сурх, худум анори дубара.
Ҳар касе мана ба пеши ёрум бубара,
Нумол метиюм, ғуҷумша шамол бубара.

Шабҳо ба ситораҳо равад нолиши ман,
Аз оби ду дида тар шавад болиши ман.
Эй дӯст, биё, ту бар сари болинам,
Дида рухи дӯст, кам шавад нолиши ман.

Қадди ту алифу қомати ман долай,
Як лаҳза ҷудогиат баром сад солай.
Ҳарчанд қасам хурдам, бовар накунӣ,
Ин чеҳраи зарди ман гувоҳи ҳолай.

Ошиқ мануму не шав қарорум не руз,
Ошиқ шудаме ба сузани бахмалдуз.
Сузан гиру ришта гиру чашмонума дуз,
То кур шавум, пешут бишинум шаву руз.

Эй гулбадани бадангули гулдаста,
Ними ҷигарам ба ҷигарат пайваста.
Ҳар кас ки маро аз ту ҷудо мехоҳа,
Баргашта биё, дари ҷудогар баста.

Чормағзи дари ҳавлита баргуш майда,
Ин душмана бин, ки дар паюм мегарда.
Рав, душмана гу, ки давру даврон накуна,
Оҳе мекашум, хоки замин мегарда.

Чинора бубин, барги парешун дора,
Мулки падарум лоиқи хешун дора.
Хешунма бигу, ки пур ғарибум накунан,
Ай дидани рушун бенасибум накунан.

Ай дурии дуриҳо чу най месузум,
Монандаи чуби тар ба нам месузум.
Ай гардиши чарху ай ситамҳои фалак,
Билло ба Худо, ба сад алам месузум.

Бача-бачае, дар дили зорут садқа,
Дар гардиши чашмони хуморут садқа.
Ту гуфта будӣ, ки ҳардумон ёр шавем,
Дар гардани каҷи интизорут садқа.

Духтар-духтаре, дастмонаҳо дар дастут,
Моро мекуша қошой сиёҳи мастут.
Моро накуша қошой сиёҳи мастут,
Садсола умри ширини ман дар дастут.

Ҷононаву ҷононаву ҷононаи ман,
Ҷаҳтут кардум, намеравӣ хонаи ман.
Ту кабки ҳаросонӣ дар и бомаки ма,
Ту сур шидӣ, намечинӣ донаи ман.

Ту себи манӣ, соя ба боғи дигарӣ,
Ту шамъи манӣ, нури чароғи дигарӣ.
Ғамгин манаму ту ғамгусори дигарӣ,
Бадном манаму ту дар канори дигарӣ.

Ёрум, ки намегирӣ, дилозор накун,
Бахти аввалут мешам, мара хор накун.
Ҳар нохалафе ба пешакут бад гуя,
Зинҳор ба гуфти нокасон кор накун.

Ёракма бигу, ки бемаломат боша,
Ай мо, ки ҷидо шидай, саломат боша.
Ай мо, ки ҷидо шидай ба лавзи мардум,
Рузе, ки ҷидо шидай, қиёмат боша.

Қадум зира, тамоми қадум зира,
Кошке ки намекардум ошиқира.
Дар сар бастум нумоли бадномира,
Бача овардай духтари қишлоқира.

Кабгут бигирум, кабутарут ном кунум,
Худма ба ту бевафо чӣ бадном кунум?!
Ту кабги рамидаию дар ҳар сари роҳ,
Ман дона тиюм, туро ба худ ром кунум.

Бача ба даруни боғ сар паст мекард,
Оташ ба даруни дил алангаст мекард.
Кашидани тамокуву сар додани дуд,
Каҷ мондани тоқиаш маро маст мекард.

Бача-бачае, мисли мани зор шавӣ,
Мисли мани паршикаста афгор шавӣ.
Доғе ту ниҳодаӣ даруни дили ман,
Дар синаи худ бимон, хабардор шавӣ.

Муят гулу руят гулу дар сар задӣ гул,
Раҳ гаштани ту мисоли ларзидани гул.
Дар боғ равӣ, бишинӣ дар сояи гул,
Муҳтоҷ шавам барои як дидани гул.

Ман хоб будум, ки ёр омад саҳарӣ,
Пушида либоси савз монанди парӣ.
Гуфтум, ки: «Куҷо меравӣ, эй кабки дарӣ?
Хабари мара ба пеши дустон бибарӣ».

Зулфи сияҳат, ки мекунад маст маро,
Дил мекашаду намерасад даст маро.
Гуфтам, ки ба куи ошиқӣ сад тавба,
То дида бидид, тавба бишкаст маро.

Фарёд, ки як умр гадоем, дареғ,
Борони баҳору бебаҳоем, дареғ.
Сад сол агар умр вафогӣ бикунад,
Охир, ки ҷудоему ҷудоем, дареғ.

Доро, ки шароб мехурад, мегузарад,
Сад нуқлу кабоб мехурад, мегузарад.
Бечора ба косаи гадоӣ нонро,
Тар карда ба об мехурад, мегузарад.

Ғам гирди сари пурҳунарон мегарда,
Шодӣ ба дили бехабарон мегарда.
Ҳар кас, ки дар ин ҷаҳон суханфаҳм нашуд,
Ҳайвонсифате гирди ҷаҳон мегарда.

Дунё ҳама ҳеҷ, кори дунё ҳама ҳеҷ,
Ин салтанати боғу ҳарамҳо ҳама ҳеҷ.
Дурузаи умри худ ба шодӣ гузарон,
Рузе, ки аҷал расад, аламҳо ҳама ҳеҷ.

Дунё барбод, кори дунё барбод,
Лаънат ба касе, ки дил ба дунё медод.
Ҳар кас, ки ба ин хирмани мо орад ру,
Коҳаш ба замин резаду донаш бар бод.

Дунё ба мисоли одами раҳгузарай,
Андар дили ман ҳазор фикри дигарай.
Гуфтам, ки бароям ба тамошои ҷаҳон,
Дидам, ки тамошои ҷаҳон даргузарай.

Эй зоғи сиё, ки меравӣ гушот кар,
Хавари маро ба пеши отама бубар.
Аввал рафтӣ гиряву зорима бугу,
Бовар, ки накард, доғи ҷудоима бугу.

Лаънат ба касе ки ай Ватан канда шава,
Афта ба ғарибию ба кас банда шава.
Чархофалаке шава, биёя ба ватан,
И мурдаи садсола, магам зинда шава.

Кулоб ғариб, даштаки Кулоб ғариб,
Бемор шидем, ба сар надорем табиб.
Ку падару ку модар, ку хеши қариб?
Бегона чӣ дона, ки куҷо мурд ғариб!

Лаънат ба сарум ба и мусофир шиданум,
И куи мусофирӣ шидай дарди сарум.
Як бори дигар Худо бара бар ватанум,
Савганд мехурум, ёди ғарибӣ накунум.

Имсол ғариб шудем дар шаҳри шумо,
Фардо меравем, ғаниматай руи шумо.
Тақдири Худо будай и рузи сиё,
Дар гушаи ғарибӣ мондем танҳо.

Дар мулки мусофирӣ дилум ҳаст хиҷил,
Не дусти азиз дорум, не хеши қариб.
Бечораи бекасум, биё, дастум гир,
Дар мулки шумо ба мисли ман нест ғариб.

Эй очаи ҷон, ягон-ягон ёдум кун,
Хокистари куи ту шидум, бодум кун.
Хокистари куи ту шидум, боди фано,
Ай мулкои ғарибиҳо, озодум кун.

Мо кавгонем, элҷаи мо дар камарай,
Моро мебаран, очаи мо бехабарай.
Очама бигу куртаи ғам пора куна,
Шав дар таи сар монаву руз нола куна.

Борони баҳору дидаи намнокум,
Борон, ту бибор, савза дама дар хокум.
Оё зи кадом чашмае нушам дами об,
Оё ба кадом бешае бошад хокум.

Э куҳи баланд, туро ба боло бинум,
Маҳтоб, буро, шуълаи дарё бинум.
Чанд вақт шидай, зиндаҷидо мегардум,
Як бори дигар руи рафиқо бинум.

И аври ғубор-ғубор миҷгони манай,
Қуқан меравӣ ларза дар ҷони манай.
Ҳарҷо, ки равӣ, ови сафед пеш оя,
И ови сафед ду чашми гирёни манай.

Моҳ мерававу ситора пас мемона,
Ака мерава, хоҳар ба кас мемона.
Э ака, бугард, хоҳарта соҳибӣ кун,
«И хоҳари ту ба хору хас мемона».

Апа ба Қаротегин, хоҳар ба Ҳисор,
Апа гули санҷитай, хоҳар гули нор.
Амре бушава, бушкана қулфи Ҳисор,
Яг апаву яг хоҳар бинем дидор.

Ай мост салом ҷураи роҳдурира,
Он гулбадану бадангули сурира.
Ҳар сол тифоқи ҳамдигар мегаштем,
Оллоҳ, чӣ кунум алами роҳдурира.

Э ови Сурхов[1] ба ту аламҳо дорум,
Яг дастагуле у руи дарё дорум.
Яг дастагулум у руи дарё чӣ хушай,
Яг акаи мусофири танҳо дорум.

Гаҳ чашми чапум мепара, гаҳ чашмаки рост,
Тавларза ба тан дорум, ёрум ба куҷост?
Ёри ҳама шиштагӣ дари хонаи худ,
Ёри мани носудара кӣ дона куҷост!

---

[1] Сурхоб – номи рӯдест дар шимоли Кӯлоб.

Пеши акаи дур саломи бисёр,
Ҳаргиз дили омадан надора имсол.
И хотири нозукаш ранҷид ай мо,
Бар ҳар сари қаҳракош дуои бисёр.

Ай хона баромадум, нигоҳи ту кунум,
Қуқан рафтаӣ ҷонма фидои ту кунум.
Мардум мега: «Мол миёра бисёр»,
Ма молша чико кунум, Худо худша биёр.

Дулонаи хуб дорум, дар майдонай,
Яг акаи хуб дорум, дар поёнай.
Поёнуш наген, ҷигарум бирёнай,
Рехтай ҷигарум, дудғалаш дар осмонай.

Афтови сари коза пано кад мора,
Яг хандаи ширинут адо кад мора.
Яг хандаи ширинта дуст медоштум,
Тақдири Худо, ай ун ҷидо кад мора.

Дар раҳаки рафтагит аҷаб дилтангум,
Хурдум ғами пинҳонӣ, намондай ҳангум.
Ғамҳои тура ҳиҷ кас нахурдай қади ма,
Оҳ, аламои раи дур, ранги зардум.

Ай дурии дуриҳо дилам гашта хароб,
Ай дидаи интизор мерезад об.
Ҳар нола, ки субҳдам ба гушат бирасад,
Медон, ки ҳамон нолаи дилҳои кабоб.

Э акаи ҷон, ки дар ғамут беморум,
Тире задаӣ ба ҷигари афгорум.
Ту тир назан, ки ҷигарум афгорай,
То зинда будан дустакут медорум.

Фарёд, ҷидоему ҷидо мегардем,
Бо амри Худо зиндаҷидо мегардем.
Амре бишавад, ки мо биёем ба Ватан,
Соҳибватанем, ватангадо мегардем.

Яг ёраки майдаҳакма поён бурдан,
То қалъаи Данғара намоён бурдан.
То қалъаи Данғара намоён ёрам,
Яг села кабутарма ба осмон бурдан.

Омад-омадат омади бозургонай,
Наёмаданат ба ма балои ҷонай.
Обе мехурӣ ту ай даруни киштӣ,
Киштӣ ба даруни об саргардонай.

Э ҷураи ҷон, биё бурем таи соя,
Тутик[1] букашем, банди дилмон букшоя.
Не тутикум мефораву не таи соя,
Очам биёя, банди дилум мекшоя.

Ду беди баланда сарбасар мебинум,
Фарзанди падарма дар сафар мебинум.
Фарзанди падар домано барзадагӣ,
Сесад гули ғарибӣ дар сар задагӣ.

[1]Тутак – най.

Ҳавора бубин, чӣ аври борон кардай,
Ҷурама бубин, сафари поён кардай.
Поён дурай, раҳаки поён дурай,
И рафтани поёнуш азови гурай.

Хуш мегузарӣ ба и раи руфтаи ма,
Оташ мезанӣ ба ҷигари сухтаи ма.
Оташ мезанию месуза хору хасе,
Месузуму мевреҷум, намегум ба касе.

Булбул ба даруни боғ тоқай имсол,
Даруни дилум гули фироқай имсол.
Даруни дилум кундаалов месуза,
Дустои ширин ба зери хокай имсол.

Дар даштаки Данғара рехтай ҷола,
Дар руи дили ҷувон шукуфтай лола.
Лола-лолае хурсандиҳое дора,
Оқубати зиндагӣ ҷидоӣ дора.

И ҷуи калон ов надора, чӣ кунум?
Ду чашми сарум хов надора, чӣ кунум?
Ду чашми сарум раи тура менигара,
То ту меёй, ҷавр ай сарум мегузара.

Рафтам сари Найранга, дидум Роға,
Дар синаи реши худ бимондум доға.
Гуфтум намурум, як бор бинум Роға,
Армон ба дилум намонд, дидум Роға.

Яг очаву яг духтар, гули гандум,
Оча ба Ватан, духтар ба мулки мардум.
Яг сол мешава ай у ҷидо мегардум,
Зинда ба қатори мурдаҳо мегардум.

Бачам рафтай, дилам харобай имруз,
Бар ҳар миҷаюм қатраи овай имруз.
Мардум мега: «Хов ра, ки ховуш мебинӣ»,
Эй бехабарон, чӣ ҷои ховай имруз.

Ай омаданут агар хавар медоштум,
Дар руи раҳут гули суман мекоштум.
Гул мекоштум, ки пота дар хок намон,
Хоки қадамут ба дида мевардоштум.

Дилбахшаки ту дами ба дам мегиряд,
Ай фарқи сарам то ба қадам мегиряд.
Мегиряму зор менависам ба қалам,
Ай гиряи зори ман қалам мегиряд.

Чашмум ба раи омаданут чор шидай,
Гулҳои ҷиҳон дар назарум хор шидай.
Гулҳои ҷиҳона бу кашум, буи ту нест,
Шаҳрора ба шаҳр занум, ҳамхуи ту нест.

Ёрум таи куҳ, худум таи куҳпора,
Ёрум раҳи дур, ҷигарум сад пора.
Наълат ба касе, ки ёра ай дур гира,
И куртаи ғарибира кардум пора.

Очам дурай, хат равонуш бикунум,
Яг қавза гула чида равонуш бикунум.
Яг қавза гули чидаву яг ночида,
Ҷонма ба даруни най равонуш букунум.

Эй бор Худо, мара ҷиёнгард накун,
Ай баҳри тамаъ ранги мара зард накун.
Ай баҳри тамаъ ранги мара зард кадӣ,
Муҳтоҷи дари хонаи номард накун.

Нумоли бурешимира торуш моем,
И ҷувони рафтагира ёруш моем.
Ёруш моем, дар хаёлуш моем,
Шавҳои дароз дар каноруш моем.

Бечора касе ки аз Ватан канда шавад,
Афтад ба ғарибиву ба кас банда шавад.
Аҳде бишавад, ки моҳу хуршеди фалак,
Бар кулбаи ғарибон тобанда шавад.

Ин дарду ғамат кард диламро ба таво,
Монандаи булбулон кунам зору садо.
Аз дуди дилам фалак чунон гашта сиё,
Аз оҳу фиғони ман наво гашта ҳаво.

Фарёд, зи дасти фалаки бебунёд,
Ҳаргиз гиреҳи бастаи касро накушод.
Гуфтум, биравум, ки як гиреҳ бикшоюм,
Сад доғи дигар дар сари и доғ ниҳод.

Дунё ба мисоли як работу ду дар аст,
Ҳар руз дар ин работ халқи дигар аст.
Рафтам ба лаби дарё тамошои ҷаҳон,
Дидам, ки тамошои ҷаҳон дар гузар аст.

Рафтам ба сари куҳи баланди ба ҳаво,
Овоз надорам, ки бихонам ту биё.
Ду пои маро фалак бастай ба ҷафо,
Ту пои кушода дорӣ, бархезу биё.

Э кош, ки умри ман муқаррар мешуд,
Даврони гузашта боз ай сар мешуд.
Меришт дароз риштаи умри маро,
Гар чархи фалак ба дасти модар мешуд.

Шинум-шинуму сайли гули лола кунум,
Ҳар ҷо биравум, доғи тура нола кунум.
Дар ширинии хоб ба ба ёдум бирасӣ,
Яг оҳ бикашум ҷигарма сад пора кунум.

Садбарги сафед чӣ рангу холҳо дора,
Тақдири Худора бин, ки чӣ корҳо дора.
Гуфтум биравум пеши фалак гиря кунум,
Бар гиряи ма фалак чӣ парво дора.

Ёри мара бин, ба ма ситамҳо дора,
Бо аспи саманд ру ба саҳро дора.
Гуфтум биравум пеши фалак гиря кунум,
Ай нолаи ма фалак чӣ парво дора.

Ма хов будум, бар ҷигарум корча расид,
Бедор шидум, ба хотирум оча расид.
Рафтум ба сари болини очадоро,
И болини беоча ба фарёд расид.

Духтар-духтаре, ба ман чи гапак дорӣ,
Дар чархи фалак, хона баландак дорӣ.
Ман бол надорам, ки ба суят бупарам,
Ту рост бугу, ба ман чӣ фандак дорӣ.

Сад донаи алмос ба дандон суфтан,
Нуҳ тоқи фалак ба неши миҷгон руфтан.
Сад сол асири банди зиндон будан
Беҳ аз сухана ба шахси нодон гуфтан.

Чашмон дорӣ зира, ки дар роҳе нест,
Руё дорӣ, ки дар фалак моҳе нест.
Мерам ба Ҳисору Кобулу Ҳиндустон,
Мисли ту санам ба ҳеҷ хиргоҳе нест.

Фарёд, ки кори носазо кард фалак,
Фарзанда зи модаруш ҷудо кард фалак.
Гуфтам биравам пеши Худо нола кунам,
Гуфто ба сари шоҳу гадо кард фалак.

Боронаки резмарез, каҷрез биё,
Як чиза баҳона карда бархез биё.
Ду пои мана фалак бастай ба ҷафо,
Ту пои кушода дорӣ, бархез биё.

Ман оҳ кашам, ки аз фалак дод ояд,
Ёди ту кунам, дилам ба фарёд ояд.
Дарди дилакам ба санги дарё гуям,
Санг аз таги дарё ба фарёд ояд.

Ин беди даланд нукакуш зард шудаст,
Поям ба вилояти дигар банд шудаст.
Аз ҷаври фалак ранги рухам зард шудаст,
Якбора аз ин замон дилум сард шудаст.

Э чархи фалак, ту дар ҳаво мегардӣ,
Гирди сари ёри бевафо мегардӣ.
Ҳеҷ кас, ки тура дуст надора ин дам,
Беҳуда дар ин ҷаҳон чаро мегардӣ.

Эй духтараки сафедаки дурдона,
Бо пупаки абруют шудум девона.
Девона манам, халқи Худо медона,
Шояд, ки тура насиби ман гардона.

Қадди ёрма ба ними дунё натиюм,
Лабу даҳонша ба ҷоми тилло натиюм.
Як бори дигар муяссарум гардона,
Як суҳбаташа ба арки почо натиюм.

Се моҳи мукаммалай ёрум рафтай,
Гул аз чаману ёр аз канорум рафтай.
Ин хона агар биҳишти дунё гардад,
Безорам аз он хона, ки ёрам рафтай.

Ман мераваму нигори ман мемонад,
Сабр аз дили беқарори ман мемонад.
Дар айни ҷавонӣ назаре бар мо кун,
Дунё гузарон ҳасту ҳамин мемонад.

Чашмони ту оҳубаррара мемона,
Руят гули шабнамзадара мемона.
Дар айни ҷавонӣ назаре бар мо кун,
Дунё гузарону заррара мемона.

Ин лаъли лабат ба ангубин мемонад,
Бе ту сухани кас ба замин мемонад.
Як бӯса аз он лаъли шакарбор бидеҳ,
Дунё гузарон асту ҳамин мемонад.

Дунё ба мисоли тири партофтанист,
Дар ковиши у нашав ки ноёфтанист.
Ҳар чиз талаб кунӣ, биёбӣ ба ҷаҳон,
Фарзанди падар меваи ноёфтанист.

Мо ҷуфти кабутарем, ай села ҷидо,
Порина қатӣ будем, имсол ҷидо.
Порина қатӣ будем, қатӣ мегаштем,
Имсол ҷидо шудем, ба ғам пайвастем.

Чархи фалако, маро ба чарх овардӣ,
Кулоб будум, маро ба Балх овардӣ.
Кулоб будум, оби ширин мехурдум,
Золим ту маро ба оби талх овардӣ.

Андар сухарӣ ду лоларо шабнам зад,
Андар ҷигарум фалак тири ғам зад.
Тире задааст рост мобайни ҷигар,
Айёми ҷувонима фалак барҳам зад.

Э бод, биё, ки хирманум бод шава,
Э ёр, биё, ки дилакум шод шава.
Э ёр, надонистум макони ту кучо,
Ҷонум бо ту пайванду танум ай ту ҷудо.

Ман сайл кунум, сайл кунум саҳрора,
Мурғовӣ шавум, гузар кунум дарёра.
Ман ҷуғз шавум, зи ҳоли худ нола кунум,
Тақдири бадеву кулфатои дунёра.

И севаки сурхи гушаи нумолум,
Пучала шидас, бо хуни дил менолум,
Менолуму ба остинум мемолум,
Дар кардаи тақдири Худо ночорум.

Чайлови баланд дорӣ, пояш яккатут,
Синаи сафед дорӣ, рӯймоли кабут.
Ҳар кас ки тура ай ма ҷудоӣ фармуд,
Гураш пури оташу лаҳатуш пури дуд.

Очама бугу, ки духтаруш беморай,
Рангуш ба мисоли каҳгили деворай.
Очама бугу эстаку бесте накуна,
Ҷон дар сакароту маҳтали дидорай.

Қаддат гулу руят гулу муят гули газ,
Дар ҳасрати руи ту мурдас сад кас.
Ту об нашудӣ, даст бишуяд ҳар кас,
Насибаи як одамӣ, доғи чанд кас.

Имшав шави шанбеҳай, домод ба ҳавас,
Гул дар сари остинай, сев дар сари дас.
Ту ов нестӣ, даст бишуяд ҳар кас,
Насибаи як одамӣ, доғи чанд кас.

Пудина ба барги бед печон моем,
Дар бобати ошиқӣ нодон моем.
Нодон моем ҳама касон медона,
Шояд ки тура насиби ма гардона.

Дар боғ будум, гулак надоштум сари даст,
Дар фикр будум, омад гузашт қумрии маст.
Э қумрии маст, биё бишин дар сари даст,
Насибаи як одамӣ, доғи чанд кас.

Э акаи ҷон, қад-қади дарё шавӣ чӣ?
Монандаки моҳи нав пайдо шавӣ чӣ?
Монандаки моҳи нав бибинум рута,
Дар барги гули лола бигирум бута.

Духтар, духтаре илоҳи садсола шавӣ,
Дар гузари мо афтию ҳамсоя шавӣ.
Ҳамсоя шавӣ, ки бар сарум соя кунӣ,
Шояд ки насиби мани бечора шавӣ.

Рузе, ки ба девлохо гузар мекардум,
Чун нолаи булбули саҳар мекардум.
Ма кай донум аҳли ҷудоӣ дорӣ,
Андешама ай рузи азал мекардум.

Дар боғ будум, буи ту дар боғ омад,
Яг гул кандум, номи ту дар ёд омад.
Яг гул кандум варақ-варақ пора шидай,
И ҷигари сухтагим ба фарёд омад.

Дар боғ дуром, сайли гули лола кунум,
Дар хона биём, ҳазору яг нола кунум.
Дар хона будум, рута надидум ҳаргиз,
Ханҷар бигирум, руи ҷигар пора кунум.

Ай тори ҳаво нусхаи зар мегирум,
Ай очаи роҳдурим хавар мегирум.
То мегирум сухтаву дар мегирум,
Сангои хунука дар ҷигар мегирум.

Гандум лола, миёни гандум лола,
Ошиқ шидаам ба духтари қинғола.
И духтари қинғола ба мо дил дора,
Ду чашми сиё, зувони булбул дора.

Дар дари хонат сурфа қатор афтодай,
Зулфи сияҳут дандони мор афтодай.
Гуфтум биравум дар он сурфа сар монум,
Зеро ки дар он буи баҳор афтодай.

Ғармаш-ғармаш, ту гул куну дона нагир,
Баъди сари ма ту ёри бегона нагир.
То он ки манам, туро намонам бо касе,
Баъди мурданам ту дону ҳар хору хасе.

Раъноҷони ҷон, дар ҷамолут мастум,
Ҳаргиз нараса гирди канорут дастум.
Эй субҳ надам, ки ма ба и гул мастум,
То субҳ дамид, ки гул парид ай дастум.

Ду зулфи сиёҳи занҷабили хуши ту,
Ду наргиси пурхумори оламкуши ту.
Мардум мега: «Куҷо шуд ақлу ҳуши ту»?
Ақлу ҳуши мо пеши ҷамоли хуши ту.

Афтов задай дар сараки Кундонӣ,
Ҷура, меравӣ, рута намегардонӣ.
Дилут, ки ба моҳай, хотирут ҷои дига,
Ҷигарои сухтагима мерезонӣ.

Эй мурғ, нанол, ки шав дароз аст ҳануз!
Эй субҳ, надам, ки вақти ноз аст ҳануз.
Парвин, ту бирав ба ҷои худ сокит бош,
И қиссаи ошуқӣ дароз аст ҳануз.

Санҷит соя, таҳаки санҷит соя,
Дара ҳуй кунен, ошиқи ма будроя.
Дамуш назанен, дар пешакум биншина,
Ягҷоя шавем, дуди дилум буброя.

Чашмак мезанум, ба гушаи бом ой,
Ма ҳилаю фанд кунум, ту дар дом ой.
Ма ҳила кунум, дон бипошум бари ту,
Шояд ки барои дона дар дом ой.

Ма хов будум таи чанори дубара,
Бедор шидум, Низорамо шир мебара.
Бо куртаи гул-гуливу бо аспи ала,
Дамуш назанен ғамзакунон мегузара.

Абруи качут қачи камон овардай,
Лаъли лаби ту мара ба чон овардай.
Дар дилум набуд ай Кулоб омаданӣ,
Ишқи ту мара кашон-кашон овардай.

И севора ту додай, дар нумолум,
Пучала шидай, ба дарди дил менолум.
И сойиби сев омад: «Севагма буте»,
Ай сойиби сев умеди бисёр дорум.

Ай хона баромадан се духтаракон,
Ҳалимаву Салимаву Ҷавҳарбии чон.
Гуфтум биравум сари роҳи ҳар сешон,
Яг дидани Ҷавҳарбӣ буҳои ҳамашон.

Зулфат чилу чор, тамоми зулфат чилу чор,
Поёнтари зулфи ту майдони шикор.
Ҳар кас ки рава баҳри шикор дар майдон,
Орзу мекуна тура бигира ба канор.

Ма омадаам, лави ту хандон нашава,
Ма ёр бигирам, дили ту вайрон нашава.
Ту ёри дигар гирию ма ёри дигар,
Сад ёр бигирам, доғи ту пинҳон нашава.

Ай хона баромад санами гулқарақош,
Дасмона ба даст дораду зулфо чапу рост.
Гуфтам: Санамо, зулфот якташ тани мост,
Хандиду ба ғамза, гуфт: «И моли балост».

Ҷонона, ба дидори ту ҳоҷатмандам,
Гар ёди ҷамоли ту кунам, бикшандам.
Гар бикшандам, ҷидо-ҷидо бикнандам,
Ҳаргиз нарава ёди ту аз пайвандам.

Ма садқа шавум кутал баромаданта,
Гирбанди бирешими сари арқанта.
Ҳар бор ки бигардонӣ рута суни ма,
Девона кунӣ ҷурай баландгарданта.

Духтар-духтаре, ту заб балое нашудӣ,
Бегона будӣ, заб ошное нашудӣ.
Бегона будӣ, ба ҳар куҷо мегаштӣ,
Бар дарди дилум аҷаб давое нашудӣ.

Шабро дидам, сиёҳтар аз муи ту нест,
Маҳро дидам, сафедтар аз руи ту нест.
Ай ҳафт қабати замин то кишвари чарх
Дидам ҳамаро, баҳои як муи ту нест.

Аввал рафтӣ, назар ба чашмонаш кун,
Дуюм, ба лабу сеюм ба дандонаш кун.
Чорум, бинигар, ки хол дора ё не,
Панҷум бинишину ҷонта қурбонаш кун!

Рафтам ба сари ағбаву кардам ғамза,
Чиндам сари зулфи ёр, бастам дарза.
Эй ҷураи ҷон, бишин ба руи савза,
Қади алифут ба мисли гул меларза.

Ма мегузаштам ба пасаки хонаи ту,
Ба гушам расид овози дасмонаи ту.
Мурғони ҳаво дар ҳаваси донаи ту,
Мо дар ҳаваси канори мастонаи ту.

И моҳи нава ба руи Лангар[1] дидум,
Ситора залил ба гуши заргар дидум.
Ситора залил ба гуши заргар ҳайфай,
Ду тугмаи зар ба пеши духтар дидум.

Э духтари ҳамсоя, мара ёр бигӣ,
Савғоти мара ай сари девор бигӣ.
Имшав, ки мара ҷои дига металабан,
То омаданам худакта бедор бигӣ.

Духтар, духтар ҷалолат халқа-ҳалқа,
И шиштани рупарут куштай халқа,
Мо медонем и қаҳра ба мо кардай,
Бар ҳар сари қаҳракот ҳазор садқа.

---

[1] Номи деҳа дар н. Муъминобод

Ҳамсоя бало, духтари ҳамсоя бало,
Бегоҳии руз ба бехи чойлоба биё.
Яг косада шир дорум, яг нисфи фатир,
Хурдиву накарди сер, дилу ҷонма бигир.

Бо кучаи танги ёр гузар мекардум,
Бар холи сиёҳи ёр назар мекардум.
Бар холи сиёҳи ёр назар карда нашид,
Ай толеи бади худ ҳазар мекардум.

Эй дуст, кучҷой, кам-камат мебинам,
Печида ба шохи ар-арат мебинам.
Ту гуфта будӣ, ки ма тура ёр шавам,
Номард будӣ, ба ҳар дарат мебинам.

Дар боғ даромадум ба буи гашнич,
Андешаву хотирум накардӣ ҳаргиз.
Бо ёри навут муборак, эй ҷони азиз!
Мо қушагулем, дар ра намонем ҳаргиз.

Маҳтобшавай, бесару по мегардум,
Гирди сари ёри бевафо мегардум.
Гар аҳд кунӣ, вафо кунӣ мора, басӣ.
Гар ёри дигар гирӣ, ба мақсад нарасӣ.

Пудинаи боғи мо шидай меваи тар,
Дил ҷониби мо дорӣ, ру ҷои дигар.
Тура, ки намефорид ай рузи азал,
И сухтадили мара чида кардӣ хабар?

Дар таҳаки бед нашин, ки бед калбедай,
Ду зулфи сиёт монанди маҷнунбедай.
Ду зулфи сиё ҳалқа кадай, сар додай,
Ай шиштани рубарут дилум баумедай.

Зардолуи зарди рупаруи хона,
Шохо ба замин, гузаргаи ҷонона.
Яг бусаи шав буте, як рузона,
Гашти сафарум шидасту мерам хона.

Ай хона баромадум, ёр дар сари ро,
Яг буса талаб кардум ай зулфи сиё.
– Яг буса наметумут, эй марди Худо,
Ҷонакта кунӣ фидо, эй бусагадо.

Ҷонона маро ишорати миҷгон кард,
Дегакша бимонду гандумаш бирён кард.
Дегаш бишикасту гандумаш пош бирехт,
Ёре, ки ба чанг омада буд, боз гурехт.

Мо кавгонем, аз раҳи Роғ омадаем,
Ташна шудаву хурдани ов омадаем.
Не ташнаву не гушнаву не хурдани ов,
Дилгир шудем, ёра суроғ омадаем.

Дар лаваки бом шиштаӣ, эй кавги дарӣ,
Рухсорут арақ кардай, монанди парӣ.
Бар мо бинигар, ки мо ғарибему равӣ,
Бар кас манигар, ки доимаш менигарӣ.

Духтар-духтар дар сарут сумбул дорӣ,
Сар то қадамут ҳазору як гул дорӣ.
Мо чанд касем ай паи ту мегардем.
Ту дони худо, кадома дар дил дорӣ?

Ма садқа шавум чашмони мастонаи ту,
И чашмаки ма мудом дар хонаи ту.
Яг гап назадӣ, ки дилакум сард шава,
То канда шава пои ма ай хонаи ту.

Духтар ба даруни боғ мекард бозӣ,
Як духтари кулобиву якташ роғӣ.
Ай духтари кулобӣ надорум гилае,
Куштаст мара ду зулфи чанги роғӣ.

Ошиқӣ накун, ки ошиқӣ бадбахтай,
Ошиқ ба мисоли ҷомаи наврахтай.
Ошиқ ки шудӣ, мегӯй дунё ба манай,
Гоҳе бинӣ, гоҳе набинӣ – сахтай.

Гул дар куза, гули калон дар куза,
Тутук мекаша ҷувони борикмуза.
Борикмуза, аҷаб, ғалат медуза,
Сузан мезана банди дилум месуза.

Кардам ғалате, хайма задам дар Ҷайҳун,
Бод омаду пои хаймаро кард нагун.
Лайлӣ бигирист ба ҳоли зори Маҷнун,
Санго ҳама лаъл гашту дарё пури хун.

Ёрум бигузашту ма надидум руша,
Нумола кашид то ба хами абруша.
И сузи фироқша мехурум бар ҷонум,
Маҷнуни адир шидум ай ҷустуҷуша.

Эй шух, сари зулфи тура тоб кӣ додаст?
Чашми ҳадаси масти туро хоб кӣ додаст?
Дар пушти лабат ниҳоли шафтолу шинондум,
Мироб манам, боғи туро об кӣ додаст?

И беди баланд, соя гардон Ҳалима,
Зулфони сиёт таноби гардон Ҳалима,
Мардум меган: «хумор дорад Ҳалима»
Сад ошиқи беқарор дорад Ҳалима.

Дарё ҷола, миёни дарё ҷола,
Бишкаста шохи чанори ҳафтодсола.
Бишкаста шохи чанор афгорум кард,
Ишқи духтари мардум ба и ҳолум кард.

Ай дурӣ нигоҳ карданут меарза,
Ду зулфи сиё ба гарданут меларза.
Мора мекушан барои тори зулфут,
Тори зулфи ту ба хуни мо меарза.

Э духтари ҳамсоя, аҷаб лабшакарӣ,
Сухта дили ман, кабоб карда ҷигарӣ.
Сад оташи тез агар расад бар ҷонам,
Боке набувад, агар ба ман менигарӣ.

Эй духтараки сафеди гардан гули нор,
Нодида дар ин диёр нагирӣ ёр.
Хуб кардиву нағз кардӣ, гирифтӣ ту ёр,
Сири мани ошиқа нагӯӣ зинҳор.

Ай дур сиёӣ мекуна чашмонут,
Монанди садаф сафедиҳой дандонут.
Яг буса буте ай у лави хандонут,
Савоби сарут, закоти фарзандонут.

Қадде дори мисоли гули лола,
Лабҳо чу ақиқ, арғувон рухсора.
Мардум меган: «Ёрут шидай қинғола
Ови чашмуш мисоли барфу ҷола».

Чойлоби баланд дориву пояш яккатут,
Қошони сиё дориву зулфо бари рут.
Гуфтум биравум дар болинут сар монум,
Яг гап суни ма гуфтиву сад гап суни шут.

Боми ҳама бому боми мо дар пастӣ,
Ёри ҳама ёру ёри мо алмастӣ.
Мардум мега: «Ба алмастӣ дил бастӣ»
Тақдир ҳамин будай, задем дар пастӣ.

Чашми бади кас ба чашми мастат нарасад,
Офат ба лабони майпарастат нарасад.
Ман дар ду ҷаҳон ҳамин мурод металабам,
Бар қадди муборакат шикасте нарасад.

Э духтараки сафедаки чингиламу,
Ҳайдама буте, отат туро додас ба шу.
– Не парвои шу доруму не парвои ту,
Як бӯсаи ошиқиву сад буҳои шу.

Себе, ки ту додай, тамомаш гуҳарай,
Лабҳои ту қанданду забонат асалай.
Дустон меган: «Буса бигир ай лаби ёр»,
Рухсораи зебои ту садбарги тарай.

Ситора баромадай, қариби рӯзай,
Дар гузари мо нигори бахмалдузай.
Мардум мега, ки «Ошуқи чанд рузай?»
Хубуш сари солу гандааш се рузай.

Се моҳ шидай, ба ягта хушдор шудум,
Хурдум ғами беҳудара афгор шудум.
Ку ҳуҷраи тангак, ки бухонум ду ғазал,
Ай ҷони ширини хеш безор шидум.

Ёди ту кунам, сари забонам сузад,
Тарки ту кунам, тамоми ҷонам сузад.
Сиррест, ки пеши кас натвон гуфт,
Дардест, ки мағзу устухонам сузад.

Бар куча гузар накун, ки мо дар бомем,
Баргашта ниго наку, ки мо бадномем.
Ҳар вақте нигоҳ кунӣ, пушт гардонем,
Дар дил нагирӣ, ки сухтаву бирёнем.

Ма булбуламу зи гул ҷудо мегардум,
Лавташна ба дашти Карбало мегардум.
Оё чӣ гунаҳ карда будум назди Худо,
Ай ёри азизи худ ҷудо мегардум.

Ҷонакма фидот мекунум ёр, натарс,
Дар сояи гул шиштаӣ ай хор натарс.
Мардум бари ошиқӣ чӣ ҷоно кандан,
Мардона қадам гузору ай дор натарс.

Гар ёри маӣ, биё ба ман ёрӣ кун,
Мара мебаран, ту гиряву зорӣ кун.
Мара мебаран шаҳри дигар мефрушан,
Гар пул дорӣ, ҷонма харидорӣ кун.

Ма хов будум, яг барги савзум додӣ,
Бедор шудум, яг буса қарзум додӣ.
Худо бигира камбағали бепулира,
Яг буса чи буд ба тарсу ларзум додӣ.

Кафтар ба сари чанор ма бандаи ту,
Бишкуфта гули сафед ай хандаи ту.
Мара мекушан бахшаки як хандаи ту,
Хуни маи бегуноҳ дар гардани ту.

Ҳар хона, ки бечароғ боша, ҳайфай,
Маъшуқа, ки бедимоғ боша, ҳайфай.
Ҳаргиз сухани талха ба маъшуқ нагуй,
Тутӣ, ки ба чанги зоғ боша, ҳайфай.

И духтари кулобӣ мағзи гандум,
Ма ай ту ҷудо шудум ба лавзи мардум.
Ма ай ту ҷудо шудум дилум девона,
Шарм ай падарум дорум, таън аз мардум.

Ёрам туву ҷонам туву ғамхорам ту,
Дорам ҳама вақт умеди бисёрам ту.
Ту чала бихар, дасти мара нур андоз,
Сад сол гузара, ёри вафодорам ту.

## РУБОИЁТИ ЗАМОНИ ШӮРАВӢ

Эй ҷураи ҷон, биё, ба мактаб биравем,
Аз олами илму фан хабардор шавем.
Порсол, ки хондаем аз ҳар фан мо,
Имсол зиёд хонда илмдор шавем.

Молҳои вилоятира пушаш моем,
И духтари мактабира ёраш моем.
Ёраш моем, дар хаёлаш моем,
Монанди китоб дар канораш моем.

Идора сафед, пуштаки идора сафед,
Ҳолӣ меоя котиббача куртасафед.
Котиббачае, қадут ҳамели писта,
Дар минаи дигарон туӣ гулдаста.

Кастуми сиёҳ ба қадди ёр зебанда,
Кулоб рафтай, дер омаданош ганда.
Гуфтум биравам ҷаҳтуш кунум бо ханда,
Тармарга бубин, ба ҳар ка дил мебанда.

Хезен-хезен, нигоҳ кунед тепачара,
Заминои кишткории котиббачара.
Котиббачае, аспи қизилта садқа,
Қамчинзаниҳои руи зинта садқа.

Акаи худум палтои чин-чин дора,
Дар пеши бараш нишони Ленин дора.
Чой, ки бинуша, пиёлаи чинӣ дора,
Ханда бикуна, лабони ширин дора.

Э додари ҷон, дар қаду бастат ҷонум,
Дар соати тилоии дастат ҷонум.
И роҳаки дур номи туро паст кардай,
Дар чашмои пурхумори мастат ҷонум.

Ма садқа шавум шамолаки болора,
Хамбидани аскари лави дарёра.
Қурчак[1] бигирен, бурувен барфора,
Сармо набара поҳои аскарора.

Афтоб задай дар даҳани дарбача,
Хат омадай ба номи аскарбача.
Аскарбачае, доманако бар задагӣ,
Сесад гули аскарира бар сар задагӣ.

Эй бачаи савзинаи сафеддандон,
Повиска баромадай, мерай район.
Мерай район, ҳаргиз натарс аз Гирмон,
И танкаи саветӣ – марги Гирмон.

---

[1] Курчак – бели чӯбӣ.

Шудгор кунӣ замини решадора,
Ҳар кас бигира бачаи очадора.
Бачаш меора кремплени гулдора,
Очаш мега ки: «Зеби келин дора».

Шиштагӣ будум, чил-чили борон омад,
Самолёти Ховалинг ба осмон омад.
Оча, ту бухез, ба хона меҳмон омад,
Ҳалим акаам дар даст чамадон омад.

Овози ту бо сими телефон омад,
Аз он лаби ҷонбахш ба ман ҷон омад,
Аз савзаи навраста дар ин субҳидамӣ
Аз лутфи ту борони баҳорон омад.

Аз хона баромадӣ, гули сиёгушам,
Қоғаз ба қалам оинаи рупушам.
Ҳар гапе дорӣ, биё, буза дар гушам,
Девонаву шайдо шидаам, беҳушам.

Дар пасаки мактабмон малимҷонай,
Директори мактабмон Каримҷонай.
Ҷонай-ҷонай, лабу даҳон марҷонай,
Як холи сиёҳ дора, барои ҷонай.

Қадут зира, тамоми қадут зира,
Зебут мета кастуми савзи хира.
Ҳар гоҳ мара хаёли руят гира,
Оҳе бикашум, савзаи тар дар гира.

# БАЙТУ ҒАЗАЛАМ
# БАРОИ ТУ МЕХОНАМ

*(дубайтиҳо)*

Намози шом ғарибӣ рух ба ман кард,
Дилам ҷавлун заду ёди ватан кард.
Намедонам, падар кард ё бародар,
Маро гушанишини ҳар ватан кард.

Шамолак мезанад бо барги гандум,
Мусофир гаштаям дар шаҳри мардум.
Мусофирӣ маро дилгир кардаст,
Фалак дар гарданам занҷир кардаст.

Фалак доду фалак доду фалак дод,
Фалак аз дасти ту сад доду бедод.
Аз он рузе, ки тақдир менавиштанд,
Қалам дар бахти ман ёрӣ намедод.

Ало духтар, ки дар шаҳри шумоем,
Ғарибу бекасу беошноем.
Чилимро тоза кун баҳри мусофир,
Ки имшаб инҷаву фардо куҷоем?!

Ба ёрон алвидоъ гуфтему рафтем,
Ба ҷону дил дуо гуфтему рафтем.
Ҳамон ёре, ки бо мо дошт улфат,
Нигаҳвонаш Худо гуфтему рафтем.

Сари куҳи баланду дав-давонам,
Камон бар китфу ханҷар дар миёнам.
Илоҳо, бишканад дасти камонсоз,
К-аз дасти камон бехонумонам.

Фалак, дидӣ, ки бар ҷонам чиҳо кард.
Ғами олам насиби ҷони мо кард.
Ғами олам ҳамаш реги биёбон,
Фалак барчиду дар домони мо кард.

Сари куҳи баланд як тори гандум,
Ғарибӣ мекунам дар шаҳри мардум.
Ғарибӣ карда-карда, тор гаштам,
Миёни дусту душман хор гаштам.

Сари сарчашма рафтам ман ба вақте,
Ба оби дида биншондам дарахте.
Шамол омад, дарахтам решакан шуд,
Мани мискин надорам ҳеҷ бахте.

Қафас тангай, наметонум парида,
Ватан дурай, наметонум расида.
Агар мурғи ҳаво ояд ба суям,
Зи аҳволи шумо дар ҷустуҷуям.

Ситора дар ҳаво кабки зарин аст,
Худам ангуштарин, ёрам нигин аст.
Худовандо, нигинамро нигаҳ дор,
Ки ёри аввалу охир ҳамин аст.

Чӣ шаб, маҳтоб дорад ё надорад,
Ду чашмат хоб дорад ё надорад?
Ҳамон себе, ки дорӣ, ёр, дар даст,
Надонам, об дорад ё надорад?!

Сари куҳи баланд, ёр, манзилат нест,
Муҳаббатҳои аввал дар дилат нест.
Ма қурбони муҳаббатҳои аввал,
Фаромуш кардаӣ, дар хотират нест.

Диле дорам, дили носуда дорам,
Хаёли зинда, доғи мурда дорам.
Хаёли мурдаро хости Худо буд,
Ҷудои зиндаро тоқат надорам.

Маро дар куча дидӣ, ханда кардӣ,
Ба сад нозу карашма банда кардӣ.
Накардӣ аз таҳи дил ошногӣ,
Ба назди ҷураҳо шарманда кардӣ.

Ду-се руз аст, ки буи гул наомад,
Садои хондани булбул наомад.
Равед, аз боғбони гул бипурсед,
Чаро булбул ба пеши гул наомад.

Нигори нозанини аҳли дардам,
Сарамро гар бурӣ, аз ту нагардам,
Сарамро гар бурӣ бо ханҷари тез,
Ба хун ҷавлон занам, гирди ту гардам.

Диле дорам, ки аз султон натарсад,
Зи банди кундаву зиндон натарсад.
Дили ошиқ мисоли гурги гушна,
Ки гурги гушна аз чупон натарсад.

Агар боди сабо пайдо намешуд,
Даҳони гунчаи гул во намешуд.
Агар Лайлира medодан ба Маҷнун,
Ба олам ошиқӣ расво намешуд.

Нигоро, ту гули сурхию ман зард,
Ту аз шодӣ шукуфию ман аз дард.
Биё, он сурхгул бо зардгул неҳ,
Ки дар боғ ин ду гул бо якдигар беҳ.

Илоҳӣ, ошиқи зори ту бошам,
Ба ҳар куча харидори ту бошам.
Агар рузе дусад борат бубинам,
Ҳануз муҳтоҷи дидори ту бошам.

Илоҳӣ, мисли ман беёр бошӣ,
Ба ранг зарду ба тан бемор бошӣ.
Шунидам ёри нав дар бар гирифтай,
Ба ҳар пахлу бигардӣ, хор бошӣ.

Дилам ғам дораду ғам дорад имруз,
Миёни лола шабнам дорад имруз.
Намедонам бигирям ё бихандам,
Ки ёрам қасди рафтан дорад имруз.

Нигоро, як шабе ёдам накардӣ,
Ба пайғому салом шодам накардӣ.
Ба мактабхонаи ишқи ту будам,
Сабақ додиву устодам накардӣ.

Шаби шанбе, ки кайко мезанан неш,
Биё дилбар, ки дар пешам касе нест.
Илоҳо, бишканад дасти намадрез,
Намад тангай, ки ҷои дилбарам нест.

Гули сурху сафеди арғувонӣ,
Ба ҳуснат мекунам ман боғбонӣ.
Гули сурху сафед ай мо рамидай,
Ягон ҳарфи баде аз мо шунидай?

Кабутарбаччаи сабзи ҳавоӣ,
Миёни мову ту кардан ҷидоӣ.
Ҳамон кас, ки ҷидоиро бино кард,
Саҳар хезад, хурад тири ҳавоӣ.

Диле дорам, ки беҳбудӣ надора,
Насиҳат мекунам, суде надора.
Ба бодаш медиҳам, кай мебарад бод,
Ба оташ мезанам, дуде надора.

Ало духтар, ду хол дорӣ ба руят,
Туро лоиқ набинам ман ба шуят.
Дуое мекунам, шуят бимирад,
Ки як лаҳза нишинам ру ба руят.

Азизам, аз лабат буи гул ояд,
Маро аз ту ҷудоӣ мушкил ояд.
Маро гуянд: «Ҷудоӣ кун, ҷудоӣ»,
Ҷудоӣ гар кунам, ҷонам бароянд.

Фидои бачаи ҳамсоя мешам,
Агар афтоб шава, ман соя мешам.
Агар кафтар шава зери дарахте,
Ба уммеди шикораш боша мешам.

Сарам дард мекунад, сарвар биёред,
Табиби шои Искандар биёред.
Табиби шои Искандар набоша,
Равед, аз хонаи дилбар биёред.

Сари чашма расидам, нола кардам,
Назар бар хонаи ҷонона кардам.
Назар кардам, надидам ёри худро,
Гиребон то ба доман пора кардам.

Сари куҳи баланд то кай нишинам,
Ки лола сар барорад, ман бичинам.
Чу лола сар баровард, бебақо шуд,
Чилими нуқрагин аз даст ҷудо шуд.

– Нигори нозанини резадандон,
Маро ай бахши ту бурдан ба зиндон.
– Дута гушвор дорам харҷи зиндон,
Чаро ғам мехурӣ, эй ёри нодон?!

Ҷавони нозанини зирадандон,
Миёни синатон будас гулистон.
Миёни синатон як шаб бихуфтам,
Надонистам, баҳор буд ё зимистон.

Нигори нозанин, ҳастам ғуломат,
Бигир дастам, бубар болои бомат.
Агар болои бомат кас набошад,
Бите бӯса аз он даври лабонат.

Аз ин ҷо то Бухоро лола боша,
Ҳамеша кори ошиқ нола боша.
Ту мегӯӣ, ки ошиқ мурданӣ нест,
Илоҳӣ умракут садсола боша.

Сиёчашмак, ки чашмак мезанӣ ту,
Диламро бурдаӣ, гап мезанӣ ту.
Диламро бурдаӣ бо сеҳру ҷоду,
Чаро лофи муҳаббат мезанӣ ту.

Сари роҳат нишинам, ту биёӣ,
Фидоят мекунам ҳар чӣ бихоҳӣ.
Надорам туҳфае аз ҷон қиматтар,
Аз он тарсам, ки ҷонамро нахоҳӣ.

Дута кафтар будем дар тоқи айвон,
Ки шаб дар хонаву руз дар биёбон.
Кадом золим, ки ҷуфтро тоқ кардаст,
Диламро то қиёмат доғ кардаст.

Арақ гирди лабат шабнам гирифтас,
Дили мискини манро ғам гирифтас.
Биё, эй ҷура, аз олам хабар гир,
Сари роҳи маро душман гирифтас.

Ало духтар, таманнои ту дорам,
Назар бо қадди болои ту дорам.
Тамоми мева дар боғи ҷаҳон ҳаст,
Тамаъ аз меваи боғи ту дорам.

Қади сарват илоҳӣ хам нагардад,
Дили шодат ба даври ғам нагардад.
Илоҳӣ бошию садсола бошӣ,
Ки соят бар сари мо кам нагардад.

Сари роҳи маро девор кардан,
Маро муҳтоҷи руи ёр кардан.
Илоҳо, кур шава чашми ҷидогар,
Маро аз хонумон безор кардан.

Ало духтар, намешносӣ Худоро,
Парешон кардаӣ зулфи сиёро.
Наметарсӣ зи фардои қиёмат,
Чаро куштай ҷувони бегуноро.

Дуто духтар ба суи хона мерафт,
Якаш пешу дигар гул чида мерафт.
Ма қурбони қади пешина духтар,
Ду кокул то миён ҷунбида мерафт.

Ба боло мерава духтару модар,
Ки очаш барги гул, духтар кабутар.
Илоҳо, ту мара шоҳин бигардон,
Бигардум сар-сари роҳи кабутар.

Нигори нозанини дона-дона,
Арақ гирди лабонат карда хона.
Арақро пок кунем бо як баҳона,
Зи лаб буса гирем, ҳеҷ кас надона.

# ДАСТАГУЛ

*(сурудҳои адибони Кӯлоб)*

*Ашӯр САФАР*

## СИЯҲЧАШМАК

*(суруд)*

Саҳар дидам чу хандон лолаи тар,
Бар рӯи барги гул шабнам чу гавҳар,
Хушо, аз чеҳраи хуршед мерехт
Ба боғу марғзорон хирмани зар.
Ҷаҳоне аз фараҳ бунёд кардам,
Сияҳчашмак, туро ман ёд кардам.

Ба сайри боғу гулшан по ниҳодам,
Ҳаловат бурда баҳри дил кушодам.
Шудам чун андалеб аз бӯи гул маст,
Ту, ҷонам, омадӣ аз нав ба ёдам.
Кучҷоӣ гуфтаму фарёд кардам,
Сияҳчашмак, туро ман ёд кардам.

Шафақ хандид бегаҳ мисли рӯят,
Ба шом омехт дигар банди мӯят,
Нишаста дар саманди орзуҳо,
Намудам то саҳаргаҳ ҷустуҷӯят.
Даводав ҳар сӯ мисли бод кардам,
Сияҳчашмак, туро ман ёд кардам.

Баҳоратро ба ҷон табрик гӯям,
Туро маҳпораи тоҷик гӯям.
Қаламро бо забон якҷо намуда,
Сухан бар номи некат нек гӯям.
Суруди ишқи ту эҷод кардам,
Сияҳчашмак, туро ман ёд кардам.

## КУРТАҲАЛИЛ[1] ДУХТАРАК
*(суруд)*

Ҷунбиши гулбези ту
Саҳна гулистон кунад.
Нози шакаррези ту
Ғорати ҳар ҷон кунад.
Куртаҳалил духтарак,
Шодии дил духтарак.

Дар ҷои як нуқта ҳам
Печ хӯрӣ мисли мавҷ.
Гоҳ шавӣ пасту хам,
Гоҳ бароӣ ба авҷ.
Куртаҳалил духтарак,
Шодии дил духтарак.

Рақси диловези ту
Ҷону дил афсун кунад,
Ғамзаву маҳмези ту
Олама мафтун кунад.
Куртаҳалил духтарак,
Шодии дил духтарак.

---

[1] Ҳалил – ҳарир.

*Саидҷон ҲАКИМЗОДА*

## СУРУДИ «БАЧАМОЙ»

*(Нолаи ҷонсӯзи модарон)*

То ҳанӯз ояд ба гӯши ман суруди «бачамой»,
Тира бошад осмони дил зи ҷуди «бачамой»,
Абри гирёни баҳорон дар намуди «бачамой»
Бигзарад аз тори сар чун ёдбуди «бачамой».

Як ҷавони нозанин аз ҷанги Гирмон барнагашт,
Як ҷаҳони орзую ишқу армон барнагашт,
Чӯҷаи гунҷишк не, фарзанди инсон барнагашт,
Кам намегардад даме аз ашк рӯди «бачамой».

Барнагашту аз ғамаш бигзашт даври лолае,
Монд нобикшода як сандуқи пур аз колае,
Мурд бо ӯ гӯиё армони чандинсолае,
Хезад аз дилҳои пур аз сӯз дуди «бачамой».

Рафт дуди ҷангу дар дил монд аммо дудааш,
Кам намегардад замоне ҳам ғами афзудааш,
Ҷанг охир бофт бо дастони хунолудааш
Тору пуди модарон бо тору пуди «бачамой».

## РАҚСИ ТОҶИКӢ

Даст меҷунбад ҷудо, даспона меҷунбад ҷудо,
Мӯ ҷудою гардану пешона меҷунбад ҷудо.
Гирд мегардад даме, гирдоб ояд пеши рӯ,
Пой меҷунбад ҷудою шона меҷунбад ҷудо.

Узв-узви пайкараш гӯё ҷудо аз ҳам шудаст,
Чашм дар сарви қадаш чун лона меҷунбад ҷудо.
Мехурад сад тоб мисли химча нахли қоматаш,
Остину шаддаи дурдона меҷунбад ҷудо,
Мекунад бозӣ чу мавҷи рӯд абрӯ ҳар нафас,
Ҳар сари миҷгони ӯ мастона меҷунбад ҷудо.
Аз қафои ӯ дару девор меояд ба рақс,
Фарш меҷунбад ҷудою хона меҷунбад ҷудо.
Бо ҳавои зарбҳою гурс-гурси пойҳо
Шамъ меҷунбад ҷудо, парвона меҷунбад ҷудо.
Мешавад эҳё аз он дунёи рангини дигар,
Дар дили мо олами афсона меҷунбад ҷудо.

## ЭЙ, ГУЛИ НАВРӮЗИ МАН

Дил бикашад рӯи ту,
По барадам сӯи ту,
Ҷону дилам ташнаи
Шаршараи мӯи ту,
    Эй, гули наврӯзи ман,
    Дилбари дилсӯзи ман!

Дар ҳама ҷо гул шукуфт,
Лолаю сунбул шукуфт,
Лек хуш аст аз ҳама
Накҳати хушрӯи ту,
    Эй, гули наврӯзи ман,
    Дилбари дилсӯзи ман!

Бод шавад мушкбез,
Қатра шавад файзрез,
Гар бинамояд гузар
Аз бари гесӯи ту,
    Эй, гули наврӯзи ман,
    Дилбари дилсӯзи ман!

Аз ҳама ин сабзазор,
Барги тари шохсор,
Дар назарам сабзтар
Сабзаи абрӯи ту,
    Эй, гули наврӯзи ман,
    Дилбари дилсӯзи ман!

Обӣ ҳама ҷо шудаст,
Ҷӯй чу дарё шудаст,
Об хурад қалби ман
Лек зи сарҷӯи ту,
    Эй, гули наврӯзи ман,
    Дилбари дилсӯзи ман!

То ки бимонӣ ҷавон,
То ки набинӣ хазон,
Дар лаби ман шеъри тар
Ҳаст дуогӯи ту,
    Эй, гули наврӯзи ман,
    Дилбари дилсӯзи ман!

Меравад ин навбаҳор
Бо ҳамаи рангу бор,

Боз бимонад ба ҳам
Ишқи ману кӯи ту,
Эй, гули наврӯзи ман,
Дилбари дилсӯзи ман!

*Қурбоналӣ РАҶАБ*

## НАВОҲОИ ДУТОРИ МАН

Биё, эй гулнигори ман,
Арӯси ноздори ман.
Нахоҳам як даме бошӣ
Гулам, дур аз канори ман.
Набошад моли дунёву
Фақат бошӣ ту ёри ман,
Ба ҷонам ҳастӣ як ҷону
Гули рӯи баҳори ман.
Ба роҳат интизорам ман,
Ту ҳам бош интизори ман.
Манам чун дар хумори ту,
Ту ҳам шав дар хумори ман.
Биёӣ, мешавад ором
Қалби беқарори ман.
Биё, дилбар, ба дастат гир
Калиди рӯзгори ман.
Ба ёди туст ҳар савту
Навоҳои дутори ман,
Биё,бикшо гиреҳҳои
Тамоми банди кори ман.

*Ҳабибулло ФАЙЗУЛЛО*

## ЁДИ НАВРӮЗ

Боз дар гӯшаи порисаи боми падарӣ
Лола мерӯяду қумрӣ ба наво меояд.
Лона монанд зи нав достакони сафарӣ,
Иди Наврӯз ҳама хонаи мо меояд.

Амаки ҷуфтгарам ҷуфт кунад ҳотаи хеш,
Бачагон гашта савори чапари молаи ӯ.
Абри боранда бирез оби баҳо бар сари кишт,
То ки афзун бишавад ҳосили имсолаи ӯ.

Рӯди кӯҳӣ бичаҳад мавҷзанон, шиҳакашон,
Гӯӣ чун аспи самандест, ба тоб омадааст.
Санг ғелон шуда аз кӯҳ дами сели дамон,
Чу саворест, ки як по ба рикоб омадааст.

Бӯи сабза, бӯи гул, бӯи замини падарӣ
Сӯи худ мекашад ин лаҳза маро аз раҳи дур.
Ҷӯям аз кӯчаи деҳ ҳамсабақонро ба умед,
Ҳамчу набзе, ки биҷӯяд ба тане одами кӯр.

Ошёни деҳаву ҳар сӯ ба парвоз шудем,
Ман ба дидори шумо гашта хумор омадаам.
Боз чун сели кабӯтар зи сафарҳои дароз
Пешвози ҳаматон фасли баҳор омадаам.

Боз дар гӯшаи порисаи боми падарӣ
Лола мерӯяду қумрӣ ба наво меояд.
Лона монанд зи нав достакони сафарӣ,
Иди Наврӯз ҳама хонаи мо меояд.

*Ҳақназар ҒОИБ*

* * *

Пираҳан ба бар кун, вақти рафтан аст,
Тоҷи зар ба сар кун, вақти рафтан аст.
Шоли гул ба сар банд, моҳи заркамар,
По ба кафши зар кун, вақти рафтан аст.

Шуд қиссаи ошиқии мо афсона,
Бар ҳар дару деҳаю ба ҳар кошона.
Рӯ-рӯи гуло бадар шав охир зи ҳарам,
Рӯ-рӯи гуло туро барам то хона.

Пираҳан ба бар кун, вақти рафтан аст,
Чатри гул ба сар кун, вақти рафтан аст.
Ишқа болу пар кун, ёри хушсухан,
Зулфа мушки тар кун, вақти рафтан аст.

Хушрӯию хушгӯию хушхони ту
Гулрӯю гуландому гулафшони ту.
Худсӯзу худафрӯзу хушармони ту,
Кӯтоҳии гап, ҷаҳонию ҷонӣ ту.

Пираҳан ба бар кун, вақти рафтан аст,
Ишқа тоҷи сар кун, вақти рафтан аст.
Чашма сурмасо кун, ёри хушназар,
Заркамар ба бар кун, вақти рафтан аст.

Рӯида ба боғи ишқи ту ахли тарам,
Гул бар сараму умедвори самарам.
Деҳ даст маро, аз назари ҳақнигарам,
Ман ҳақсухану ҳақталабу Ҳақназарам.

Пираҳан ба бар кун, вақти рафтан аст,
Тоҷи зар ба сар кун, вақти рафтан аст.
Шоли гул ба сар банд, моҳи заркамар,
По ба кафши зар кун, вақти рафтан аст.

* * *

Чарх бизан, ёри чаканпӯши ман,
Саҳна чаман кун, чаманоғӯши ман.
Бо нигаҳи розкушои хушат
Зинда бикун ёди фаромӯши ман.

Бод бидеҳ домани сабзи чакан,
Соз биҷунбон ту ниҳоли бадан.
Рез ба шаҳду шакари нози хеш
Сад чамани ишқ дар оғӯши ман.

Ишқ ба ракс омада дар хандаат,
Чашм шуда масти шакархандаат.
Як на манам бандаи рақсиданат,
Чак зада гаштанд ҳама бандаат.

Ҷони ҷавон садқаи рақсиданат,
Умри равон садқаи рақсиданат.
Ҷумла ҷаҳон маҳви ҷамолат шуда,
Ҷумла ҷаҳон садқаи рақсиданат.

*Муҳаммад ҒОИБ*

## НОЗИ НИГОҲ

Оташи наврӯз шарорат кунам,
Гарм дили ҳамчу баҳорат кунам,
Маскани иқбол канорат кунам,
Мамлакати ишқ диёрат кунам,
Ҷони худодода нисорат кунам.

Чашми сиёҳи ту умеди ман аст,
Нози нигоҳи ту умеди ман аст.
Рози нигоҳи ту умеди ман аст,
Хона ба чашмони хуморат кунам,
Ҷони худодода нисорат кунам.

Ҳаст лабони ту гулу рӯй гул,
Мижжаву абрӯй гулу мӯй гул,
Пираҳану докаи хушрӯй гул,
Гулбаданам ҳифз зи хорат кунам,
Ҷони худодода нисорат кунам.

Гавҳари дарёи муҳаббат туӣ,
Якта ба дунёи муҳаббат туӣ.
Оҳуи саҳрои муҳаббат туӣ,
Сайди гурезанда шикорат кунам,
Ҷони худодода нисорат кунам.

Ишвакунон чун ту қадам мезанӣ,
По ба сари хоки адам мезанӣ.
Гард ба домони алам  мезанӣ,
Сурмаи ду дида ғуборат кунам,
Ҷони худодода нисорат кунам.

Қадди базеби ту дилам бурдааст,
Сурхии себи ту дилам бурдааст,
Фанду фиреби ту дилам бурдааст,
Майл чу Мансур ба дорат кунам,
Ҷони худодода нисорат кунам.

Ёр, агар хоҳӣ биё, меравам,
Бар ватани ишқу вафо меравам.
Гар наравӣ, рӯ ба Худо  меравам,
Асп надорам, ки саворат кунам,
Ҷони худодода нисорат кунам.

Хуни ҷигарро зи анорам бипурс,
Ҳасрати баргам зи чанорам бипурс,
Чист маро? Аз дили зорам бипурс,
Зоракунон ошиқи зорат кунам,
Ҷони худодода нисорат кунам.

Тобхурон тобхурам кардаӣ,
Шомаму маҳтобхурам кардаӣ.
Хоб куҷо? Хобхурам кардаӣ,
Пуди вафо бастаи торат кунам,
Ҷони худодода нисорат кунам.

Сурмаи ду дида ғуборат кунам,
Зоракунон ошиқи зорат кунам,
Маскани иқбол канорат кунам,
Мамлакати ишқ диёрат кунам,
Ҷони худодода нисорат кунам.

## ОРЗУИ МУШКИЛ

Ту ҳастӣ орзуи мушкили ман,
Ту дар андешаҳои моили ман.
Барои бахту умри ҷовидонӣ
Туро бояд нигаҳ дорад дили ман.

Касе, ки дарду ғам дар сина дорад,
Гумонам ӯ ҳама ганҷина дорад.
Ғаму дарди ту бошад ҳосили ман,
Туро бояд нигаҳ дорад дили ман.

Чу дарёи равони зиндагонӣ,
Сафобахшу давои сӯзи ҷонӣ.
Набошӣ ту, набошад соҳили ман,
Туро бояд нигаҳ дорад дили ман.

Ту худ сарчашмаи илҳом бошӣ,
Сазовори ҳазорон ном бошӣ.
Сухан аз ту равад дар маҳфили ман.
Туро бояд нигаҳ дорад дили ман.

Ба ёди ту хаёлан хона дорам,
Ба боғам нахли ширindona дорам.
Ту ҳастӣ файзи боғу манзили ман,
Туро бояд нигаҳ дорад дили ман.

Ту ҳастӣ орзуи мушкили ман,
Ту дар андешаҳои моили ман.
Барои бахту умри ҷовидонӣ
Туро бояд нигаҳ дорад дили ман

*Раҷабалии РОҒӢ*

## КУРТАСУРХАК

Маҳи нав оламоро, куртасурхак,
Зи ишқаш сӯхт моро куртасурхак.

Даруни сина зад бо ғамза тирам,
Бишуд ишқам дуболо, куртасурхак.

Зи чашми масти шаҳлояш мапурсед,
Надорад ҳеҷ ҳамто куртасурхак.

Рухаш мисли анори наврасида,
Аҷаб хушрӯю зебо, куртасурхак.

Миёни духтарон дар пахтазорон
Гули сурх аст гӯё куртасурхак.

Агарчанде ба сад ҳусну латофат
Бувад бисёр ҳар ҷо куртасурхак,

Вале ин гуна зебои гуландом
Надида рӯи дунё, куртасурхак.

Хуш он рӯзе, Раҷаб, бахтат бихандад,
Ки гардӣ ошно бо куртасурхак!

*Сафар Аюбзодаи МАҲЗУН*

## МУРҒИ МАРҶОНМА БИДЕҲ
*(Назира ба бадеҳаи халқӣ)*

**Зан**: Мардаки ҳамсоя, мегӯм, мурғи марҷонма бидеҳ,
Мурғаки хушрӯю хушрафтору хушхонма бидеҳ!

**Мард**: Занаки ҳамсоя, мегӯм, мурғи ҳундук ба ма нест,
Мурғи қур-қуркунаки монандаи ғук ба ма нест!

**Занҳо**: Мардаки ҳамсоя, мегӯм, мурғи марҷонша бидеҳ!
Мурғаки хушрӯю хушрафтору хушхонша бидеҳ!

**Мардҳо**: Занаки ҳамсоя, мегӯм, мурғи ҳундук ба мо нест,
Мурғи қур-қуркунаки монандаи ғук ба мо нест!

**Зан**: Сагу пишакам аз шумо,
Хари хешакам аз шумо…
Мардаки ҳамсоя, мегӯм, мурғи марҷонма бидеҳ!
Мурғаки хушрӯю хушрафтору хушхонма бидеҳ!

**Мард**: Сагу пишакат аз худат,
Хари хешакат аз худат…
Занаки ҳамсоя, мегӯм, мурғи ҳундук ба ма  нест!
Мурғи қур-қуркунаки монандаи ғук ба ма нест!

**Занҳо**: Мардаки ҳамсоя, мегӯм, мурғи марҷонша бидеҳ,
Мурғаки хушрӯю хушрафтору хушхонша бидеҳ!

**Мардҳо**: Занаки ҳамсоя, мегӯм, мурғи ҳундук ба мо нест,
Мурғи қур-қуркунаки монандаи ғук ба мо нест!

**Зан**: Ту чӣ, мехоҳӣ, туро пеши пракрор барам?
Ё ба пеши «буқаҳо»-и гузари тор барам?
Мурғакам аз модарам  буд, мурғи марҷонма бидеҳ!
Рӯзу шаб пеши дарам буд, мурғи хушхонма бидеҳ!

**Мард**: Мурғакат буд аҷали сабзаи гулгашту чаман,
Балки одамхор буд, ҳатто ҳуҷум кард ба ман!
Чӣ кунум ҷони ширинам, мурғи марҷон ба ма нест,
Мурғаки хушрӯи зеби мурғбирён ба ма нест!

**Занҳо**: Мурғакаш аз модараш буд, мурғи марҷонша бидеҳ,
Рӯзу шаб пеши дараш буд, мурғи хушхонша бидеҳ!

**Мардҳо**: Занаки ҳамсоя мегӯм, мурғи марҷон ба мо нест,
Мурғаки хушрӯи зеби мурғбирён ба мо нест!

**Зан**: Хонаву дарам аз шумо!
Пешаки барам  аз шумо!  Ёр…
Мардаки ҳамсоя, мегӯм, мурғи марҷонма бидеҳ!
Мурғаки хушрӯю хушрафтору хушхонма бидеҳ!

**Мард**: Хонаву дарат насибам!
Пешаки барат насибам! Ҷо-он…
Дилбари ҳамсоя, мегӯм, мурғи ҳул-ҳул ба ман аст!
Мурғаки хушхонаки монанди булбул ба ман аст!

**Зан**: Мурғи марҷонма бидеҳ, ёри дилу ҷони туям,
**Зану Мард:**
Ошиқи рӯи туям, ёри ғазалхони туям! *(ду-се бор).*

*ХАЙРАНДЕШ*

## ҲИНОБАНДОН

Имшаб ҳинобандонае,
Хурду калон хандонае.
Апаву хоҳар ҳама ҷамъ,
Як хона саргардонае.

Рав, ҳинара, янга, биёр,
Хоҳар бра санга биёр.
Шираву шарбатиш кунем,
Замчу намак қатиш кунем.

Дар забонум бисмило,
Дар кафи дастум тило.
Пушти нохун нурҷило,
Барги ангур ай боло.

Дастма бандум, дастакум анор шава,
Худо мегум ризқакум бисёр шава.

Дасти мара худут бубанд, очаи ҷон,
Имшаб ҳинобандонае,
Шӯхӣ кунум, кам-кам бханд, очаи ҷон,
Имшаб ҳинобандонае.
Очаи ма илоҳӣ садсола шава,
Илоҳӣ садсола шава,
Саҳар хезум, дастум гули лола шава,
Дастум гули лола шава.

Имшаб ҳинобандонае,
Хурду калон хандонае.
Апаву хоҳар ҳама ҷамъ,
Як хона саргардонае.

Рав, ҳинара, янга, биёр,
Хоҳар бра санга биёр.
Шираву шарбатиш кунем,
Замчу намак қатиш кунем.

Дар забонум бисмило,
Дар кафи дастум тило.
Пушти нохун пурҷило,
Барги ангур ай боло.

Дастма бандум, дастакум анор шава,
Худо мегум ризқакум бисёр шава.

Апа биё, хоҳар биё, ҳина бубанд,
Имшаб ҳинобандонае,
Янга биё, додар биё, ҳина бубанд,
Имшаб ҳинобандонае.
Саҳар афтов набромада бкшоемуш,
Қулфо кушоянда шава,
Ба ҳамдигар ханда када бкшоемуш,
Хона пъри ханда шава.

Имшаб ҳинобандонае,
Хурду калон хандонае.
Апаву хоҳар ҳама ҷамъ,
Як хона саргардонае.

Рав ҳинара, янга, биёр,
Хоҳар бра санга биёр.
Шираву шарбатиш кунем,
Замчу намак қатиш кунем.

Дар забонум бисмило,
Дар кафи дастум тило.
Пушти нохун пурҷило,
Барги ангур ай боло.

Дастма бандум, дастакум анор шава,
Худо мегум ризқакум бисёр шава.

## АБРӮ НАПАРОН

Бар ишваву нози ту чу гаштам нигарон,
Абрӯ напарон,
Рафтанд зи ёди ман ҳама лабшакарон,
Абрӯ напарон.
Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон,
Абрӯ напарон.
Ман хестам охир чӣ кунам бо дигарон,
Абрӯ напарон.
Абрӯ напарон, духтарак,
Абрӯ напарон.

Кай сер бубинам ишваву нози туро,
Абрӯ напарон,
Гирам ба канор қади таннози туро,
Абрӯ напарон.
Кай бошаду кай, ки бишнавам рози туро,
Абрӯ напарон.

Дар гӯши дилам ҷо диҳам овози туро.
Абрӯ напарон,
Абрӯ напарон, духтарак,
Абрӯ напарон.

Бар рақс маро ишора кардӣ, ки баро,
Абрӯ напарон,
Ман рақса наметонум, нахезон ту маро,
Абрӯ напарон.
Маҷбур макун маро, Худобехабаро,
Абрӯ напарон,
Маҷбур, ки мекунӣ, бихезон ҳамаро,
Абрӯ напарон,
Абрӯ напарон, духтарак,
Абрӯ напарон.

Абрӯ напарон, ки мешавӣ қотили ман,
Абрӯ напарон,
Абрӯ напарон, ки зор нолад дили ман,
Абрӯ напарон,
Абрӯ напарон, биё ту бар маҳфили ман,
Абрӯ напарон,
Моил ба касе нашав, бишав моили ман,
Абрӯ напарон,
Абрӯ напарон, духтарак,
Абрӯ напарон.

Эй баргаки абрӯи ту монанди ҳилол,
Абрӯ напарон,
Ҳуши ҳама мардумон шудай бар ту кашол,
Абрӯ напарон,

Як бор намеорӣ ту моро ба хаёл,
Абрӯ напарон,
Абрӯ напарон, ки мешавам аз ту малол,
Абрӯ напарон,
Абрӯ напарон, духтарак, абрӯ напарон,
Абрӯ сни мо парону ҳар сӯ напарон.

## АНА ГУЛ БОҒИ БА БОҒ

Ана гул боғи ба боғ,
Ана дил доғи ба доғ.
Ана ёрам ба сафар,
Ана мерам ба суроғ.
Ана сӯзонад агар,
Ана доғаш ба ҷигар.
Ана ман дил надиҳам
Ана бар ёри дигар.
Ана гул боғи ба боғ,
Ана дил доғи ба доғ.
Ана гул боғи ба боғ асту хазон пушти дар аст,
Ана дил доғи ба доғ асту алов дар ҷигар аст.
Ана булбул ба дили доғу ба чашмони тар аст,
Ана гул бехабар аст,
бехабар аст,
бехабар аст.
Ана гул боғи ба боғ,
Ана дил доғи ба доғ.
Ана ёрам ба сафар,
Ана мерам ба суроғ.
Ана сӯзонад агар,
Ана доғаш ба ҷигар.
Ана ман дил надиҳам
Ана бар ёри дигар

Ана гул боғи ба боғ,
Ана дил доғи ба доғ.
Ана эй бехабарон, ба ҳоли зорам нигаред,
Ана, эй бохабарон, хабар ба ёрам бубаред.
Ана аз ҷабри ғами лабшакарон бехабаред,
Ана беғуссаву бе сӯзи ҷигар мегузаред.
Ана гул боғи ба боғ,
Ана дил доғи ба доғ.
Ана ёрам ба сафар,
Ана мерам ба суроғ.
Ана сӯзонад агар,
Ана доғаш ба ҷигар.
Ана ман дил надиҳам
Ана бар ёри дигар
Ана гул боғи ба боғ,
Ана дил доғи ба доғ.

* * *

Мон, ки хуб сабза дамонад суманак,
Мон, ки хуб шира давонад суманак.
Мон, ки дар рӯи тафи лахчаалов
Сухтан чист? Бидонад суманак.
Сурх гардида чу рухсори арӯс,
Аз даҳан об равонад суманак.
Ҳар касе коса надорад, бираваd
Дар табақ зуд бимонад суманак.
Маззаи кишти баҳорӣ ҳар сол
Пеш аз вақт чашонад суманак.
Ҳосил имсол шавад бобаракат,
Ба ҳама мужда расонад суманак.
Мешавад садқаҳакаш Хайрандеш,
Ҳар касе пухта тавонад суманак.

*Файзи АШӮР*

## ДУХТАРИ ХАТЛОН
*(суруд)*

Боз ба ҷавлон биё,
духтари Хатлон,
Силсилаҷунбон биё,
духтари Хатлон.

Куртаи гулгун ба бар,
Гул ба кафу гул ба сар,
Тозаназар чун гуҳар
Аз раҳи дилҳо гузар.

Боз ба ҷавлон биё,
духтари Хатлон,
Силсилаҷунбон биё,
духтари Хатлон.

Чашм бизан, ноз кун,
Боби дилам боз кун.
Сози тараб ҷӯр шуд,
Рақси нав оғоз кун.

Боз ба ҷавлон биё,
духтари Хатлон,
Силсилаҷунбон биё,
духтари Хатлон.

*Сафар АМИРХОН*

## ЧАКАНПӮШ

Чӣ хушрӯву чӣ зебоӣ, чаканпӯш,
Гули хандони яктоӣ, чаканпӯш.
Фитода дар дилу ҷон оташи ишқ
Зи чашми шӯху шаҳлои чаканпӯш.
Ҷавонию сари сабзам фидо бод
Ба пеши қадди раъноӣ чаканпӯш.
Хиромон бигзарад гоҳе зи кӯча,
Ҳама масти тамошои чаканпӯш.
Нигоҳам ғарқи мавҷи кокулонаш,
Дилам мафтуну шайдои чаканпӯш.
Бувад ҳар нақши ӯ дунёи армон,
Манам сармасти дунёи чаканпӯш.
Бигӯям нав ба нав шеъру тарона
Ба васфи ҳусни волои чаканпӯш.

*Нурулло ОРИФ*

## ГУЛИ ЁС

Баъди борон гули ёс,
Як сабад чида биё.
Пеши ман боз ба ноз,
Ёри ранҷида биё.

Бе ту бемор дилам,
Тоқаву зор дилам.
Дар садаф хуфтаву лек,
Бехаридор дилам.

Баъди борон гули ёс,
Як сабад чида биё.
Пеши ман боз ба ноз,
Ёри ранҷида биё.

Нозат афсонаи ман,
Ҷону ҷононаи ман.
Чак бизан, тоб бидеҳ,
Шона бар шонаи ман.

Баъди борон гули ёс,
Як сабад чида биё.
Пеши ман боз ба ноз,
Ёри ранҷида биё.

Шоду хандон дили туст,
З-оби тилло гили туст.
Дар базебӣ ба Худо,
Ҳама кас қоили туст.

Баъди борон гули ёс,
Як сабад чида биё.
Пеши ман боз ба ноз,
Ёри ранҷида биё.

## КӮЛОБИ ЧАКАНПӮШОН

Кӯлоби чаканпӯшон,
Аз ёд нахоҳӣ рафт.
То ҳаст Ватан дар ҷой,
Барбод нахоҳӣ рафт.

Хонатласи шеърам бод
Дар пойи ту пойандоз.
Овози дуҳул имрӯз,
Дар кӯча танинандоз.

Кӯлоби чаканпӯшон,
Аз ёд нахоҳӣ рафт.
То ҳаст Ватан дар ҷой,
Барбод нахоҳӣ рафт.

Меҳмони шабат маҳтоб,
Дар маъракa рақсон аст.
Бо қомати чун най рост.
Бо зулфи парешон аст.

Кӯлоби чаканпӯшон,
Аз ёд нахоҳӣ рафт.
То ҳаст Ватан дар ҷой,
Барбод нахоҳӣ рафт.

Андар сафи пеш аз рост,
Хуршеди фалак хандон,
Хуршеди баландилҳом,
Бо ҷамъи малак хандон.

Кӯлоби чаканпӯшон,
Аз ёд нахоҳӣ рафт.
То ҳаст Ватан дар ҷой,
Барбод нахоҳӣ рафт.

## ХУРМОИ МАЙДАДОНА

Ҳарчанд дорам имрӯз,
Дар шаҳри Ишқ хона.
Мисли ту ман надидам,
Хурмои майдадона.

Хурмои майдадона,
Зулфот зеби шона.
Дар боғи хандаҳоят,
Гул мекунад тарона.

Дӣ шаб зи ҷоми лабҳот,
То рӯз нӯш кардам.
То рӯз аз гузашта,
Афсона гӯш кардам.

Хурмои майдадона,
Зулфот зеби шона.
Дар боғи хандаҳоят,
Гул мекунад тарона.

Дилро чароғи ҳуснат,
Медошт аз бало дур.
Аз ғам набудат огаҳ,
Сар рӯи шонаи Нур.

Хурмои майдадона,
Зулфот зеби шона.
Дар боғи хандаҳоят,
Гул мекунад тарона.

Лабҳот буд ширин,
Аз себаки Самарқанд.
Ҷонам ба ҷонат, ай дӯст,
Пайванд соз, пайванд.

Хурмои майдадона,
Зулфот зеби шона.
Дар боғи хандаҳоят,
Гул мекунад тарона.

*Қосимҷон ЗАРИФӢ*

Эй очаи ҷон, бе ту дилам пурдард аст,
Монандаи ин санги мазорат сард аст.
Рухсораи ман баҳри фироқи рӯят,
Ҳамчун алафи рӯи мазорат зард аст.

Эй очаи ҷон, доғ-доғай дилакам,
Аз дарду ғама чун пари зоғай дилакам.
Ман ёди туро ба моли Қорун надиҳам,
Даврони туро ба сад суроғай дилакам.

Эй очаи ҷон, рӯи ту пеши назарам,
Ёдат ба дилу доғи ту андар ҷигарам.
Ман ёд намудам сари зонуи туро,
Аз рафтани ту сила надидаст сарам.

Эй очаи ҷон, бурди ту рӯзи хуши ман,
Девона шудаст ин сари беҳуши ман.
Рӯзе, ки туро дар лаҳадат мегзоштам,
Андар лаҳадат монданд ақлу ҳуши ман.

Эй очаи ҷон, синаи ман пуралам аст,
Чун соҳили Панҷ чашми ман пур зи нам аст.
Як умр агар ба ёди ту гиря кунам,
Эй, оча кам аст, оча кам аст, оча кам аст.

Эй очаи ҷон, бе ту дилам пора шудаст,
Кораш  шабу рӯз гиряву нола шудаст.
Мурғи дили ман ба ёди рӯят, оча,
Сар то сари Оқмазора овора шудаст.

Эй очаи ҷон, рафтиву ҷоят холист,
Сандуқчаи риштаву матоят холист.
Ман садқа шавам хоки қадамҷои туро,
Дар пуштаки дар ду кавши поят холист.

Эй очаи ҷон, доғи ту дар ҷони ман аст,
Фарёди ту дар синаи бирёни ман аст.
Он шохаи Панҷ соҳилаш рахна намуд,
Селобаи ду дидаи гирёни ман аст.

Эй очаи ҷон, оҳи ҷигар кушт туро,
Як духтараку чор писар кушт туро.
Як умри азизи худ ба мо кардӣ ту сарф,
Чун шохаи пурсамар, самар кушт туро.

Эй очаи ҷон, хоки туро садқа шавам,
Он дидаи ғамноки туро садқа шавам.
Болои мазори ту сафолак бастаст,
Ин қалби зи ғам чоки туро садқа шавам.

Эй очаи ҷон, пеши дарат омадаам,
Пазмон шудаму ман ба барат омадаам.
Дар зиндагият сер надидам рӯят,
Он бачаҳаки дарбадарат омадаам.

Эй очаи ҷон, парвардаи шири туам,
Ман мадҳгари ҳусни ҷаҳонгири туам.
Хуршеди манӣ, моҳи манӣ, ҷони манӣ,
Ман бачаҳаки дерхабаргири туам.

Эй очаи ҷон, хъшова мерай ҳота,
Оҳиста бъра, хор назана поҳота.
Бо гиряи худ раҳота ов чилча кънъм
Бо миҷа бърувъм, оча, пеши пота.

Эй очаи ҷон, қомати хамта садқа,
Чашмони бамеҳри пури намта садқа.
Аз дардъ ғама дарун-дарун месӯзӣ,
Ин қалби зи ғам қалам-қаламта садқа.

Эй очаи ҷон, хоб надорӣ ҳама шаб,
Аз сӯзи дилат тоб надорӣ ҳама шаб.
Чашмони сарат роҳи маро менигаранд,
Ду дидаи беоб надори ҳама шаб.

Эй очаи ҷон, дарду ғамат бар ҷонам,
Дур аз бари ту мудом саргардонам.
Як пой ба қишлоқаму як пой ба шаҳр,
Аз каҷравии замона ман ҳайронам.

Ганҷинаи зарнигор буд модари ман,
Деҳотии беқарор буд модари ман.
Ҳар чи ки ба дил дошт, ба лаб буд ҳамон,
Оинаи беғубор буд модари ман.

Мегиряд и абри навбаҳор очаи ҷон,
Бо нолаву оҳи дилфигор очаи ҷон.
Бо риштаи ғам кашида марҷон ба замин,
Монандаи ашки ман қатор очаи ҷон.

## МУНДАРИЧА

*А.Раҳмонзода.* Суруду офаридаҳои мардумӣ ганҷинаи бебаҳои халқанд .......... 3

Эй, куртачакан (сурудҳо) .......... 19

Кӯлоб будам, оби ширин мехурдам (рубоиҳо) .......... 95

Байту ғазалам барои ту мехонам (дубайтиҳо) .......... 199

Дастагул (сурудҳои адибони Кӯлоб) .......... 209

**СУРУДҲОИ**
**МАРДУМИИ КӮЛОБ**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд ва мусаҳҳеҳ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 22.07.2015 супорида шуд.
Чопаш 24.07.2015 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 15,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Илм» чоп шудааст.